**Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе -2019**

**ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**КАФЕДРАИ «ҲУҚУҚ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»**

**МАНСУРӢ ШОДМОН ҶАМОЛИДДИНЗОДА**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДУШАНБЕ – 2019**

**ББК 67.99 (2) 32 (2 тоҷик)**
**Ҷ -30**

**Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода.** Танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Нариёти «Сино», 2019. -124 с.

**Муқарризон:**
Сангинов Д.Ш. номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.
Олимов А.Х. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

**Муҳаррири масъул:** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдухолиқзода А.

**Муҳаррир:** Самандари Искандар.

**Муҳаррири техникӣ:** Асташин С.

Монографияи мазкур мавзӯи «Танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дарбар гирифта, барои бозҳам беҳтар намудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои шаҳрвандӣ ва ноил шудан ба дастовардҳои назаррас дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонад дар роҳи танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мусоидат намояд, ба таҳқиқи соҳаи хусусӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Монографияи мазкур аз ҷониби муаллиф, ҳанӯз соли 2015 ҳамчунрисолаи магистрӣ аз рӯйи ихтисиси «Идоракунии давлатӣ», дифоъ карда шудааст. Монография ба устодону донишҷӯёни мактабҳои олӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни давлатӣ, ташкилотҳои қарзӣ, соҳибкорон ва аҳли ҷомеа, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд, пешниҳод мегардад. Монографияи мазкур бо дарназардошти тағйиру иловаҳое, ки то соли 2019 ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, омода шудааст.

---

**© Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода, 2019.**

## МУНДАРИЧА

**Пешгуфтор………………..……………………………………… 4-13**

**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА ТАНЗИМИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……………………………………………..…….. 14-32**

1.1. Мафҳум ва моҳияти иҷрои уҳдадориҳои пулӣ……… 14-22

1.2. Баъзе аз масъалаҳои уҳдадориҳои пулӣ дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон………… 23-32

**БОБИ 2. ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……….. 33-56**

2.1. Мафҳум ва низоми уҳдадориҳои пулӣ……………….. 33-45

2.2. Намудҳо ва таснифоти уҳдадориҳои пулӣ …………... 46-56

**БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ СОҲИБКОРОН ОИД БА ИСТИФОДАИ ФОИЗҲО БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ…………….. 57-111**

3.1. Иҷрои уҳдадориҳо оид ба фоизҳо…………………..… 57-94

3.2. Муҳимият ва хусусияти ҳуқуқии фоиз оид ба истифодаи маблағҳои пулии ғайр ………………….……… 95-111

Рӯйхати адабиёти истифодашуда………………..……… 112-122

## Пешгуфтор

Танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатӣ накши муҳимро мебозад. Ҳукумати ҳар мамлакат бо мақсади ҳалли дурусти масъалаҳои идоракунии пулӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ва таъмини пешрафти иқтисодиёт, сиёсати худро барои чанд соли оянда муайян мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳодиҳӣ ва вазъи умумии иқтисодиёти кишвар ва дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандон нишондиҳандаю категорияҳои зеринро истифода мебарад. Аз ҷумла, маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ, тавозуни пардохт, фоида, арзиши аслӣ, нарх, тавозуни даромаду хароҷоти пулии аҳолӣ, ҳаҷми қарзи хориҷии давлатӣ, ҳаҷми қарзи дохилии давлатӣ, ҳаҷми захираҳои асъории давлат ва ғайра. Илова бар ин, дар соҳаи идоракунии давлатӣ нишондиҳандаҳои махсус вуҷуд доранд, ки дар соҳаи бонкдорию молиявӣ амалӣ карда мешаванд: ҳаҷми пул, қурби пул, ҳаҷми қарз, буҷет, даромаду хароҷотҳои он, андоз ва ғайра.

Бо мақсади рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амалӣ намудани сиёсати пулӣ дар кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Барои бозҳам беҳтар намудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои шаҳрвандӣ ва ноил шудан ба дастовардҳои назаррас дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонад дар роҳи танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мусоидат намояд, мо танҳо ба таҳқиқи соҳаи хусусӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем.

Қобили зикр аст, ки уҳдадориҳои пулӣ таърихан дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқии ҷаҳон дорои аҳамият ва мақоми мустақил буда, қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи сиёсати хоҷагидорӣ, усулҳои ба қонунгузории бозаргонӣ бегона асос ёфтааст.

**Муҳиммияти мавзӯъи таҳқиқот.** Мавзӯъи таҳқиқот ҳамчун ҷузъи муҳими иқтисоди бозорӣ буда, масъалаи уҳдадориҳои пулӣ дорои ҷойи махсус ва аҳамияти муайян дар ҳама соҳаҳои ҷаҳонӣ мебошад. Низоми ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ, бо таваҷҷуҳ ба талаботи гардиши бозори ҳозиразамон алоқадошта ба гуногуншаклию фарқиятҳои онҳо, дар қонунгузории граждании нав, дар навбати аввал, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қоидаҳои ба иҷрои онҳо нисбатдошта (шароити иҷро, оқибатҳои гузашти муҳлати иҷро ва ҳоказо), масъулият барои иҷро накардан ва ғайраро муқаррар кардааст, мақоми худро ёфтааст.

Аммо на ҳамаи масъалаҳои дар ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба миёноянда аз нигоҳи қонунӣ ҳал шудаанд. Сабаб дар он аст, ки ихтилофҳои назариявие мавҷуданд, ки ҳанӯз рафъ нашудаанд. Дар баробари ин, гарчанде аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вақти зиёде нагузашта бошад ҳам, ҳанӯз таҷрибаи мукаммали истеъмоли меъёрҳои гражданию ҳуқуқӣ ҳосил нагардидааст ва то ба ҳол мушкилоти ҳалношудае аз қабили таъсири тағйирот ба қудрати харидории пул, ба иҷрои ухдадории пулӣ, муҳосибаи фоиз ба маблағи зарарҳо, ба табиати фоизҳое, ки ҳангоми пешпардохт муҳосиба мешаванд ва бисёр масъалаҳои дигар боқӣ мондааст. Ҳамзамон, ҷавобгарии моддии ҷонибҳо барои риоя накардани шартҳои шартнома дар ҳолати харидору фурӯшанда, ҳангоми бастани шартнома вобаста ба дараҷаи боварии байниҳамдигарӣҷавобгарии тарафҳоро барои сари вақт иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ муайян менамояд. Ба ғайр аз ин, иштирокдорони муносибатҳои шартномавии муомилоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран бо мушкилоти ҳангоми иҷрои чӣ бояду чӣ шояди уҳдадориҳои пулӣ бавуҷудомада рӯ ба рӯ мешаванд. Масалан, сӯистифода

аз ҳуқуқ аз тарафи қарздиҳанда ба шакли истифодаи беинсофона аз ҳуқуқҳои ба вай дар шартнома додашуда бо роҳи амалигардонии ҳаққи гирифтани фоизи беинсофонаи баланд, таносуби сарватандӯзии беасос бо талаби ҷуброни зиёни баргардонидани маблағҳои пулии номбаршуда то бекор кардани шартномаи ҳаволашуда ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, вазифаи муҳимтарини ҳуқуқ, ин бо илм ва амал ташкил намудани механизмҳои ҳуқуқӣ шарти бештар самаранок таъмин кардани иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ва ҷуброн намудани тарафи зарардидае, ки иҷрои номатлуб ё иҷро накардани он мебошад. Ҷудоинопазирӣ, муносибатҳои мубодилаи ҷараёни афзоиши гуногунрангии низоми ҳуқуқии гражданӣ уҳдадориҳои шартномавиро вазнин намуда, бештар тавассути ҷалби дохилии тафриқаи, ба ин васила пайдоиши маҷмӯии (омехта) шартномавӣ алоқаманд буда, мусоидат мекунад. Онҳо низ боиси муайян гардидани уҳдадориҳо аз рӯи чунин соҳаҳо, (аз ҷумла, савдо, сохтмон, нақлиёт, суғурта, кори бонкӣ, хизматрасонӣ ва ғайра), ки дар муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ ва дар асоси маҷмӯи уҳдадориҳои дахлдор зуд-зуд «аслӣ» тибқи қонунгузорӣ ба миён меоянд. Дар натиҷаи таҳқиқот ва пажӯҳишҳо муайян гардид, ки дар қонунгузорӣ масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷа густариш дода шудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои мураккаби вобаста ба иҷрои уҳдадории пулӣ бо асъори хориҷӣ, ки ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, пайвастааст, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад. Муайяннамоӣ, дар вазъи ҳуқуқӣҳолати уҳдадориҳои пулӣ, ба иҷрои онҳо баромад мекунад, ки аз як тараф ҳуқуқи кафолати гуногунии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон инкишоф ёфта, аз тарафи дигар таъмини муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои фаъолияти муштарак пешниҳод карда мешавад.

Таҳқиқи илмии қонунгузорӣ тахия ва таъсиси чунин механизмҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки нисбатан таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои пулии дохилӣ ва муносибатҳои иқтисодии берунии муомилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти субъектони хоҷагидор мусоидат намояд.

**Сатҳи омӯзиши мавзӯи таҳқиқ.** Мутолиаю баррасии мавзӯи баҳсҳои уҳдадориҳои пулӣ аз нигоҳи шаҳрвандию ҳуқуқӣ дар давраи замони гуногун тавассути мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ анҷом дода шудааст. Муҳимтарин рисолаҳои бахшида ба уҳдадориҳои пулиро метавон зикр кард. Агарков М.М. китоби худ «Асоси ҳуқуқи бонкӣ, соли 1929»-ро ба таҳқиқи мавзӯъҳои баҳсноки алоҳидаи уҳдадориҳои пулии гардиши дохилӣ бахшидааст. Таҳқиқи бунёди уҳдадориҳои пулӣ дар китобҳои Лунтс Л.А. «Пул ва уҳдадориҳои пулӣ, соли 1927», «Уҳдадориҳои пулӣ дар ҳуқуқи гаржданӣ ва зиддияти кишварҳои сармоягузорӣ, соли 1948» саҳми арзандае ба вуъсати мавзӯъ мебошад.

Қувваи қонунӣ гирифтани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои баъзе маводи дар муқоиса бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ усулан фарққунанда мебошад, табаддулоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ боиси бедор шудани алоқамандии олимон ба мавзӯъҳои баҳсталаби уҳдадориҳои пулӣ ва баррасии табиати ҳуқуқии пулӣ, уҳдадориҳои пулӣ, ҳисобу китоби фоизҳо марбут ба уҳдадориҳои пулӣ ва ғайра гардидаанд. Дар навбати аввал ба таҳқиқоти асарҳои чунин муаллифон мисоли Новосёлова Л.А. «фоизҳо марбут ба уҳдадориҳои пулӣ, соли 2003», Ефимова Л.Г. «Муомилоти бонкӣ, соли 2000», Белов В.А. «Уҳдадориҳои пулӣ соли 2001», Раҳимов М.З. «Иҷрои уҳдадориҳои хоҷагидорӣ, соли 1996», Шарифзода Р. «Муомилоти пул ва қарз, соли 2008» таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Зимнан дар партави қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳқиқи

муқоисавии маҷмӯӣ ба мавзӯъҳои баҳсноки иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар гардиши дохилӣ ва дар соҳаи иқтисодиёти хориҷӣ зарурат дорад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади ҳамаҷониба аз он иборат аст, ки дар асоси омӯзиши махсуси адабиётҳо, таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, инчунин, амалияи гузаронидани ҳамаҷонибаи омӯзиши мушкилоти иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дахлдор таҳия гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар назар дошта шудааст.

**Дар доираи таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин дар назар аст:**

- омӯхтани мафҳум ва ҳуқуқи табиати уҳдадориҳои пулӣ;
- муайян намудани мазмуни намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳои пулӣ, инчунин таҳия ва ба вуҷуд овардани таснифоти уҳдадориҳои пулӣ;
- муайян кардани иҷрои уҳдадориҳои пулӣ;
- муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои масъулият барои вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ;
- муайян намудани ситонидани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии соҳибкорон барои риоя накардани уҳдадориҳои пулӣ;
- таҳияи асосноки пешниҳодҳои алоҳида оид ба такмили минбаъдаи механизми ҳуқуқии танзими муносибатҳои вобаста бо иҷрои уҳдадориҳои пулӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқ ин муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқи рисолаи магистрӣ ин муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ, муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар раванди иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, назариявӣ

ва техникӣ доир мегардад, инчунин, арзёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе давлатҳои дигар, ва амалияи субъектҳои хоҷагидор дар иртибот ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мебошад.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Методҳои умумиилмӣ ва хусусияти таҳқиқот дар асоси умумии диалектикӣ усули хусусӣ, зоҳирии мантиқӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва муносибати банизомдарории вазифавӣ, инчунин, бо истифода аз равиши махсуси илмӣ, усулҳои мисли таърихӣ, усули илмӣ таҳлилӣ, синтезӣ, усули комиссионӣ ва нисбатан ҳуқуқӣ-таҳлилӣ мебошад.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Назарияи таҳқиқотро, таҳқиқоти олимони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин олимони кишварҳои дигар бахшида ба ҷанбаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ оид ба соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ ташкил медиҳад.

**Навгонии илмӣ.** Аз нигоҳи илмӣ нав будани таҳқиқот аз он иборат аст, ки бо таваҷҷуҳ ба гуногуншаклӣ ва мураккабии масъалаҳои баҳсноки мавҷудаи марбут ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, чи дар гардиши дохилӣ ва чи дар соҳаи иқтисоди берунӣ, муаллиф аввалин бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳқиқоти ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулро ба роҳ мондааст.Дар таҳқиқи мазкур хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳои нав ба нав асоснок карда шудаанд:

1. Муаллиф таърифи уҳдадории пулии дорои мазмуни гражданию ҳуқуқиро чунин ифода намудааст: «Уҳдадории пулӣ – ин уҳдадориест, ки дар робита ба он як шахс (қарздиҳанда) ҳақ дорад, ки аз шахси дигар (қарздор) маблағи муайяни пулиро бо мақсади пӯшонидани қарзи пулӣ талаб намояд, қарздор бошад, уҳдадор аст, ки пардохти маблағи муайянеро вобаста ба шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ ва ё дигар

асосҳое амалӣ намояд, ки қонунгузории гражданӣ ба назар гирифтааст».

---

2. Дифокунандаи кори магистрӣ қайд менамояд, ки дар шартномаҳои қарзӣ аксар уҳдадориҳои иловагии пулӣ муқаррар карда мешаванд. Чунин ҳолат боиси кам гардидани андозаи фоизҳо ба маблағи қарз ва бо мақсади аз ҷониби қарздиҳандаҳо гирифта шудани бартариятҳо мегардад. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини бонкҳо ва қарздиҳандаҳои дигар аз он иборат аст, ки қарзгирандаро аз ин ҳолат пурра огоҳ созад. Онро бо инъикос намудани уҳдадориҳои воқеии қарзгиранда дар маҷмӯъ ҳал кардан мумкин аст.

3. Дар натиҷаи омӯзиши уҳдадориҳои пулӣ таснифи зерини он асоснок карда мешавад: уҳдадориҳое, ки мазмуни онҳо амали қарздор ба додани ашё ба қарздиҳанда ва ё ин ки ба шахси сеюми ӯ ишоранамуда вобаста мебошад; уҳдадориҳое, ки ба муқаррар намудан ва ё қатъ гардонидани ҳуқуқи муайяни субъективии қарздиҳанда ё ин ки шахси сеюми ӯ ишоранамуда вобаста мебошад; уҳдадориҳое, ки ба категорияи кор дахл дорад; уҳдадориҳое, ки ба хизматрасонӣ дахл доранд; уҳдадориҳое, ки ба худдорӣ кардан аз содир намудани амалҳои муайяни аниқ вобаста мебошад. Вобаста ба асоси пайдоишашон уҳдадориҳои пулиро чунин тасниф кардан мумкин аст: шартномавӣ ва ғайришартномавӣ (вобаста ба факти ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо уҳдадориҳо пайдо шудаанд); танзимшаванда ва ҳифзшаванда (вобаста ба он, ки пул аз қарздор ба фоидаи қарздиҳанда ба таври қонунӣ мусодира карда шудааст.

4. Муаллиф дар ҳолати навиштани кори магистрӣ дар он ақида аст, ки дар мавриди ухдадориҳои пулӣ иҷрои он иборат аз анҷоми амалиёти муайяни мусбати қонунии ба пардохти қарзи пулӣ равонашуда мебошад. Амалҳо метавонанд хусусияти воқеӣ ё ҳуқуқӣ дошта бошанд. Бо таваҷҷуҳ ба он,

ки ба шакли иҷро тақсимкунии ҳуқуқҳои субъективӣ ба танзим ва ҳифзӣ асар мекунад, иҷрои уҳдадории пулӣ метавонад хусусияти чи ихтиёрӣ ва чи маҷбурӣ дошта бошад. Зимнан, хулоса дар бораи он, ки амалҳои марбут ба иҷрои уҳдадории пулӣ мувофиқи қоидаи умумӣ ҷоиз аст, ба муомилаҳои ёридиҳанда бо имкони дар мавриди онҳо истеъмол кардани қоидаҳо оид ба муомилот, аз ҷумла, эътирофи беэътибор будани онҳо, нисбат диҳем, ки он асоснок карда шавад.

5. Бо мақсади татбиқи ҳуқуқӣ ва амалигардонии мунтазами ҳуқуқу манфиатҳои қонуни қарздиҳанда дар мавриди уҳдадории пулӣ муаллиф пешниҳод мекунад ҳаққи қарздиҳанда оид ба қарз дар талаб кардани ҷуброни зарари ворид аз беқурб гардидани арзи пардохт, ки дар асари гузашти муҳлати пардохти қарз ба амал омадааст, қонунӣ мегардад. Дар қонунгузории ҷорӣ ба муомилоти тиҷоратии хориҷӣ нисбат дошта ҳалли масъалаи арзи иҷрои дуввуминдараҷаи (нисбат ба ухдадории асоси иловагии) ухдадориҳои пулӣ инъикос наёфтааст. Таҳлили амалияи истеъмолии ҳуқуқӣ надоштани мавқеи ягонаи ҳалли ин мавзӯъро нишон медиҳад. Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки ба м. 340 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи нав оид ба он ки бояд бо майли тарафи ҷабрдида зарарҳо, фоизҳо, ҷаримаҳои аҳдшиканӣ ба арзе, ки уҳдадории пулӣ бо он ифода ёфтааст, ё ба арзе, ки зарар бо он ворид шудааст, вобаста ба ин ки кадоме ба вазъият бештар мутобиқ аст ва он, муҳосиба шавад, илова намудан зарурат дорад.

Хусусияти иҷрои уҳдадории пулии фоизро таҳқиқ намуда, муаллиф дар кори магистрӣ қайд менамояд, ки дар КГ ҶТ қоидаҳои иҷрои чунин уҳдадорӣ ба тарзи бояду шояд ба тартиб даровarda шудааст. Ишораҳои муайяне дар мавриди иҷрои уҳдадории фоизҳо дар моддаҳои ҷудогонаи

КГ ҶТ мавҷуданд. Дар инҷо қобили зикр аст, ки барои баъзе намудҳои уҳдадории мазкур хусусияти ҷойи онҳо муқарар шудаанд. Масъалаи муҳими ба иҷрои уҳдадории фоиз дахлдошта, мумкин будани камкунии андозаи он мебошад. Муаллиф дар он ақида аст, ки имкони ба воситаи амалияи судӣ муқарраркардаи коҳиши андозаи фоизҳои пешбинишудаи дар м. 426 КГ ҶТ бар хилофи принсипҳои умумии ишорашуда дар меъёри мазкур мебошад, бинобар ин пешниҳод мешавад муҳтавои м. 358 КГ ҶТ дар мавриди муайянкунии андозаи фоизҳои солона қонунан аз истифодаи тарафҳо хориҷ карда шаванд.

**Мақоми амалӣ ва илмии кори магистрӣ** аз рӯйи аҳамияти вай муайян мегардад. Хулосаю тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар соҳаи уҳдадории пулӣ дар иртибот ба ҳуқуқи гражданӣ истифода намуд. Ҳамзамон, муҳтавои маводро дар ҷараёни таълим дар донишгоҳу донишкадаҳо ҳамчун маводи таълимӣ метавон дар раванди омӯзиши соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайра истифода намуд.

**Санҷиши амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи магистрӣ дар кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракуниии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҳия шудааст. Олимон ва мутахассисони кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраи Молия ва қарз дар КАС факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур рисолаи магистриро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, хулосаҳои худро ҳамчун роххат барои дифоъ кардани рисолаи магистрӣ пешниҳод намудаанд. Маводи таҳқиқоти рисолаи магистриро муаллиф дар гузарондани

машғулиятҳо бо донишҷӯён, мутахассисони мақомоти давлатӣ дар мавзӯъҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ва ҳуқуқи тиҷоратӣ мавриди истифода қарор додааст. Масъалаҳои асоси кори магистрӣ дар алоҳидагӣ дар конференсияҳои илмӣ ва ҳамоишҳои илмӣ мавриди баррасӣқарор дода шуда, дар ахбор ва маҷаллаҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Сохти рисолаи магистрӣ аз масъалаҳои гузошташудаи таҳқиқот вобаста буда, иборат аз пешгуфтор, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА ТАНЗИМИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти ичрои уҳдадориҳои пулӣ

Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар кулли низоми пулӣ дар қонунгузорӣ, фаъолияту назарияи илмии (доктринаи) судӣ ба категорияи мустақили ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад [1]. Равшаниандозӣ ба табиати ин категория ба воситаи муаяйнкунии хусусияти он, ошкор намудани аломатҳо, навиштани (тавсияи) мафҳум, маълум сохтани ҷузиёти шабоҳатҳою фарқҳо бо уҳдадориҳои ҳуқуқи граждании дигар, инчунин, уҳдадориҳои пулии соҳаҳои дигари ҳуқуқ муяссар мегардад. Дар ҳуқуқи гражданӣ дар алоҳидагӣ роҳҳои муайяни мафҳуми иҷрои уҳдадориҳо вуҷуд дорад. Ичро намудан ин маънои онро дорад, ки ягон корро амалӣ намудан мебошад[2].

Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, зимни навъе аз уҳдадории гражданию ҳуқуқӣ буда, тибқи қисми 1 м. 328 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон меёбад, ки мувофиқи он бар асоси уҳдадории як шахс (қарздор) вазифадор аст ба нафъи шахси дигар қарздиҳанда амали муайяне анҷом диҳад, яъне пул пардохт намояд ё ин ки аз амали муайяне худдорӣ намояд, қарздиҳанда бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориашро талаб намояд. Аз қоидаи мисол овардашуда бармеояд, ки яке аз тарафҳои уҳдадорӣ - қарздор дорои танҳо уҳдадорӣ ва дигаре - қарздиҳанда фақат ҳаққи талабро дорост. Чунин тақсими қонунан муқарраршудаи ҳуқуқу уҳдадорӣба уҳдадории пулӣ

---

[1] Ниг.: Гражданское и торговое право капиталистических государств: Учебник.-3-е изд. /Отв. Ред. Е.А.Васильев-М.: Международные отношения, 1992. - С. 293.
[2] Ниг.: Сарбаш С.В. Исполнение договорного обязательства. – М., 2005. - С.7.

низ нисбат дошта, ҳамеша хусусияти якҷонибагӣ дорад ва муайянкунии дуҷонибагии он танҳо дар ҳолати шартномавӣ буданаш мумкин аст[1]. Ба ин тартиб, иҷрои шартнома аз тариқи амалигардонии уҳдадориҳои мушаххаси пулии он анҷом меёбад.

Чунон ки Иоффе О.С. қайд менамояд: «дар муайянкунии мафҳуми уҳдадорӣ зарур аст пайванди чунин аломатҳои ҳуқуқию моддиро инъикос намуд, ки хоси худи муносибатҳои пулӣ дар меъёрбандии қонунӣ ва амалигардонии воқеӣ мебошанд». Бешубҳа ин мулоҳизотро метавон дар муайян кардани мафҳуми уҳдадории пулӣ ҳамчун навъи уҳдадории гражданию ҳуқуқӣ ба кор бурд.

Мафҳуми уҳдадории пулии истеъмолшаванда дар қонунгузории гражданӣ таърифи расмӣ надорад[2]. Дар айни ҳол наметавон ба фикри Хохлов В. розӣ шуд, ки зидди истифодаи он баромадааст[3]. Ба назари мо чун Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро, ки ба уҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла, дар қисми меъёрҳои муайянкунандаи маҳалли иҷрои уҳдадории пулӣ муқаррар месозад, дар сурате, ки дар шартнома тартиби дигаре муайян нашуда бошад (м.339 КГ ҶТ), дар иҷрои уҳдадории пулӣ (м. 340 КГ ҶТ) аз қоидаҳои навбатнокии таъмини талаботҳои марбут ба уҳдадории пулӣ, (м. 342 КГ ҶТ) дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ, мувофиқи мақсад аст аз мафҳуми иҷрои уҳдадории пулӣ ба мақсади истеъмоли меъёрҳое, ки дар мавридҳои марбут ба кор бурда шудаанд, истифода шавад[4].

---

[1]Ниг.: Голованов Н.М. Обязательственное право. Учебник.- СПБ.: Питер, 2002. – С.10.
[2]Ниг.: Иоффе О.С. Обязательственное право. – М.: юр, лит., 1975. – С.8.
[3]Ниг.: Хохлов В.Ответственность за пользование чужими денежными средствами \\ Хозяйство и право. - 1996.№8.- С.42.
[4] Ниг.: Мансуров Ш.Дж. К вопросу о понятие исполнения денежных обязательства, Государство и право, Таджикский национальний унверистет, юридический фокултет, №4 2008, - С.40.

Дар адабиёти ҳуқуқии даврони Шӯравӣ уҳдадории пулӣ ҳамчун уҳдадории марбут ба таҳвили маблағи пулии муайян[1] ё пардохти маблағи пули мушаххас тавсиф шудааст, мақсади таҳвили воситаҳои пулӣ ворид гардидааст[2]. Пас дар сурати набудани чунин мақсад уҳдадорӣ наметавонад пулӣ дониста шавад, ҳатто агар дар мувофиқаи байниҳами пулҳои маъмулӣ зикр шуда бошанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар мавриди уҳдадории пулӣ фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Баъзеҳо уҳдадориҳои пулиро ҳамчун муносибати ҳуқуқи гражданӣ муайян кардаанд, ки бар асоси он як шахс (қарздор) вазифадор аст маблағи муайяни пулиро ба нафъи шахси дигар қарздиҳанда таҳвил диҳад ва қарздиҳанда аз қарздор иҷрои ин уҳдадориро тақозо намояд[3].

Дигарон уҳдадории пулиро ҳамчун уҳдадории ба таҳвили пул баррасӣ менамоянд. Дар ин ҳолат амволеро, ба таъмини уҳдадории пулӣ таҳвил дода шудааст, ки ба унвони иҷрои уҳдадорӣ маҳсуб намудаанд[4]. Сеюмин ҳисоб мекунанд, ки дар асоси уҳдадории пулӣ қарздор вазифадор аст пулҳои маъмулиро дар маблағи муайян ё қобили таъйини воҳидҳои пулӣ ба мақсади пардохт ба моликияти қарздиҳанда таҳвил диҳад[5].

В.Б.Белов ақида дорад, ки уҳдадории пулӣ муносибати ҳуқуқии иборат аз ҳаққи талаби қарздиҳанда ва уҳдадории ҳуқуқии ба ӯ иртиботдоштаи қарздор оид ба бозпас гардонидани қарз ё пардохт мебошад. Зимнан, ӯ қайд мекунад, ки муҳтавои уҳдадории пулӣ маблағи муайяни пул -

---

[1] Ниг.: Комментарий к Гражданскому кодексу РСФСР/ Под ред. С.Н. Братуся и Садикова.-М.: Юрид. лит., 1982.- С. 218.
[2] Ниг.: Эльясон Л.С. Деньги, банки и банковские операции.-М.:Экономическая жизнь,1926.-С.143.
[3] Ниг.: Советское гражданское право в двух томах. Том 1.\ Под. Ред. Проф. О. А. Красавчикова.- М.: Высшая школа, 1968.- С. 243.
[4] Иоффе О.С. Указ. Соч.- С 90.
[5] Ниг.: Новосёлова Л.А. Проблемы гражданско-правового регулирования расчётных отношений: Дис…докт юрид. наук. М. 1997.- С14.

ба истилоҳи маъмул ва гоҳо дар қонунгузорӣ мебошад, ки онро қарз гӯянд[1]. Чунин меҳисобанд, ки уҳдадории пулӣ - вазифаи ба қарздиҳанда додани маблағи пулии муайян аз тарафи қарздор мувофиқи шартномаи гражданӣ ва бар асосҳои дигари пешбинишуда дар КГ ФР мебошад[2].

Бо дарназардошти уҳдадории ёдшуда дар боло-уҳдадориест, ки дар асари он як шахс қарздиҳанда ҳақ дорад аз шахси дигар (қарздор) маблағи муайяни воҳидҳои пулиро ба мақсади бозпасгардонии қарзи пулӣ талаб намояд, ва қарздор вазифадор аст пардохти арзи муайянро тибқи шартномаи гражданӣ ва асосҳои дигари пешбинишуда дар қонунгузории гражданӣ ба амал орад. Ба ин тартиб ба тавсифи уҳдадории пулӣ аломати иловагӣ - асосҳои гражданию ҳуқуқии ба миёномада иҷрои уҳдадории пулии пешбинишуда танҳо дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, ки бевосита ба моҳияти гражданию ҳуқуқии уҳдадорӣ мавриди таҳқиқ ишора менамояд.

Дар айни ҳол дар адабиёт тавсифи аломати аввалия, ки уҳдадории пулӣ ҳамчун уҳдадории вобаста омадааст назари фарқкунандаи Лавров Д.Г. пешкаш шудааст. Ӯ қайд менамояд, ки як уҳдадорӣ наметавонад қисме аз уҳдадории дигар бошад. Мустақилияти ин ё он уҳдадориро бояд на дар он дид, ки вай ба таркиби уҳдадории дигар медарояд, балки дар чӣ ҳад мавҷудияти он бо уҳдадории дигар вобастааст. Ба ин маънӣ, уҳдадории марбут ба пардохти нархи харид аз уҳдадории таҳвили мол ба моликияти харидор вобастааст,

---

[1] Ниг.: Белов В.А. Гражданское право. Общая и Особенная части: Учеб.-М.Центр ЮрИнфоР, 2003.-С14.

[2] Ниг.: Белых В.С., Дубинчин А.А., Скуратовский М.Л. Правовые основы несостоятелности (банкротства): Учебно практическое пособие/Под общей ред. Проф.В.С. Якушева .-М: НОРМА, 2001.-С.29.

бинобар ин, он мустақил намебошад[1]. Оё воқеан як уҳдадорӣ метавонад ҷузъи уҳдадории дигар бошад? Масалан, ба таври мисол, оё бар асоси шартномаи хариду фурӯш як уҳдадории шартномавӣ, ки уҳдадории фурӯшандаро дар мавриди таҳлили молу амвол ва уҳдадории харидорро дар мавриди нархи харид дарбар мегирад, ба миён меояд, ё ин ки ин ҳарду уҳдадориҳои синаллагматикӣ мебошанд? Чуноне ки Королев Р.А. қайд менамояд мавҷуд будани уҳдадориҳои хариду фурӯш, қарз, пудрат иҷро ва ғайраро салоҳ дониста мо ба ин тариқ амалан ҳеҷ ҷойи муҳиме барои уҳдадориҳои пулӣ намемонем. Уҳдадории пулӣ чист? Моҳияти он, одатан уҳдадории пардохти пул ба сифати иҷрои ҳамарзиши тибқи шартномаи ҷуброн мебошад. Мо ё онро эътироф мекунем, ки аз шартнома дар чунин ҳол ду уҳдадории мустақили мол ва уҳдадории пардохти пул ё як уҳдадории хариду фурӯш ба амал омадаанд[2]. Аксари мутлақи иштирокдорони муносибати ҳуқуқии марбут ба уҳдадориҳо ба сифати қарздор дар як уҳдадории дигар бармеоянд.

Дар соҳаи соҳибкорӣ, кулли уҳдадориҳои шартномавӣ бар асоси асли уҳдадориҳои дутарафа сохта шудаанд. Масалан, мутобиқи шартномаи молрасонӣ фурӯшанда (молрасон) вазифадор аст ба харидор молро таҳвил диҳад. Дар айни ҳол, вай ҳақ дорад аз харидор пардохти баҳои моли мавриди таҳвилро талаб намояд. Дар навбати худ харидор ҳақ дорад аз фурӯшанда таҳвили моли пешбинишудаи дар шартномаро талаб намуда, дар ин зимн бояд худаш вазифадор буда, қабули мол аз харидор ва пардохти онро таъмин намояд. Аммо баъзе олимон назар доранд, ки тасаввурот дар мавриди уҳдадорӣ ба сифати муносибати

[1]Ниг.: Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. - Спб.: Юридический центр Пресс, 2001. - С.250.
[2]Ниг.: Королев Р.А. Понятие обязательства: теория и практика // Юридический мир. 1999.№9. - С.42.

ҳуқуқи мураккаби дорои ҳуқуқи мутақобила ва уҳдадориҳои иштирокдорони он мушкилоте дар таъйини маҳалли иҷрои он тибқи қоидаҳои умумии қонунгузории гражданӣ эҷод мекунад.

Тавре, ки Раҳимов М.З. дуруст қайд мекунад, хулосаи ҷудо кардани уҳдадориҳои ягона ба маҷмӯи уҳдадориҳо дақиқ нест. Ин ҷудокунӣ сунъӣ буда ба дарку фаҳмиши назариявӣ ва амалиявӣ мутобиқат накарда, ба тақсимшавии уҳдадории ягона бурда мерасонад ва тафовут гузоштан байни мафҳумҳои «уҳдадорӣ» ва «вазифа»-ро мушкил менамояд. Дар бештари мавридҳо уҳдадорӣ гуфта, на муносибати ҷудогона, на дархости аниқи қарздиҳанда ва уҳдадории марбути қарздор, балки маҷмӯи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои тарафайни дар шартномаҳо асосёфта бояд дар назар гирифта шавад[1].

Меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад ки дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ дар натиҷаи таҳлили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба хулосае меоем, ки уҳдадориҳои пулиро ба ду гурӯҳ ҷудо намоем, ки мавзӯи онҳо метавонад фақат пул бошад. Аз ҷумла инҳоянд:

1) Уҳдадории пардохти ҷаримаи аҳдшиканӣ (м.355 КГ ҶТ)

2) Уҳдадории ношӣ аз кафолати бонкӣ (м.397 КГ ҶТ)

3) Уҳдадории додан ва баргардонидани байъона (м.409 КГ ҶТ)

4) Уҳдадории додан ва бозгардонидани қарз (м.839 КГ ҶТ)

5) Уҳдадории шартномаи суғурта (бима) (қ. 1.м. 1015 к. 1.м. 1020 КГ ҶТ)

---

[1] Ниг.: Раҳимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств (Встречное исполнение), Душанбе, 1990.- С.21.

6) Уҳдадориҳои векселӣ ва чекӣ (м. 837 ва қ. 1.м. 902 КГ ҶТ)

Ба шумораи уҳдадориҳое, ки мавзӯи онҳо пул мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

1) Уҳдадории пардохти фоизҳо (м.426 КГ ҶТ)

2) Уҳдадории баргардонидани қарз (м.827 КГ ҶТ)

3) Уҳдадориҳои додани туҳфаҳои ба таври оммавӣ ваъдакардашуда мукофотонидан барои натиҷаҳои озмун (м.1075-1070 КГ ҶТ)

4) Уҳдадории аз бозӣ ва гарав (шарт) (м.1078 КГ ҶТ).

Ин гуна ҷудокуниро ҳангоми тавсияти шароити шартнома, минҷумла шарҳ ва тавзеҳот бояд истифода намуд. Ин дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавҷуд аст, тасдиқ шудааст.

Моҳияти ҳуқуқии уҳдадориҳои пулиро таҳқиқ намуда, наметавон масъалаи дигари усули онро нодида гирифт. Яъне, фарқияти уҳдадориҳои гражданӣ - ҳуқуқӣ аз уҳдадориҳои пардохтҳои дигар моҳияти соҳавӣ дар чист? Масъалаи дар қонунгузории миллӣ вуҷуд доштани уҳдадориҳои пулии «оммавӣ» ва «хусусӣ», мушкилоти тафсиркунӣ намебардорад. Дар иртибот ба ин Лунтс Л.А. масъалаи оид ба уҳдадории пулӣ инчунин, дар соҳаи ҳуқуқи оммавии байналмилалиро қайд менамояд[1].

Дар адабиёти сивилистӣ (ҳуқуқи гражданӣ) нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки тибқи он уҳдадориҳои пулӣ метавонанд хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ дошта бошанд. Ерпилеева Н.Ю. қайд менамояд, ки «дар мафҳумҳои уҳдадориҳои пулӣ ба маънои васеи уҳдадориҳое фаҳмида мешаванд, ки на танҳо аз муомилоти гражданӣ – ҳуқуқӣ сарчашма мегирад, балки аз рӯи дигар асосҳо низ, аз он ҷумла - аз муносибатҳои молумулкӣ, асосёфта бар тобеияти ҳокимонаи як тараф ба

[1] Ниг.: Лунц Л.А. Деньги и денежные обязательства. М., 1927.- С.56.

тарафи дигар, минҷумла, муносибатҳои андозӣ, молиявӣ ва идорӣ мебошад»[1]. Тибқи назари ӯ фарзияи (консепсияи) уҳдадориҳои хусусияти оммавӣ – ҳуқуқӣ дошта ҳаргиз ба моҳияти ҳуқуқии он мухолифат надоранд, зеро бузургии собити ҳадафи асосии он – яъне супорандаи қарзи пулӣ мебошад. Барои асоснок кардани далели худ, ӯ бурҳони гуногунмаънои муносибатҳои ҳуқуқиро оид ба ҳамарзишии молӣ дар натиҷаи шартномаи хариду фурӯш дарёфтшударо мисол меорад. (Муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ), ҳамчунин, амалиёти марбут ба пардохти андозҳо ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ (муносибатҳои оммавӣ – ҳуқуқӣ ва андозбандӣ), пулҷамъкунии сабти қайд барои иҷозатдиҳии субъекти хоҷагидор ба сифати иштирокдорони касбӣ ҳамчун мутахассиси бозори қоғазҳои қимматнок (муносибатҳои оммавӣ – ҳуқуқи молиявӣ) ва ҷарима барои риоя накардани қоидаҳои ҳаракати роҳ (муносибатҳои оммавӣ –ҳуқуқии идорӣ). Ба назари муаллиф (Ерпилеева Н.Ю. барои тамоми ҳолатҳои дар боло зикршуда умумияти ягона ин зарурати пардохти қарзҳои пулӣ мебошад, ки дар асоси гуногуни ҷузъӣ – ҳуқуқӣ ва оммавӣ – ҳуқуқӣ пайдо шудаанд[2].

Ин муносибат рафтори рушди қонунгузориро дарбар мегирад, ки дар истифодаи мафҳумҳои уҳдадориҳо дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ифода ёфтааст. Ҳамзамон, дар м. 58 «уҳдадориҳои андозӣ» ва м. 59 «иҷрои уҳдадориҳои андоз» боби 9 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон кор фармуда шудааст. Фарқи байни уҳдадориҳои пулии гражданӣ - ҳуқуқӣ ва уҳдадории пулӣ танзимшавандаро метавон ба меъёрҳои мухталиф анҷом дод. Дар асоси ҷудо намудани меъёрҳои зерин метавонанд бошанд: - хусусиятҳои пардохт, ҳам бе арзиши таркиби субъект, манбаи танзими ҳуқуқӣ,

---

[1] Ниг.: Ерпылеева Н.Ю. Статус расчётних правоотношении (проблемы теории и практики). Государство и право.-2001.№12.- С.66.
[2]Ҳамон ҷо. – С. 66.

асоси пайдоиши пардохт, тарз ва шароити иҷро, ҳимояи ҳуқуқ ва уҳдадории субъектҳо. Пулҳо дар уҳдадориҳо ба сифати воситаи пардохти қарзҳо истифода мешаванд[1].

Дар уҳдадориҳои пулии хусусияти гражданӣ-ҳуқуқидошта пулҳо ба сифати воситаи барқарории мубодилаи талофи ҳамарзишӣ ва ҷубронпулии фурӯшанда молҳои фурӯхташуда мебошанд. Дар пулҳои пардохтҳои омавӣ – ҳуқуқӣ иҷрои пардохт бе ҳеҷ гуна қаноатмандии таъмини мутақобила сурат мегирад. Масалан, тибқи м. 7 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз – пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, он хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад. Андозҳо бо воҳиди пулӣ ҳисоб карда шуда, бо пули миллӣ пардохт мешаванд[2]. Бинобар ин, бо дар назар гирифтани мавриди дар боло зикргардида, метавон хулоса намуд, ки уҳдадории пулии гражданӣ-ҳуқуқӣ ва уҳдадории пулӣ-оммавӣ моҳияти ҳуқуқии гуногун дошта, наметавонад шомили як низоми ҳуқуқӣ бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҷорӣ мустақиман пешбинӣ шудаанд.

---

[1] Ниг.: Рахимов М.З. Ответственность предпринимателя за нарушение договорных обязательств, Вестник Высший Экономический суда Республики Таджикистан. №3. 1999. - С.66.

[2] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2012. - №9, мод. 838; соли 2013. - №12, мод. 889, 890; соли 2015. - №3, мод. 210, - №11, мод. 965, мод. 966; соли 2016. - №3, мод. 150, - №11, мод. 883; соли 2017. - №1-2, мод. 21, - №5, қ.1., мод. 280; соли 2018, - №2, мод. 66, мод. 67, №7-8, мод. 529).

## 1.2. **Баъзе аз масъалаҳои уҳдадориҳои пулӣ дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пас аз ноил гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ ва оғози марҳилаи нави муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати воқеии мавриди таҷдиди назар қарор гирифтани қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Сарчашмаи асосии ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҶумҳурии Тоҷикистон ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[1]. Сарчашмаи ҳуқуқ гуфта шакли зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Қайд намудан ба маврид аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Вобаста ба таърифи овардашудаи сарчашмаи ҳуқуқ сарчашмаи ҳуқуқӣ ин тамоми он санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, муносибатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣмуқаррар карда шудааст. Тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ ифода ёфтааст, низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии соҳаҳои мухталифи идоракунии давлатиро ташкил медиҳад. Низоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мураккаб буда, маҷмӯи муносибатҳоро танзим менамояд. Чи тавре маълум аст, Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи аввалиндараҷа ва асосии тамоми соҳаҳои ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад.

Аз ин рӯ, барои танзими муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳуқуқи бонкӣ низ баъзе меъёрҳои ҳуқуқии Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад. Масалан м. 12 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шаклҳои гуногуни моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ,

---

[1] Тафсири илмию омавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶумҳурииТоҷикистон, Душанбе, Шарқи Озод, 2009, С.74.

баробарҳуқуқӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликиятро танзим менамояд. Дар баробари ин дар м. 21 Конститутсияи мазкур дар иртибот ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдидаҳо меъёр муқаррар шудааст, ки ба тариқи қонунӣҳуқуқи ҷабрдидаҳо ҳифз карда мешаванд. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад. Ҳамзамон, дар бандҳои 4 ва 10 м. 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ, тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъйин ва озод намудани раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони ӯ муқаррар гардидааст. Меъёрҳое, ки дар Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мустақиман амал намуда, хусусияти ҳуқуқи таъсискуниро доранд ва ин меъёрҳо дар қонунҳои дигар васеъ инкишоф дода шуда, мушаххас мегарданд[1]. Мутобиқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Бонки миллӣ ҳамчун бонки марказии эмиссиёнӣ ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он дар моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда ва масъул мебошад[2].

Дар баробари ин бахри ба низом даровардани муносибатҳои ҳуқуқии граждании ва ноил шудан ба дастовардҳои назарраси танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум[3], дуюм[1] ва сеюми[2] Кодекси

---

[1] Ниг.: Зойиров Р.Ҳ., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи бонкӣ. (дастури таълимӣ) ҶДММ «Шуҷоиён» ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», №47. - С.30-31.

[2] Ҳамон ҷо. - С.51.

[3] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 1 аз 30 июни соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999. - №6 м.153; 154; соли 2001. - №7, мод. 508; соли 2002. - №4, қ.1. мод. 170; соли 2005. - №3, мод. 125; соли 2006. - №4, мод. 193; соли 2007. - №5, мод. 356; соли 2010. - №3, мод. 156, - №12, қ.1. мод. 802; соли 2012. - №7,

гражданении Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муқаррароти Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст, ки (минбаъд – КГ ҶТ) истифода мешавад. Кодекси гражданӣ барои танзими муносибатҳои молию пулӣ дар даврони Истиқлолият асос гардидааст. Кодекси нави гражданӣ дар фарқият бо Кодекси граждании замони Шӯравӣ ғояҳои ҳуқуқи хусусиро эҳё намуда, усулҳои муносибати бозориро муқаррар кард, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии нав ё кайҳо аз ёдрафтаро мавриди такмил қарор дод. Аз ин ҷо мазмуни муомилоти уҳдадориҳои пулӣ низ тағйир ёфт.

Бояд зикр кард, ки уҳдадории пулӣ таърихан дар тамоми низоми ҳуқуқии ҷаҳонӣ дорои аҳамият ва мақоми мустақил мебошад. Қаблан, қонунгузории граждании Тоҷикистон бар пояи сиёсати хоҷагидорӣ, усулҳои ба қонунгузории бозорӣ бегона асос ёфта буд. Ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ҳисобу китобҳои барномарезишуда бартарӣ дода шуда, қонун аксаран ҳуқуқу манфиатҳои қарздоронро, ҳатто дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳои пулиашон, ҳимоя мекард.

Имрӯзҳо мамлакат ба маҷрои тараққиёти мувофиқ бо шароити хоҷагидорӣ ва иқтисодии нави қонунгузории граждании ҷадид, ки равнақи баъдӣ ва такмили он ба талаботи дохилии ҷомеа, собиқаи таърихии Тоҷикистон ва таҷрибаи муосири Ғарб вобаста мебошад, бозгашт нашуд.

Дар КГ ҶТ муносибатҳои уҳдадории пулӣ дар м. 340 дар фарқият ба кодексҳои граждании дигар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ водор намуд, ки ин ҳолат онро ба танзим медарорад. Тибқи он уҳдадории пулӣ

---

мод. 700; - №12 қ.1. мод. 1021; соли 2013. - №7, мод. 504; соли 2015. - №3, мод. 200; соли 2016 - №7, мод. 612.

[1] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 2 аз 11 декабри соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1999. - №12 мод. 323; соли 2002. - №4, қ. 1. мод. 170; соли 2006. - №4, мод. 194; соли 2009. - №12, мод. 821; соли 2010. №7, мод. 540; соли 2012. - №7, мод. 699; соли 2013. - №7, мод. 505.

[2] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 3 аз 1 марти соли 2005 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2005. - №3 мод. 123; соли 2012. - №7, мод. 690.

бояд бо пули миллӣ ифода ва пардохт карда шавад. Ҳамзамон, истифодаи асъори хориҷӣ, инчунин, ҳуҷҷати пардохт бо асъори хориҷӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи уҳдадориҳо мувофиқи ҳолат, тартиб ва шартҳои муайяннамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

Агар дар маҳал ё мамлакате, ки маблағ пардохта мешавад, қарздиҳанда суратҳисоби бонкӣ барои гузаронидани маблағ дошта бошад, қарздор ҳақ дорад дар мавриди эътироз надоштани қарздиҳанда уҳдадории пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузаронидани маблағ иҷро намояд. Дар сурати то фаро расидани муҳлати пардохт арзиши (қурби) воҳидии пул боло рафта ё паст шуда ё ин ки асъор тағйир ёфта бошад, қарздор аз рӯи нархе (қурбе) маблағро пардохт менамояд, ки ба муҳлати ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ мувофиқ бошад, агар дар Кодекси мазкур ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад[1]. Ҳангоми дигар шудани асъор муносибатҳои мубодилавӣ бояд бо нархи (қурби) дар рӯзи тағйирёбии асъор мавҷудбудаи воҳидҳои пулӣ анҷом дода шаванд.

Низоми ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботи муомилоти бозории муосири алоқадошта ба гуногуншаклию фарқиятҳои онҳо дар қонунгузории граждании нав, дар навбати аввал дар КГ ҶТ, ки қоидаҳои ба иҷрои онҳо нисбатдошта (шароити иҷро, оқибатҳои гузашти муҳлати иҷро ва ҳоказо), масъулият барои иҷро накардан ва ғайраро муқаррар карда, мақоми худро ёфтааст. Аммо на ҳамаи масъалаҳои, дар ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба миёноянда аз нигоҳи қонунӣ ҳал шудаанд. Сабаб дар он аст, ки ихтилофҳои назариявие мавҷуданд, ки ҳанӯз рафъ

[1]Ниг.: Мансуров Ш.Ҷ. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият, Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-29 августи соли 2011 / Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. –Душанбе: «Эр-граф», 2011. - С.301.

нашудаанд. Гузашта аз он, сарчашмаи баъзе мушкилот истифодаи ҳуқуқ дар амал мебошад. Илова бар ин, аз вақти эътибор пайдо кардани Кодекси гражданӣ вақти зиёде нагузаштаасту ҳанӯз таҷрибаи мукаммали истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳосил нагардидааст ва то ба ҳол мушкилоти ҳалнашудае боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, таъсири тағйирот ба қудрати харидории пул, муҳосибаи фоиз ба маблағи зарарҳо ва табиати фоизҳое, ки ҳангоми пешпардохт муҳосиба мешаванд ва бисёр масъалаҳои дигари вобаста бар он.

Ғайр аз ин, иштирокдорони муносибатҳои шартномавии муомилоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран бо мушкилоти ҳангоми иҷрои чӣ бояду чӣ шояди уҳдадориҳои пулӣ бавуҷудомада рӯ ба рӯ мешаванд. Масалан, сӯистифода аз ҳуқуқ аз тарафи қарздиҳанда ба шакли истифодаи беинсофона аз ҳуқуқҳои ба вай дар шартнома додашуда бо роҳи амалигардонии ҳаққи гирифтани фоизи беинсофонаи баланд, таносуби сарватандӯзии беасос бо талаби ҷуброни зарарҳо бозгардонии воситаҳои пулии то қатъи шартнома ҳаволашуда ва ғайра мебошанд.

Кодекси гражданӣ низоми қонунҳое, ки қоида, тарзу моҳият, мақсад ва натиҷаи рафтору фаъолияти субъектҳо ва объекти муносибатҳоро муайян намуда, муносибатҳои молумулкӣ, пулӣ, қоғазҳои қимматнок, бемузд, шахсии ғайримолумулкӣ ва вобастагии ҳамаи ин муносибатҳоро, ки ба баробарҳуқуқии субъектҳо ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар муносибатҳо, мустақилияти шахсӣ ва арзишнок, ки ба манфиатнокии тарафҳо, ташаббуснокии онҳо асос ёфтааст танзим менамояд.

Ҳуқуқи уҳдадорӣ низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, барои танзими муносибатҳои байни субъектҳо равона карда шудааст. Равшаниандозӣ ба табиати ин категория ба воситаи муайянкунии хусусияти он, ошкор намудани аломатҳо,

навиштани (тасвияи) мафҳум, маълум сохтани ҷуъзиёти шабоҳатҳоюю фарқҳо бо уҳдадориҳои ҳуқуқҳои граждании дигар, инчунин уҳдадориҳои пулии соҳаҳои дигари ҳуқуқ мумкин мегардад. Тарафҳои уҳдадорӣ – қарздиҳанда ва уҳдадор ном гирифтаанд.

Уҳдадорӣ, категорияи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Маълум аст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ аз се унсур, яъне субъектҳо, объектҳо ва мазмун иборатанд. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқу уҳдадории қарздиҳандаву қарздор мазмуни уҳдадориро ташкил медиҳад. Ин гуна ҷудокунӣ ҳангоми тавсияи шароити шартнома, минҷумла шарҳ ва тавзеҳот бояд истифода карда шавад.

Ҳамзамон, бояд зикр намоем, ки дар таҷрибаи тиҷорати хориҷӣ масъалаҳои мураккаби ба иҷрои уҳдадории пулӣ бо асъорӣ хориҷӣ, ба иҷрои уҳдадориҳои пулии марбут ба шарту қайди асъорӣ ва ғайра алоқадошта ба миён меоянд. Муайянӣ дар низоми ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ, иҷрои онҳо, агар аз як тараф ба сифати замонати ҳуқуқии ҳимояи соҳибкорони Тоҷикистон аз ҳар гуна сӯистифодаҳои асосан дар ҳамин соҳа ривоҷёбанда барояд, аз тарафи дигар, заминаи фароҳамории фоизи мусоид барои маблағгузорони хориҷӣ мебошад. Дар робита ба ин нукта, таҳия ва ба вуҷуд овардани чунин механизмҳои ҳуқуқие ба назар мерасад, ки имкони фаро овардани таъмини иҷрои нисбатан пурраи уҳдадориҳои пулӣ муомилоти дохилӣ ва хориҷии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст.

Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки равшаниандозӣ ба кулли масоили дахлдор ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар ҳуқуқи гражданин Тоҷикистон имконпазир нест. Бинобар ин, тарзи таъмини иҷрои уҳдадории пулӣ, хусусияти иҷро, намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳои пулӣ (масалан, уҳдадории пулии марбут ба замонати бонкӣ ва ғайра) мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки танзимгари муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба иҷрои уҳдадорӣ мебошад, таърифи мушаххаси ҷудогонаи мафҳуми «иҷрои уҳдадории пулӣ»-ро надорад.

Дар ҳуқуқи граждании Тоҷикистон иҷрошуда ҳисоб кардан, ҳаққи гузашт ва интиқоли ҳуқуқи марбут ба уҳдадорӣ, ҳамчун роҳҳои қатъи уҳдадории пулии аз иҷро фарққунанда баррасӣ мешаванд. Қайд мешавад, ки амалияи судию ҳакамӣ на ҳамеша маводи оид ба анҷоми амалҳои мушаххас барои муайянсозии замони иҷрои уҳдадории пулӣ дар шартнома дарҷшударо эътироф мекунад. Бинобар ин, дар сурати ба матни шартнома ворид кардани шарти басти анҷоми пардохт ба иҷрои амалҳои муайян тавассути тарафайн ё шахсони холис, пешниҳод мекунем, то муҳлатҳои анҷоми онҳо дақиқ инъикос ёбанд. Муайян гардидааст, ки барои намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳои пулӣ қоидаҳои махсуси таъйини муҳлати иҷро муқаррар гардидаанд, ки дорои бартарӣ мебошанд (масалан, қисми 1 м. 522 ва қисми 1 м. 830 КГ ҶТ). Дар қоидаҳои махсус ҳангоми муайянсозии лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулии қарздиҳанда ва қарздорро дар уҳдадорӣ ба ҳам иртиботдиҳанда, мавқеи гуногун, вобаста ба он ки воситаи иҷрои пули нақд аст ё воситаи пулии ғайринақдӣ, истифода мешаванд. Мо мавқеи дар адабиётомада оид ба фарқ кардани лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ тавассути қарздор ва лаҳзаи аз тарафи бонк иҷро кардани уҳдадории он дар мавриди анҷоми амалиёти ҳисобу китобро дуруст мешуморем.

Тибқи он лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ ба шакли ҳисобу китоби ғайринақдӣ ба тариқи воқеан расидани пул ба ҳисоби бонкии қарздиҳанда пешниҳод мешавад, то дар сатҳи қонун расмӣ гардад. Ба назари мо, амалияи қонунигардонии мутобиқати маҳал ва замони иҷрои уҳдадории пулӣ ва

муайянкунии онҳо ба воситаи ҳисоби (бонки) қарздиҳанда мувофиқи мақсад аст.

Дар рафти таҳлили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди талаботи иҷрои уҳдадории фоиз ошкор гардид, ки он дорои қоидаҳои умумӣ намебошад. Қайд мешавад, ки дастуроти муайяне дар мавриди иҷрои уҳдадории фоиз дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси гражданӣ мавҷуданд ва дар зимн барои баъзе намудҳои онҳо хусусиёти иҷро муқаррар гардидаанд. Андозаи уҳдадории фоиз аз маблағи қарзи пули асосӣ вобаста аст.

Яке аз хусусиятҳои қарзи пулӣ қобилияти ба шакли фоиз, ҳамчун фоидаи сармояи ба ихтиёр вогузоршуда, даромади доимӣ овардан мебошад. Бояд қайд намоем, ки қонунгузории граждании ҷорӣ имкони ҳисоб кардани фоизро ба фоизҳо ё зарарҳоро муқаррар накардааст. Ҳарчанд чунин аст, ки бо дарназардошти табиати ҷуброни уҳдадории фоиз, мақомоти татбиқгари ҳуқуқ, қонеъ гардонидани тақозои ҳисоби фоиз бар фоизҳо ва зарарҳоро рад намоянд ҳам, имкони ҳисоби онҳоро нисбати баъзе намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳои пулӣ қобили қабул медонанд. Мушкилот ҳангоми иҷрои уҳдадории пулӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ масъалаҳои марбут ба талабот оид ба арзи уҳдадории пулӣ аз қабили арзи нарх, арзи пардохт, нархи аз нав ҳисоб кардани арзҳо, шарту қайдҳои ҳифзӣ, арзе, ки бо он уҳдадориҳои пулии фаръӣ бояд анҷом ёбанд, муфассалан баррасӣ мегардад. Ҳангоми таҳқиқ қарор додани шартномаҳои хориҷӣ ва талаботи арзи уҳдадориҳои пулӣ марбут ба шартномаи иқтисодии хориҷӣ, мувофиқи мақсад аст арзи қарз ва арзи пардохт, тартиби муайянкунии нарх, лаҳзаи он, навъи нарх мавриди баррасии тарафайн қарор гирад. Ғайр аз ин бояд арзи боқурбтарин пешбинишуда, ба матни қарордоди тиҷорати хориҷӣ воситаҳои ҳифзи он шомил карда шаванд. Ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми гардиши иқтисодии хориҷӣ марбут ба

муайянкунии маҳалли иҷрои пардохт диққат зоҳир карда шудааст. Ин шарти ичрои бояду шояди уҳдадории пулӣ, ҳуқуқи танзимкунандаи муносибати марбут ба уҳдадорӣ, масъалаҳои таҳти муҳокимаи суд қароргирӣ, муҳлатҳои пардохт, маҳалли иҷрои уҳдадориҳои пулии фаръиро муайян месозад.

Таҳқиқи дар мавриди маҳалли иҷрои уҳдадории пулии марбут ба қарордоди иқтисодии хориҷӣ анҷомёфта, имкон дод онро муқаррар намоем, ки дар сурати ғайримумкин будани муайянкунии маҳалли иҷрои уҳдадории пулии марбут ба муомилоти тиҷоратии хориҷӣ қоидаи умумӣ ба кор бурда шавад. Уҳдадории пулӣ бояд дар маҳалли воқеъ будани қарздиҳанда дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадори иҷро гардад.

Бояд зикр гардад, ки бархилофи қоидаҳои умумии дарҷшуда дар ҳуқуқи граждании Тоҷикистон санадҳои хориҷӣ ва меъёрҳои аҳди байналмилалӣ маводеро доро мебошанд, ки дар ҷараёни истифодаи воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ талаботи соҳибкоронро таъсирноктар инъикос мекунанд. Чуноне ки амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, тарзи дар Созишномаи Вена (моддаи 57) нишондодашуда доир ба маҳалли пардохти баҳо дар маҳалли воқеъ будани корхонаи фурӯшанда масалан, дар бораи лаҳзаи иҷрои уҳдадории марбут ба қарордоди тиҷоратии байналмилалиро, ҳатто дар сурати вуҷуд доштани як маҳалли воқеияти корхонаи фурӯшанда ҳал карда наметавонад. Бинобар ин, нуқтаи назари И. Лешевро оид ба он, ки «лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ дар ҳисобу китобҳои ғайринақдӣ, лаҳзаи дарёфти воситаҳои пулии қарздиҳанда (лаҳзаи ба ҳисоби фаръии вай ворид шудани онҳо) мебошад», дастгирӣ карда, дар қарордодҳо дарҷ кардани талаботро оид ба маҳалли пардохт бо ишораи маҳалли воқеъ будани бонки таҳвилдиҳанда дар

ёддоштҳои таҳвилдиҳанда (қарздиҳанда) доир ба анҷоми пардохт зарур медонем.

Хусусиятҳои иҷрои уҳдадории фоиз дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ бо ҷалби маводи таҷрибаи ҳакамиятҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва судҳои миллии бурунмарзӣ нишон дода шудаанд. Масъалаи марбут ба муайянкунии ҳуқуқӣ қобили истеъмол дар муносибатҳои марбут ба пардохти фоизҳо диққати зиёд дода мешавад. Қобили қайд аст, ки амалияи судҳо дар ҳалли масъалаҳо оид ба фоизҳои солона имкони бо ташаббуси суд бакорбарии ҳамзамони ду тартиби ҳуқуқиро тасдиқ мекунад. Қоидаҳои м. 1218 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи Европа соли 1980 оид ба ҳуқуқи дар мавриди уҳдадориҳои шартномавӣ бакорбурдашаванда мутобиқат дорад. Бар асоси омӯхтани роҳҳои арзёбии пешниҳоди далелҳои тарафайн доир ба андозаи фоизҳо имконпазирии муҳосибаи фоизҳо бар фоизҳо, ҳисоби муҳлатҳои мурури замони даъвои марбут бо талаби пардохти фоизҳои солона, таносуби талаботҳо дар мавриди фоизҳои ва зарарҳо муайян гардиданд. Қобили зикр аст, ки дар асоси м. 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷуброни зарар давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдидагон кафолат медиҳад[1]. Мо чунин мешуморем, ки пешниҳоди марбут ба тағйири танзими ҳуқуқии уҳдадориҳои пулии дорои таркиби гражданию ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи граждании Тоҷикистон, ки ифода ёфтаанд, ба ҳамсоншавӣ ва якҷояшавии қонунгузории Тоҷикистон ва байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе «Нашриёти Ганҷ» соли 2016. - С.135.

# БОБИ 2. ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Мафҳум ва низоми уҳдадориҳои пулӣ

Масъалаи уҳдадориҳои пулӣ ба муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадориҳои танзимшаванда бевосита алоқаманд мебошад. Барои ҳамин муайян намудани нишонаҳо, уҳдадориҳо имконият медиҳанд, ки ҳудуди истифодабарии муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба уҳдадориҳо ба мисли шакли ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда шавад.

Мутобиқи қисми 1 м. 328 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъият, як шахс (қарздор) вазифадор аст, ки ба нафъи шахси дигар (қарздиҳанда) як амали муаяйнеро анҷом диҳад, бо роҳе молу мулкро супорад, кореро иҷро намояд, пул пардозад ва ғайра ё аз амали муайян худдорӣ намояд, қарздиҳанда бошад, ҳуқуқ дорад, ки аз қарздор иҷрои вазифаҳояшро талаб намояд. Пас, аломатҳои нишонаҳои уҳдадорӣ маҳсуб мегарданд: мавҷудияти тарафҳои ваколатдор ва уҳдадор; ба қарздиҳанда мансуб будани ҳаққи ба ҷо овардани амалҳои муайян ва нафъи ӯ, ки ба қарздор нигаронида шудааст ва ниҳоят, қарзи қарздор, ки хусусияти молумулкӣ дорад. Ин аломатҳо, дар маҷмӯъ, муҳтавои ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадориро ташкил медиҳанд ва имкон медиҳанд, ки зери уҳдадорӣ амалан ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ дохил карда шавад[1]. Ҳамзамон, аломати ишорашуда имкон медиҳад, ки аз доираи муносибатҳои ҷамъиятии тибқи қонун танзимшаванда, ки ҳаракати моликият ва дигар манфиатҳои маводиро муайян мекунанд, онҳое муайян карда шаванд, ки ба шакли арзишнок баромад мекунанд ва ба субъектҳои онҳо имконият медиҳанд,

[1] Гражданское право. Ч. 1. Уч. / Под ред. Толстого Ю.К., Сергеева А.П. М.: 1997. - С.473.

ки арзиши табодулӣ ва истеъмолии моликият истифода бурда шавад [1]. Дар ҳақиқат, ҳаракати мол дар муносибатҳои гардиши иқтисодӣ бо истифодабарии на танҳо арзиши истеъмолӣ вобаста аст, балки табодули он барои ҳамин тоқатфарсой, ки бо худи табиати ҳамон муносибатҳо асоснок карда шудааст алоқаманд аст. Аломатҳои зикргардидаи муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ метавонанд, ки дар асоси тавсифи уҳдадориҳои пулӣ оварда шаванд. Зикр менамоем, ки ба ҳамин монанд, фаҳмиши «уҳдадориҳои пулӣ» дар қонунгузории граждании мавҷуд нест, новобаста аз он, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор моддаҳоеро дарбар мегирад, ки ба танзими масъалаҳои алоҳидаи ба он алоқаманд бахшида шудааст (моддаҳои 155, 340, 342 ва 426 КГ ҶТ).

Ягона истисно ин мебошад, ки дар м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003 чунин омадааст, ки зери мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ уҳдадории қарздор оид ба пардохт ба қарздиҳанда маблағи муайяни пулӣ вобаста ба муомилоти гражданию ҳуқуқӣ ва ё дигар дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад [2]. Бо дарназардошти он ки Қонуни мазкур ба хотири танзими муносибатҳо дар як соҳаи муайян ба назар гирифта шудааст, тасаввур мекунем, ки истифодабарии мафҳумҳои аз он пешниҳодшаванда берун аз муносибатҳои бо муфлисшавӣ алоқаманд эҳтимол дорад, ки имконпазир бошанд. Ҳамин тавр, мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ, ҷойи он дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии ҳатмӣ, ба мисли шаклҳои гуногуни уҳдадориҳо ба таври кифоя инъикос нагардидаанд. Илова бар ин, пешниҳодҳо оид ба зарурати дасткашӣ аз истифодабарии мафҳуми «уҳдадории пулӣ» низ иброз гардида буд, зеро «ба таври қонунгузорӣ муайянкунии

---

[1] Ниг.: Иоффе О.С. Развитие цивилистической мысли в СССР. Л.: 1975. – С.76.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2003, №12. – С.674.

он мавҷуд набуда, истифодаи васеъ дар амалия бошад, метавонад, ки танҳо ба гумроҳӣ барад»[1].

Қобили зикр аст, ки дар муайянкунии уҳдадорӣ, ки дар м. 328 КГ ҶТ ҷой дорад, қонунгузор ба сифати фаъолияти мустақилона ба қарздор пардохти маблағро ҷудо мекунад. Ин ногаҳон ба ҷо оварда нашудааст, зеро пардохти пул на чизи дигар, балки яке аз имкониятҳои додани молу мулк мебошад. Қоидаи мазкур ба таври фаҳмо дар м. 140 КГ ҶТ оварда шудааст, ки мувофиқи он ба объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ашё, аз ҷумла, пул ва дигар моликият мансуб дониста мешаванд[2]. Ҳамзамон, пул шакли тамоман дигари моликият мебошад, ки ин боис гардидааст (дар ҳолатҳои истисноӣ) ба шакли уҳдадории алоҳидаи мустақил ҷудо карда шавад, ки барои пардохти маблағ нигаронида шудааст[3]. Вале муайян кардани уҳдадориҳои пулӣ танҳо ба шакли уҳдадорӣ, ки ба хотири додани пул нигаронида шудааст, он қадар дуруст намебуд. Зеро, додани пул метавонад, ки асоси муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ ва ғайришартномавиро ташкил дода, чун «санксия барои иҷро накардани уҳдадориҳо хизмат кунад, ки мавзӯи аввалияи он на пул, балки дигар ашё ва ё хизматрасонӣ ва ё дигар фаъолият мебошад»[4]. Вале он ҳолате, ки уҳдадориҳои пулӣ ба таври анъанавӣ ба сифати дараҷаи мустақил дар қонунгузорӣ, амалияи судӣ ва доктрина дар тамоми низоми онҳо, ҳамчунин, қонунгузории гражданӣ баррасӣ мешаванд[5], имкон медиҳад, ки оид ба зарурати ҷудо намудани онҳо дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии ҳатмӣ

---

[1] Ниг.: Хохлов Б.О. Ответственность за пользование чужими денежными средствами // Хозяйство и право. 1996, №8.
[2] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш., Ҳуқуқи гражданӣ. қисми 1. Душанбе: «ЭР-граф», 2014. - С.154-155.
[3] Советское гражданское право. Том 1/ Под ред. О.А. Красавчикова. М.: 1968. - С.413.
[4] Ниг.: Иоффе О.С. Обязательственное право. М.: 1975. – С. 649-650.
[5] Ниг.: Гражданское и торговое право капиталистических государств/ Под ред. Е.А. Васильева. М.: 1992. – С. 293.

сухан гуфта шавад. Ин пеш аз ҳама бо хусусиятҳои мавзӯи уҳдадории пулӣ ва тарзи иҷрои он асоснок карда шудааст.

Ба қоидаи муайянкардаи Лунтс Л.А. муҳтавои уҳдадории пулӣ, хусусиятҳои иҷрои онҳо ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардан бо сифатҳои мавзеи ҳамин уҳдадорӣ бо роҳи ҷудо кардани хусусиятҳои ба худ хос асоснок карда шудаанд, онҳоро пул доро мебошад ва онҳоро дар миёни тамоми дигар ашёи гардиши гражданию ҳуқуқӣ ҷудо мекунанд [1]. Мутаносибан, баррасии уҳдадориҳои пулиро аз тавсифи мавзӯи онҳо шурӯъ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Бо роҳи ҷудо кардани хусусиятҳои мавзӯи уҳдадориҳои пулӣ метавонад, ки тавсиф ба худи уҳдадорӣ низ дода шавад.

Дар қонунгузории гражданӣ пул ба таври анъанавӣ чун ашёе дида мешаванд, ки бо аломатҳои пайдоиш, тақсимшаванда ва истеъмолшаванда муайян карда мешаванд, ки қувваи пардохтии он бо миқдори воҳидҳои пулии дар пулҳои коғазини мувофиқ овардашуда муайян карда мешавад. Нисбат ба ашёи маъмулии «тавлидӣ» пул метавонад, ки на бо хусусиятҳои табиӣ ва сифати пулҳои алоҳида, балки бо маблағи пулии дар онҳо ифодашуда муайян карда шавад[2].

Дар уҳдадориҳои пулӣ қарздор бояд ба қарздиҳанда «миқдори маъмули арзишҳо, на ин ки ашёро» пешниҳод намояд[3]. Уҳдадориҳо бошад, ки дар онҳо пул ба сифати ашёи дорои аломатҳои муайян баромад мекунанд, ба мисли хариду фурӯши аломатҳои пулӣ, табодули онҳо ва ғайра наметавонанд, ки ба мисли пулӣ баррасӣ шаванд. Истифодабарии пул танҳо дар ҷараёни аз дасти молик рафтани онҳо имкон дорад, дар ин ҳолат ба таври истисно

---

[1] Ниг.: Лунц Л.А. Денежные обязательства в гражданском и коллизионном праве капиталистических стран. М.: 1948. – С. 12.

[2] Гражданское право. Часть 1. Учебник / Под ред. Толстого Ю.К., Сергеева А.П. М.: 1997. – С. 203.

[3] Ниг.: Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. С-Пб, 2001. – С.16.

танҳо пул метавонад, ки вазифаи воситаи гардишро иҷро намояд. Пул дар ин ҳолат мисли ашёи истифодашаванда дида мешавад, ҳарчанд аз даст додани хусусиятҳои табии (вайрон шудани) пул дар ҷараёни истифодабарии он ба амал намеояд, баръакс, ба онҳо афзоиш хос аст. Пул вобаста ба он тақсимшаванда ҳисобида мешавад, ки маблағи пулӣ ҳама вақт метавонад, ки бе зарар барои имконияти таъйиноти хоҷагидории қисми ҷудокардашуда тақсим гардад. Вобаста ба ин қисми пул ҳиссаи дар ҳуқуқи гражданӣ чун роҳи тақсими молу мулк ҳангоми ба таври табиӣ тақсим нашудани онҳо қабул гардидааст[1].

Мутобиқи қисми 3 м. 142 КГ ҶТ ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла, пул ва коғазҳои қиматнок, манқула дониста мешавад. Пул ашёи манқул эътироф гардида, чун қоида, метавонад, ки бе риояи ҳатмият ба даст омада, истифода бурда шавад. Баръакс, барои таъмини озодии гардиши пул ва ҳифзи ҳуқуқи дорандагони пул аз ҷониби қонунгузорӣ як қатор қоидаҳои махсус муқаррар карда шудааст. Яъне, мувофиқи м. 323 КГ ҶТ пул аз гирандаи софдили он талаб карда намешавад, ҳатто агар онҳо аз тарафи соҳиби он ва ё шахсе, ки ба ӯ барои соҳибият дода шуда буданд, ва ё аз ин ё он дуздида шуда бошад, ё ин ки аз дасти онҳо бе хоҳиши онҳо гирифта шудаанд. Ин қоидаҳо ба он мусоидат мекунанд, ки дар иштироккунадагони гардиши иқтисодӣ боварӣ ба устуворӣ, мустаҳкамии мутлақи ҳуқуқҳои худ ба пул дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба он, ки кадоме аз хусусиятҳои овардашудаи пул чун муайянкунанда фаҳмида шуда, роҳҳои муайянкунандаи мафҳуми «уҳдадории пулӣ» аз ҳам фарқ мекунанд.

Як гурӯҳ олимон пешниҳод мекунанд, ки уҳдадориҳои пулӣ чун уҳдадорие фаҳмида мешаванд, ки барои пардохти

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. М.: 2000. – С. 18

аломатҳои пулӣ равона карда шудаанд, яъне барои пешниҳоди ашёи моводӣ, ки дар гардиш вазифаи воситаи муомилотро иҷро мекунанд[1]. Ҳолати мазкур он қадар асоснок нест, зеро дар иқтисоди имрӯза пул на ҳамеша ба сифати воситаи муомилоти молҳо баромад мекунад.

Дар адабиёти классикии тоҷикӣ истифодаи мафҳуми «вом» бештар ба назар мерасад. Ин аст, ки коғазҳои қарзии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 сар карда, номи «вомбарг»-ро гирифтаанд, ки маънояш шаҳодатномаи қарзӣ мебошад[2]. Мисоли ин метавонад, ки қарордоди вом (заём) бошад, ки тибқи он ба вомгиранда (қарзгиранда) миқдори муайяни пул пешниҳод намуда, вомдиҳанда пешниҳоди ҷонибро дар шакли мол ва ё дигар ашёи моводӣ ба даст намеорад. Дар ин ҳол вазифаи вомгиранда ба сари вақт бозпас гардонидани маблағи пулӣ аз қарздиҳанда бо фоизи ба он зам кардашуда дастрас намуда, хотима меёбад (м. 860 КГ ҶТ). Пардохт барои истифодаи воситаҳои пулии чун қарз пешниҳодгардида арзиши маблағи мазкурро барои қарзгиранда асоснок мекунанд. Ҳамин тавр, муайянкунии дар боло овардашудаи уҳдадории пулӣ имкон намедиҳад, то он муносибати гардиши иқтисодие фаро гирифта шавад, ки дар онҳо пул нақши воситаи умумии мубодиларо иҷро кунад.

Тақсимоти дигар вазифаҳои пул – моле, ки қобилияти ба ҳар моли дилхоҳ иваз шуданро дорад, ҳамарзиши (эквиваленти) умумӣ номида шуда[3], қобилияти онҳо ба сифати арзиши ҳисоб кардани ҳаматарафаи онҳо баромад намуда, уҳдадории пулӣ он уҳдадориҳое маҳсуб меёбанд, ки дар онҳо қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки ба нафъи

---

[1] Ниг.: Лунц Л.А. Денежные обязательства в гражданском и коллизионном праве капиталистических стран. М.: 1948. – С. 17.
[2] Ниг.: Шарифзода Р. Муомилоти пулӣ ва қарз, Душанбе: «ЭР-граф», 2008. - С. 217.
[3]Ҳамон асар. Раҳимзода Ш. соли 2008. - С. 21.

қарздиҳанда миқдори муайяни пулро ба сифати чораҳои арзиши неъматҳои молмулкии қарздиҳанда пардозад[1]. Зикр мешавад, ки дастур танҳо барои вазифаҳои иқтисодии пул барои муқаррар намудани фаҳмиши «уҳдадориҳои пулӣ» кифоя нест. Ҳар як уҳдадорӣ метавонад дар навбати аввал, аз хусусияти фаъолияте муайян карда шавад, ки аз тарафи қарздор, аз нуқтаи назари мавзӯи фаъолияти қарздор ва аз нуқтаи назари хусусиятҳои хоси муҳтавои он муайян карда шавад[2].

Бо дарназардошти гуногунии вазифаҳое, ки аз тарафи пул дар гардиши гражданӣ ба ҷо оварда мешавад, маълум мегардад, ки ба ғайр аз худи мавзӯи уҳдадории пулӣ тавсифи зарурӣ барои муайян кардани он роҳи иҷро кардан низ мебошад. Ба сифати чунин амал додани маблағи пулӣ баромад мекунад, ки андозаи он метавонад тибқи шартнома, дигар қарордоди тарафҳо, қонун ва ё дигар санади ҳуқуқӣ (масалан, ҳангоми ситонидани ҷарима) муайян карда шавад. Ҳамзамон, барои он ки уҳдадории пулӣ ҳисобида шавад, истифодаи маблағи пули аз қарздор ба қарздиҳанда додашаванда ба сифати воситаи пардохт ё воситаи пӯшонидани қарз муҳим арзёбӣ мегардад - чунин хулосаро бо мурочиат ба қонунгузории амалкунанда баровардан мумкин аст. Дар навбати худ, қарзи пулӣ намуди нисбатан паҳнгаштаи уҳдадории пулӣ буда, фаъолияти қарздорро мефаҳмонад, ки барои пардохти маблағи муайян ва ё муайян кардашудаи воҳидҳои пулӣ равона карда шудааст[3]. Вобаста ба хусусиятҳои иҷрои уҳдадории пулӣ, чунин ҳолат пешниҳод карда мешавад, ки чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ баррасӣ шавад, ки муҳтавои он оид ба ҳуқуқи қарздиҳанда ва

---

[1]Ҳамон асар. Лавров Д.Г.

[2] Ниг.: Толстой В.С. Отдельные виды обязательств, не известных гражданским кодексом союзных республик // Советсвое государство и право. 1971. №10.

[3] Ниг.: Ипатов А.Б. Отдельные вопросы применения статьи 395 ГК РФ//Юрист, 2001. №10.

уҳдадории ҳуқуқии ба ӯ вобастаи қарздор барои ба ҷо овардани пардохт ва ё маблағсупорӣ мебошад, яъне, фаъолият (ё амал) оид ба супоридани маблағи муайяни (муайяншавандаи) пул (асъор)[1].

Мувофиқи тафсири дигар, маблағҳои пулӣ гуфта, он уҳдадорие фаҳмида мешавад, ки тибқи он қарздор вазифадор мешавад, ки ба қарздиҳанда маблағҳои пулиро дар андозаҳои муайян ва ё муайяншаванда бо мақсади иҷро кардани пардохт супорад[2]. Дар ҳар ҳолат ҳангоми набудани ҳадафҳои пардохти қарзи пулӣ уҳдадорӣ наметавонад, ки пулӣ ҳисобида шавад, ҳатто агар мавзӯи он аломатҳои пулӣ низ бошанд. Зеро, дар ин ҳолат, пулҳои барои аломати уҳдадории пулӣ муайяннакунанда на чун воситаи пардохт, балки ҳар намуди дигари моликияте баромад мекунанд, ки хусусиятҳои хосро доро нестанд. Вобаста ба ин эҳтимол меравад, ки ба теъдоди уҳдадориҳои пулӣ ҳамагуна уҳдадориҳо ворид карда мешаванд, вақте ки вобаста ба соҳибияти асосӣ қарздор ба нафъи худ пулҳои қарздиҳандаро нигоҳ медорад (аз ҷумла, уҳдадориии нигоҳдоранда ва интиқолдиҳандаро низ)[3].

Дар уҳдадориҳои пулӣ, пул бояд айнан ба сифати воситаи барқарорсозандаи ҳамарзишии (эквивалентнокии) табодул, ба фурӯшанда ҷуброн кардани арзиши моли фурӯхтаи ӯ баромад кунад. Тавре, ки мебинем, аз аввал (ташкили истеҳсолот) то охир фурӯши маҳсулоту иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, пул нақши ҳалкунандаро мебозад[4]. Бо ҳамин асос ба сифати уҳдадорӣ мавриди баррасӣ қарор намегиранд: уҳдадории мизоҷ вобаста ба додани пул ба бонк тибқи қарордоди хизматрасонии хазинавӣ, уҳдадории пешниҳоди қарз, додани пешмузд ва ё маблағи пешпардохт ба

[1] Ниг.: Белов В.А. Денежные обязательства. М.: 2001. – С. 14.
[2] Ниг.: Новоселова Л.А. Проблемы гражданско-правового регулирования расчетных отношений. Автороф. дис д-ра юр. Наук. М., 1997. - С.19.
[3] Ниг.: Белов В.А. Ҳамон ҷо.
[4] Ниг.: Шарифзода Р. Муомилоти пулӣ ва қарз, Душанбе: «ЭР-граф», 2008. - С. 52.

тарафе, ки хизмат мерасонад ва ё корро иҷро менамояд ё ин ки молу маҳсулот медиҳад. Дар тамоми ин ҳолатҳо додани пул уҳдадориро намепӯшонад, баръакс, онро дар тарафи гиранда эҷод мекунад. Тарафи ба худ гирандаи уҳдадории додани қарз ин ҳадафро дунболагирӣ мекунад - ба даст овардани ҳаққи талаб намудани баргардонидани он аз қарздор: дар уҳдадории додани пешмузд (пешпардохт) - ба даст овардани ҳаққи талаби ҷавобии иҷрои тараф тибқи қарордод. Уҳдадории ҳадякунанда ба ҳадяшаванда додани маблағ пулӣ ҳисоб намешавад (қ.1 м. 606 КГ ҶТ), зеро ҳадафи (асоси) бевоситаи чунин уҳдадорӣ нияти туҳфа кардан, зоҳир намудани саховатмандӣ мебошад. Вобаста ба ин, фаҳмиши анъанавии уҳдадории пулӣ чун уҳдадории алоқаманд бо додани маблағи муайяни пулӣ мебошад[1], ки дар он ҳадафи чунин пешниҳодсозӣ гуфта намешавад, он қадар муваффақ ба назар намерасад. Хусусияти уҳдадории пулӣ чун уҳдадорие, ки барои додани пул нигаронида шуда, дар он пул чун моликият фаҳмида мешавад, ки додани онҳо уҳдадории пулиро бо иҷро кардан мепӯшонанд, ҳамчунин, бо тамоми ҷузъиёташ моҳияти ин уҳдадорӣ ва ин хусусияти онро намекушояд, барои ҳамин наметавонад, ки истифода бурда шавад. Вобаста ба тамоми гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, уҳдадории пулӣ гуфта бояд чунин уҳдадорие фаҳмида шавад, ки тибқи он қарздор уҳдадор мешавад, ки ба қарздеҳ маблағи муайяни пулиро ба сифати воситаи пӯшонидани қарзи пулӣ пардозад. Бештари уҳдадориҳо метавонанд ба пул тавассути додан ҳангоми вайрон карда шудани пардохти ҷуброни пулӣ табдил ёбанд. Хусусияти пулии чунин уҳдадорӣ бо он асос меёбад, ки дар он ҷониби қарздиҳанда ҳуқуқи гирифтани маблағи муайяни пулӣ аз қарздор эътироф карда мешавад.

---

[1] Ниг.: Комментарий к Гражданскому кодексу РСФСР/ Под ред. С.И. Братуся, О.Н. Садикова. М.: 1982. –С.218. Советское гражданское право. Том 2/ Под ред. О.А. Красавчикова. М.: 1969. –С.243.

Пул дар чунин ҳолат дар нақши моликияте баромад мекунад, ки эътирофшуда аст ва қобилият дорад, ки тибқи шароити гардиш барои тарафи дигар барқарории ҳолати молумулкиро таъмин созад, ки то вайроншавӣ вуҷуд дошт.

Хусусияти уҳдадорӣ метавонад, ки ҳатто он вақте низ пулӣ ҳисобида шавад, ки ҳангоми аз ҷониби қарздор иҷро накардани уҳдадории қарздеҳ хароҷоти муайяни пулӣ барои он талаб карда мешавад, ки бо дигар роҳ ба он натиҷаи хоҷагидорӣ расида шавад, ки ба он бояд ба иҷрои уҳдадорӣ оварда расонад. Ниҳоят, хусусияти пули уҳдадорӣ он вақте низ баромад мекунад, ки қарздор барои иҷрои амали ба ҷо оварда (ва ё худдорӣ аз амал) аз қарздиҳанда ё маблағи пулӣ ва ё дигар чизи пешниҳодшавандаро мегирад, ки барои ин маблағи муайяни пулӣ сарф кардан зарур аст. Аз лаҳзаи муайян шудани ин маблағ уҳдадории аз ҷониби зараррасонанда ба зарардида пардохтан ба миён меояд[1].

Хусусиятҳое, ки ба мавзӯи уҳдадориҳои пулӣ хос аст, гуногунии аҳду намудҳои онҳоро ба миён меорад. Навъҳои гуногуни уҳдадориҳои пулӣ аз якдигар аз рӯйи асосҳои пайдоиш, хислати иҷро кардан, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо ва ғайра фарқ мекунанд. Оғози муттаҳидкунанда барои нақши онҳо пул мебошад, ки ба сифати эквиваленти арзиши боигариҳои моддии қарздиҳанда ва воситаи пардохти қарзе, ки дар тарафи қарзгиранда ҷой дорад. Мавҷудияти оғози умумӣ ва ҳамзамон, бо он тафриқаҳои муайян гуногунии таснифоти уҳдадориҳои пулиро ба миён овардааст. Ҳамин тавр, баъзе аз олимон уҳдадориҳои пулиро дар маънои маҳдуд ва васеъ ҷудо кардаанд.

Дар маънои маҳдуд ба уҳдадориҳои пулӣ уҳдадориҳое шомил мешаванд, ки барои додани пул ба маблағи муайяни

---

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. О правовых последствиях нарушения денежного обязательства//Вестник Высшего Арбитражного Суда Российской Федерации. 1999, №1.

пулӣ равона карда шудаанд. Ба уҳдадориҳои пулӣ дар шакли васеъ Л.Лунс уҳдадориҳоеро дохил намудааст, ки мавзӯи он маблағҳои пулӣ ба мисли он мебошад[1]. Таснифоти баррасишаванда метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, вале аз бисёр ҷиҳат қабулнашаванда вобаста ба мувофиқ набудани он ба уҳдадории пули аз мо овардашуда мебошад, ки тибқи он пул, бояд танҳо ба сифати воситаи пардохти қарз истифода шавад.

Олимони дигар чунин фарқ мекунанд:

1) уҳдадорие, ки мавзӯи он танҳо метавонад пул бошад;

2) уҳдадорие, ки мавзӯи он тибқи қоида, пул мебошад.

Ба гурӯҳи якум ин уҳдадориҳо дохил мешаванд: пардохти ҷарима; ки аз кафолати бонкӣ бармеоянд; додан ва ё баргардонидани байъона; пардохти фоидаи (рентаи) якумрӣ; пешниҳод ва баргардонидани қарз; аз қарордоди суғурта; векселӣ ва чекӣ.

Ба гурӯҳи дуюм - пардохти хароҷот (зарарҳо); пардохти фоизҳо; пардохти рентаи доимӣ; баргардонидани қарз; пардохти подоши ба таври расмӣ ваъдашуда ва ё мукофот аз рӯи натиҷаҳои озмун; аз бозӣ ва шартҳо[2]. Таснифоти мазкур ҳам аз рӯйи тақсимоти асосӣ, ҳам вобаста ба уҳдадориҳои онро доро буда ба қайд водор мекунад ва барои ҳамин эҳтимол дорад, ки барои баррасии муфассал арзиш дошта бошад. Мувофиқи дигар таснифоти аслии уҳдадориҳои пулӣ, вобаста ба ҳадафҳои барқарории онҳо ва асосҳо барои пайдоиш, чунин гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд: уҳдадории додани пул чун мавзӯи қарордод (ҳадафҳои уҳдадорӣ) ва уҳдадории пардохти пул чун нархи қарордод (қаноати дуҷониба)[3].

---

[1] Ниг.: Лунц Л.А. Ҳамон асар. – С. 89.
[2] Ниг.: Белов В.А. Ҳамон асар. – С. 20-21.
[3] Ҳамон ҷо. – С.30-31.

Новобаста аз навъҳои гуногуни пешниҳодшавандаи таснифоти уҳдадориҳои пулӣ, тақсимоти онҳо аз рӯи асосҳои пайдоишашон умумиэътирофшуда мебошад:

1) уҳдадориҳои қарордодӣ ва ғайриқарордодӣ;

2) танзимшаванда ва ҳифзшаванда.

Дар навбати худ дар байни ин гурӯҳҳои уҳдадориҳо метавонанд, ки зергурӯҳҳои нисбатан хурд ҷудо карда шаванд. Масалан, уҳдадориҳои танзимкунандаи пулӣ дарбар мегиранд: уҳдадориҳои қарордодӣ ва уҳдадориҳо аз фаъолиятҳои яктарафаи хусусияти қонунӣ (ба мисли уҳдадорӣ аз фаъолият ба манфиатҳои ғайр бе супориш; уҳдадорӣ аз ваъдаи расмии мукофот; уҳдадорӣ аз озмуни расмӣ). Вале, уҳдадорӣ аз сарватмандшавии беасос, новобаста аз он, ки онҳо низ метавонанд бо фаъолиятҳои яктарафаи қонунӣ ба вуҷуд меоянд, одатан ба ҳифзшаванда мансубанд, вобаста ба зидди қонун будани объективии худи далели сарватмандшавии беасос. Ин чиз низ табиист, ки на ҳамаи уҳдадориҳо аз амалҳои яктарафаи хусусияти қонунӣ пулӣ мебошанд.

Пас, тибқи қисми 1 м. 1070 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи мутасаддии озмун метавонад, ки на танҳо аз пардохти мукофоти пулӣ ба ғолиби озмун, балки ба додани дигар тухфа низ иборат бошад. Вале, дар он ҳолатҳое, ки муносибатҳои ҳатмии нишондодашуда дар шакли пулӣ ҷой дошта бошанд, ба онҳо тамоми ҳолатҳои қонунгузории ба уҳдадориҳои пулӣ вобастабуда қабул карда мешаванд. Он чи ки ба уҳдадориҳои ҳифзшавандаи пулӣ дахл дорад, тамоми онҳо аз як асос бармеоянд - қонунвайронкуниҳои гражданӣ, ки метавонад дар вайрон кардани ҳуқуқҳои мутлақ ва нисбӣ ифода карда шаванд. Уҳдадориҳои мазкур дар он ҳолат хусусияти пулӣ касб мекунанд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда бо роҳи ба қонунвайронкунанда ва ё шахси дигар гузоштани уҳдадории пардохт намудан ба дорандаи

ҳуқуқи вайронгардида маблағи муайяни пулӣ амалӣ карда шавад. Ба ғайр аз он, ба таври беасос ғанӣгардидан асоси пайдоиши уҳдадориҳои ҳифозатӣ метавонад, ки расонидани дигар ба манфиатҳои маводии шахси зарардида мебошад, аз ҷумла, ба ном зарари берун аз қарордодӣ, ки дар натиҷаи он уҳдадориҳои нозук ба миён меоянд. Ба мисли танзимшаванда, на ҳамаи уҳдадориҳои ҳифзшаванда пулӣ мебошанд. Пас, ба шахсе, ки барои зарари расонидашуда ҷавобгар мебошад, метавонад, ки уҳдадории талофӣ додани зарар дар шакли табиӣ вогузор карда шавад, яъне додани молумулк, ашёи ҳамон навъу сифат ва ё дуруст кардани ашёи хароб кардашуда. Вале дар он ҳолатҳое, ки товони зарар дар шакли табиӣ ва ё ислоҳ кардан ғайриимкон бошад, роҳи ягонаи барқарор кардани ҳуқуқи шахси зарардида ҷуброни пулӣ аст, яъне уҳдадорӣ хусусияти пулӣ мегирад.

## 2.2. Намудҳо ва таснифоти уҳдадориҳои пулӣ

Тартиби ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ, ки бо гуногунӣ ва таснифоти онҳо алоқаманд аст, бо дарназардошти талаботи гардиши имрӯзаи бозор тавассути қонунгузории нави гражданӣ ва пеш аз ҳама, бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудааст.

Чи тавре ки маълум аст, уҳдадориҳо робитаҳои ҳуқуқии маъмулии нисбӣ доранд, ки бо муайянгардии пурраи иштирокдорон, ҳайати аниқи субъектӣ (ниҳодӣ) тавсиф карда мешаванд. Маъмулан, мавзӯи уҳдадорӣ фаъолияти воқеӣ, мусбат (оид ба хариду фурӯш, супоридан, расонидани моликият ва ғайра) ё ин ки худдорӣ аз амалҳои комилан аниқ мебошад.

Уҳдадорӣ муносибатҳои нисбатан молумулкии яке аз иштироккунандагон (қарздор) мебошад, ки вазифадор аст ҳаракати муайянеро ба нафъи шахси дигар (қарздиҳанда) иҷро намояд ва ё аз чунин амал худдорӣ намояд, қарздиҳанда бошад, дар навбати худ ҳуқуқ дорад, ки аз қарздор иҷро намудани уҳдадориҳояшро талаб намояд. Яъне, моҳиятан ин муносибатҳои ҳуқуқӣ уҳдадориҳои шахсиятҳои аниқ оид ба рафтор мебошанд, ки ҳадафҳои молумулкиро таъқиб мекунад. Иштирокдорони уҳдадорӣ қарздиҳанда ва қарздор мебошанд.

Уҳдадориҳо метавонанд, ки яктарафа бошанд, вақте ки як тараф танҳо ҳуқуқ дорад, дигар тараф бошад - танҳо уҳдадорӣ ва дутарафа, вақте ки ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадории худро доранд.

Ба ғайр аз уҳдадориҳои маъмулӣ, ки дар онҳо як қарздиҳанда ва як қарзгиранда иштирок мекунанд, уҳдадориҳои мураккаб низ мебошанд, ки ба сифати қарздор ва қарздиҳанда, баъзан ба сифати ину он якчанд шахс баромад мекунанд. Дар ин ҳолат тартиби иҷрои уҳдадориҳо

аз тарафи иҷрокунандагони он вобаста ба мавзӯи уҳдадорӣ ва шароити ризояти тарафҳо муайян карда мешавад. Агар ҳар яке аз иштиоккунандагони уҳдадорӣ уҳдадор бошад, ки онро иҷро намояд ва ё мутаносибан ҳуқуқ дошта бошад, ки иҷрои онро дар саҳми муайян (баробар ва ё нобаробар) иҷро намояд, он гоҳ чунин уҳдадорӣ ҳиссавӣ номида мешавад.

Агар қарздиҳанда ҳуқуқ дошта бошад, ки иҷрои онро ҳам аз тамоми қарздорон дар якҷоягӣ, ва ҳам аз ягон нафари онҳо дар алоҳидагӣ талаб намояд, ҳам ба пуррагӣ ва ҳам қисман, ё ҳар яке аз қарздиҳанда ҳуқуқ дошта бошад, ки ба қарзгиранда талаб оид ба ҳаҷми умумии онро пешниҳод намояд (ки ин раҳоӣ аз ҷавобгарӣ дар назди қарздиҳандагони боқимондаро мефаҳмонад), чунин уҳдадорӣ якдилона номида мешавад.

Муҳтавои уҳдадорӣ, нисбат ба муносибатҳои граждании ҳуқуқӣ низ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштироккунандагони он эҷод карда мешавад. Дар ин ҳол, барои қарздиҳандагон сухан оид ба ҳуқуқҳои талабнамоӣ, барои қарздорон бошад оид ба қарзҳо меравад.

Муҳтавои уҳдадорӣ метавонад, ки комилан гуногун бошад: метавонад, ки аз уҳдадорӣ оид ба додан ба қарздиҳанда ягон чиз, ягон амалеро иҷро кардан ва ё накардан, ё аз уҳдадории ҷуброн намудани хисороти расонидашуда иборат бошад. Муносибатҳои ҳатмӣ аз шартномаҳо ва ё дигар асосҳо бармеоянд, ки қисмати зиёди онҳо аз тарафи қонун муқаррар карда мешаванд (алиментҳо оид ба ҳуқуқҳои оилавӣ)[1] ва ҳатто дар баъзе ҳолат аз амалҳои яктарафаи шахс (ваъдаи расмӣ) ба амал меоянд. Бештари онҳо бошанд, натиҷаи фаъолиятҳои хусусӣ мебошанд ва ин

---

[1] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. - №22, мод. 303; соли 2006. - №4, мод. 196; соли 2008. - №3, мод. 201; соли 2010. - №7, мод. 546; соли 2011. - №3, мод. 177; - №12, мод. 855; соли 2013. - №3, мод. 195; соли 2015. - №11, мод. 960. соли 2016. - №3, мод. 143; - №11, мод. 881; соли 2017. - №1-2, мод.18.

фаъолиятҳо ё вайрон кардани ҳуқуқҳо ба ҳисоб мераванд (нест намудан ва ё вайрон кардани моликияти бегона) ва ё амалҳои ҳуқуқиянд (додугирифтанд - шартномаи хуриду фурӯш, қарз (вом) ва ғайра). Шаклҳои дар охир овардашуда омилҳои асосии ҳаёти гражданию ҳуқуқӣ мебошанд. Асос барои пайдоиши уҳдадорӣ метавонад ҳамчунин ба таври беасос сарватманд шудан бошад, ки боиси пайдо гардидани уҳдадорӣ оид ба баргардонидани чизҳои беасос бадастомада мегардад.

Муҳтавои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дорои уҳдадорӣ метавонад, ки ниҳоят гуногун бошад: ба таври подош ва ройгон соҳиб шудани моликияти хусусӣ, идораи фаврӣ (оперативӣ) ва бурдани корҳои хоҷагидорӣ, ба таври подош ва ройгон додани моликият барои истифодабарӣ, иҷрои пулакии корҳо ва хизматрасонӣ, нигоҳубонии моликият, дигар қоидаҳо оид ба молумулк, ки бо онҳо ҳуқуқҳои инфиродии ғайримолумулкӣ алоқамандaнд.

Тамоми уҳдадориҳо, вобаста ба заминаҳои пайдоишашон, ба ду навъ тақсим мешаванд:

Уҳдадориҳо тибқи шартнома, ки дар асоси бастани шартнома на танҳо тибқи қонун, балки шартномаҳои шахсони дар уҳдадорӣ иштироккунанда баста мешаванд. Умумиятҳои ҳуқуқии ин уҳдадориҳо имкон медиҳанд, ки миқдори зиёди меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ муайян карда шаванд, ки бо тартиби баробар оид ба тамоми уҳдадориҳои бешумор ва гуногунтаркиба истифода бурда шаванд. Қисми умумии институти (ниҳоди) ҳуқуқи шартномавӣ маҷмӯи ин меъёрҳои ҳуқуқиро эҷод мекунанд.

Ҳангоми тақсимот ва ташаккулёбии шароити қарордод метавон чунин уҳдадориҳои пулиро ҷудо намуд. Дар уҳдадориҳои пулӣ, вобаста ба хусусияти ҷойивазкунии неъматҳои моддӣ, чунин гурӯҳҳо аз ҳам ҷудо карда мешаванд:
1)Уҳдадории харидор оид ба пардохти арзиш (м. 521 КГ ҶТ);

2)Уҳдадории нарх ва пардохти мол (м. 535 КГ ҶТ);
3)Уҳдадории қарордод оид ба муҳтавои якумрӣ оид ба парасторӣ (м. 614 КГ ҶТ);
4)Уҳдадории қарордод оид ба қарзҳои молумулкӣ (м. 628 КГ ҶТ);
5)Уҳдадории пардохт оид ба истифодабарии молумулк (м. 633 КГ ҶТ);
6)Уҳдадории пардохт оид ба истифодабарии молумулк (тибқи қарордоди кироя) (м. 651 КГ ҶТ);
7)Уҳдадорӣ оид ба иҷрои кору фаъолият (м. 721 КГ ҶТ);
8)Уҳдадорӣ оид ба пардохти хизматрасониҳо (м. 800 КГ ҶТ);
9)Уҳдадорӣ оид ба пардохти ҳаққи нақлиётӣ (кашонидан (м. 810 КГ ҶТ);
10) Уҳдадориҳо оид ба мукофотдиҳӣ дар қарордоди супоришҳо (м. 913 КГ ҶТ);
11) Уҳдадориҳо оид ба мукофотдиҳӣ барои нигоҳдорӣ (м. 982 КГ ҶТ);
12) Уҳдадориҳои суғурта (бима)-и молумулкӣ (м. 1015 КГ ҶТ);
13) Уҳдадориҳо оид ба мукофотпулиҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои суғуртавӣ (м. 1039 КГ ҶТ);
14) Уҳдадориҳо оид ба фаъолияти муштарак (м. 1058 КГ ҶТ).

Дар уҳдадориҳои пулӣ бошад, чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд:

1) Уҳдадориҳо оид ба пардохти ҷарима (м. 355 КГ ҶТ);
2) Уҳдадориҳое, ки аз кафолатҳои бонкӣ бармеоянд (м. 397 КГ ҶТ);
3) Уҳдадориҳо оид ба мафҳуми байъона. Шакли байъона оид ба кафолати байъона (м. 409 КГ ҶТ);
4) Уҳдадориҳо оид ба қарордоди вомӣ (м. 827 КГ ҶТ);
5) Уҳдадориҳо оид ба вексел (м. 837 КГ ҶТ);

6) Уҳдадорӣ оид ба қарордоди пасандозҳои бонкӣ (м. 854 КГ ҶТ);
7) Уҳдадорӣ оид ба фоиз барои пасандозҳо (м. 859 КГ ҶТ);
8) Уҳдадориҳо оид ба ҳисоб кардан ва пардохти дфоизҳо барои пасандозҳо (м. 860 КГ ҶТ);
9) Уҳдадориҳо оид ба суратҳисоб аз рӯи чекҳо (м. 902 КГ ҶТ).

Дар уҳдадориҳои пули ба ҳисоб гирифташуда чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд:
1) Уҳдадориҳои навшавии қарз дар вомбарг (м. 835 КГ ҶТ);
2) Уҳдадориҳои талаботи қарзгиранда (м. 852 КГ ҶТ);
3) Уҳдадории пасандоз ба нафъи шахсони сеюм (м. 864 КГ ҶТ).

Уҳдадориҳои берун аз шартномавӣ, ки ба сифати асоси омилҳои дигари ҳуқуқӣ пешбинӣ мегарданд, танҳо аз қонун ва ё қонуни хоҳиши яке аз тарафҳо дар уҳдадорӣ вобастаанд. Дар дохили уҳдадориҳои шартномавӣ ду гурӯҳро метавон ҷудо намуд: уҳдадориҳо аз муомилоти яктарафа ва уҳдадориҳо оид ба нигоҳдорӣ.

Уҳдадориҳое, ки ба гурӯҳҳои алоҳида, ҳамзамон, бо аломатҳои муттаҳидкунанда ворид мегарданд, бо тавофутҳои муайяне фарқ мекунанд, ки таснифбандии минбаъдаи онҳоро пешбинӣ менамоянд. Дар навбати худ, намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳо метавонанд, ки ба шаклҳои гуногун баромад кунанд ва ё зергурӯҳҳои гуногун тақсим шаванд. Намуди аниқи уҳдадорӣ бо зергурӯҳҳои гуногун низ метавонад пешниҳод карда шавад, агар дар чаҳорчӯбаи ҳамин намуд хусусиятҳои махсус муҳтавои муносибатҳои ҳуқуқии ҳатмиро соҳиб гарданд. Масалан, дар дохили уҳдадорӣ кирояи воситаҳои нақлиётӣ (яъне худи ҳамон як навъи уҳдадорӣ) ду зернавъи он ҷудо шуда меистад: кирояи воситаи нақлиёт бо сарнишинон (ронандагон) ва кирояи воситаи нақлиёт бе онҳо.

Уҳдадориҳои пулӣ - ин шакли ҳуқуқии миқдори ниҳоят бузурги муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Ба шакли ҳуқуқии

уҳдадориҳои пулӣ ҳамчунин, муносибатҳо тибқи суратҳисоб ҳангоми табодули мол миёни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда низ ворид мегарданд: уҳдадориҳои пулӣ муносибатҳо оид ба қарздиҳӣ низ мебошанд.

Дар бештари ҳолат ҷуброн кардани зарар дар шакли пул амалӣ карда шуда, ҳамчунин, арзиши молу маҳсулоти додугирифти беэътибор низ ҷуброн карда мешавад [1] . Уҳдадориҳои пулии муҳтавои гражданию ҳуқуқиро метавон вобаста ба меъёрҳои гуногун маҳдуд намуд, ки ба онҳо асоснамоӣ ва ҳадафи аввалияи пайдоиши уҳдадориҳои пулӣ, хусусият ва тарзи иҷрои он, соҳаи иҷроиш (вобастагӣ ба гардиши дохилӣ ё берунӣ), мавҷудияти алоқаҳо бо дигар уҳдадориҳои ғайрипулӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо ва ғайраро вобаста намудан мумкин аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақида оид ба ғайриҳадафмандона будани эҷоди таснифбандии муайяни уҳдадориҳои пулӣ мавҷуд аст. Пас, тибқи ақидаи Д.Г. Лавров, тақсимоти уҳдадориҳо ба навъҳо, гурӯҳҳо, намудҳо ва шаклҳо дорои ҳадафи дар чаҳорчӯбаи ин ва ё он зерсоҳаҳо ошкор намудани чунин аломатҳои умумии ҳуқуқӣ мебошад, ки онҳо ба тамоми уҳдадориҳои ба ҳамин зерсоҳаи шомилбуда хос буда, истифодаи чунин таснифот ба уҳдадориҳои пулӣ наметавонад, ки вазифаи ошкор намудани хусусиятҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнокро ҳал намояд, ки моҳият ва вижагиҳои танзими ҳуқуқии онҳоро муайян намояд. Ин чунон маънидод карда мешавад, ки уҳдадориҳои пулӣ дар чаҳорчӯбаи ҳар яке аз зерсистемаҳои ҷудокардашудаи уҳдадориҳо мавҷуданд[2].

[1] Ниг.: Мансурӣ Ш.Ҷ. К вопросу о видах и классификации денежных обязательств, Институт философии, политологии и право АНРТ, Вестник Таджикского национального унверистета, (научный журнал) №3\1(158), Душанбе: «Сино» 2015, - С.-154.

[2] Ниг.: Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. – Спб.: Юридический центр Пресс, 2001. - С.250, Указ. соч. - С. 38.

Тибқи ақидаи В.А. Белов, зарурати таснифбандии уҳдадориҳои пулӣ бешакку шубҳа ва равшан «ҳатто ҳангоми назари рӯякӣ ба ҳадаф ва муҳтавои уҳдадориҳои гуногуни пулиест, ки аз ин ва ё он асосҳои аниқ ба вуҷуд омаданд»[1]. Эҳтимол меравад, ки менависад ӯ, уҳдадории пардохт намудани арзиши мол, ки аз шартномаи хариду фурӯш бармеояд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробари пешниҳод намудани қарз бошад. Ҳардуи онҳо бо муҳтавои худ ҳадафи ба моликияти шахсӣ додани маблағи пулиро доранд, вале ҳадафҳои онҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Мавҷудияти ҳолатҳои нишондодашудаи ҳуқуқӣ танҳо дар бораи зарурати таснифбандӣ шаҳодат дода, ба онҳо сахт муқобил баромадан зарурат надорад, ҳам дар чаҳорчӯби системаи ҳуқуқи уҳдадорӣ, ҳам дар чаҳорчӯбаи намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки низоми уҳдадориҳои пулӣ фаъолият мекунад. Усулҳои бартаридоштаи ҳар як таснифбандӣ дар он аст, ки тақсимбандӣ дар як дараҷа бояд аз рӯи як асос ба амал оварда шавад. Ин усул ба имконияти системакунонии серзинаӣ ишора мекунад, ки дар пайдарпайии таснифбандӣ асос ёфтааст. Эҷоди низоми уҳдадориҳои пулӣ дар муносибатҳои қарзӣ бо усули пайдарпайии таснифбандӣ бо ошкорсозии асоси ягона хотима намеёбад. Барои танзими ҳуқуқии сифатнок муқаррар намудани дараҷаи (иерархияи) дуруст миёни аломатҳои дуюмдараҷавии системавӣ низ аҳамияти калон дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ маҳдудгардонии уҳдадориҳои пулӣ тибқи меъёрҳои гуногун гузаронидашуда, бояд зикр намуд, ки дар маҷмӯъ дар таснифоте, ки аз ҷониби муаллифони гуногун баён карда мешавад, системанокӣ нест.

Ҳамин тавр, оид ба аломатҳои ворид шудан ба уҳдадориҳои пулии шароити иловагӣ, ки ба он нигаронида шудааст, то тибқи имконият муҳтавои ин уҳдадориҳо бо

---

[1] Ниг.: Белов В.А. Денежные обязательства. М., АО "Центр ЮрИнфоР", 2001, - С. 27.

арзишҳои ҳақиқии муайян алоқаманд карда шавад, яъне бо нархи бозории ягон намуд неъмат алоқаманд карда шаванд. Л.А. Лунс чунин намудҳои хоси уҳдадориҳои пулиро ҷудо кардааст:

1) бо ҳисоб кардани маблағи қарз бо нархи бозории ягон мол ва ё бо шохиси (индекси) нархи маҳсулот;

2) вобаста бо предмети худ доштани арзиши намуди муайяни аломатҳои пулӣ;

3) бо шароити пардохт бо арзи хориҷӣ[1].

Суханов Е.А., дар навбати худ зикр мекунад, ки дар шароити гардиши пешрафтаи молию пулӣ (бозорӣ) хизматрасониии уҳдадориҳои пули он, ки ба се намуд тақсим мешаванд, дорои рушди бештар мебошанд:

1) уҳдадориҳое, ки бо гирифтани воситаҳо барои ҳисобҳои пулӣ ва ё дигари иштироккунандагони гардиши молӣ алоқаманданд (масалан, қарз);

2) уҳдадориҳо оид ба ташкилнамоии ҳисобҳо, ки онҳо бе ширкати миёнаравони таҷрибадори молиявӣ-бонкҳо ғайриимконанд (масалан, ҳисобҳои бонкӣ);

3) уҳдадориҳо оид ба амалинамоии бевоситаи ҳисобҳо, ки дар гардиши рушднамуда маъмулан бо тартиби ғайринакдӣ ба вуҷуд меоянд ва онҳо низ бе иштироки бонкҳо (масалан, ҳисобҳо оид ба дастурҳои пардохтӣ ғайриимконанд)[2].

Белов В.А. ба асоси таснифбандии уҳдадориҳои пули танзимшаванда меъёрҳои ҳадафҳои ташаккулёбии онҳо ва гуногунии иҷрои уҳдадориҳои пулии муқаррааргардида ва асоснокии ташкилёбии онҳоро гузошта, ба ҳифзшаванда

---

[1] Ниг.: Лунц Л.А. Деньги и денежные обязательства в гражданском праве. М.; Статут. 1999. - С.129-138.

[2] Ниг.: Суханов. Е А. Денежные обязательства// Гражданский кодекс России. Часть вторая. Договора и другие обязательства (текст проекта, комментарии, проблемы). М.:Международный центр финансово-экономического развития. 1995. - С. 295-296.

уҳдадориҳо оид ба шартнома ва ё шароити ҷаримаро мансуб медонад[1].

Уҳдадории марказӣ фаъолиятҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ ба нафъи қарздиҳанда мебошад. Ин аслан он оғозест, ки аз он тамоми таълимот оид ба уҳдадориҳоро умуман, аз ҷумла, оид ба навъҳои алоҳидаи уҳдадориҳо сохтан лозим аст. Амали қарзгиранда, мазмуни уҳдадорӣ - ин асоси вижаи ин таснифот аст, ки дарвоқеъ, ҳатто дар муайянкунии қонунии мафҳуми уҳдадорӣ оварда шудааст - «вобаста ба уҳдадорӣ як нафар (қарзгиранда) вазифадор ба нафъи шахси дигар (қарздиҳанда) амали муайянеро иҷро намояд, ба мисли супоридани моликият, ичро кардани кор, пардохтани маблағ ва ғайра ё худдорӣ намудан аз амалҳои муайян, қарздиҳанда бошад, ҳуқуқ дорад, ки аз қарзгиранда иҷрои уҳдадориҳои ӯро талаб намояд» қ.1 м. 307 КГ ФР (қ.1. м. 328 КГ ҶТ)[2].

Уҳдадориҳои пули навъи муқаррарие, ки дар Кодекси гражданӣ оварда шудаанд, аз ҷониби муаллиф ин тарз таснифбандӣ мешаванд:

1) уҳдадориҳое, ки муҳтавои онҳо амали шахси қарздор оид ба супордани молу маҳсулот (аз ҷумла, молҳо дар маънои худӣ (муҷаз, пул ва қоғазҳои арзишнок) ба қарздиҳанда ва ё шахси сеюме, ки ӯ нишон додааст;

2) уҳдадориҳое, ки муҳтавои онҳо амали шахси қарзгиранда оид ба муқаррар кардан ва ё қатъ намудани ҳуқуқи муайяни субъективии қарздиҳанда ва ё шахси сеюми ӯ ишоранамуда мебошад;

3) уҳдадориҳое, ки муҳтавои онҳо амали шахси қарздор вобаста ба дараҷаи хизматрасонӣ мебошад- амале, ки барои эҷоди натиҷаи дилхоҳ нигаронида шудааст;

---

[1] Ниг.: Белов В.А. Гражданское право: Общая и Особенная части: Учебник. - М.: ЦентрЮрИнфоР, 2003. - С.734,737.

[2] Ниг.: Белов В.А. Денежные обязательства Москва АО «Центр ЮрИнфоР» 2001, - С 10.

4) уҳдадориҳое, ки муҳтавои онҳо амали шахси қарздор вобаста ба худдорӣ намудан аз ба ҷо овардани фаъолиятҳои муайяни аниқ мебошад.[1]

Таснифбандии Лавров Д.Г. ҳамчунин, уҳдадориҳои пулии танзимкунанда ва ҳифзкунанда, уҳдадориҳои пулии мустақилона ва ғайримустақилона, ки дар навбати худ ба чунин навъҳо тақсим мешаванд: Дар таснифбандии он уҳдадориҳои ҷудогонаи пулӣ ба танзимшаванда ва ҳифозатӣ, ҳамчунин, ба ғайримустақилона ҷудо мешаванд. Уҳдадории танзимшавандаи пулӣ тибқи фаҳмиши Д.Г. Лавров он уҳдадорие мебошад, ки дар он қарздиҳанда бо сарватҳои ба ӯ тааллуқдоштаи молумулкӣ сару кор гирифта, онро аз қарзгиранда бегона месозад, ва ё ҳуқуқи муваққатан истифодабариро ба ӯ дар шакли пул ва ё шакли дигар пешниҳод менамояд. Уҳдадориҳои танзимшаванда метавонанд, ки шартномавӣ ва ё ғайришартномавӣ бошанд, масалан, уҳдадориҳо аз фаъолияти яктарафа, ки хусусияти дурусти ҳуқуқӣ доранд. Ҳифзшаванда уҳдадориҳои пулие мебошанд, ки дар онҳо қарздиҳанда аз қарзгиранда арзиши баробарвазни сарвати ғайри ихтиёри хоҳиши ӯ аз дастрафтаро мегирад, ва ё чун сухан дар бораи сарвати хисоротдида, воситаи барқарор кардани арзиши аввалияи он меравад.

Уҳдадории мустақили пулӣ уҳдадорие мебошад, ки вобаста ба пайдоиш ва амалисозии худ бо дигар уҳдадориҳо алоқаманд нест, масалан, бо хусусияти ғайрипулидошта, дар муқоиса аз уҳдадории ғайримустақили пулӣ, ки аз рӯи ташкилёбӣ ва амалишавӣ бо дигар уҳдадориҳои пулӣ алоқаманданд[2].

Ҳамзамон, маҳдудиятҳои дар боло номбаршудаи уҳдадориҳои пулӣ, ки аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос оварда

[1]Ҳамон асар. 2001. - С 10.
[2] Ниг.: Лавров Д.Г. Ҳамон асар. - С. 38-64.

шудаанд, ба истисноии Л.А. Лунс, уҳдадориҳои пулии гардиши берунаро фаро намегиранд. Дастур ба чунин навъ дар кори Ануфриева Л.П. вомехӯрад, ки ӯ ба гуногунии уҳдадорииҳои пулие ишора мекунад, ки онҳо дар соҳаи амалисозии фаъолиятҳои берунии иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Ӯ зикр мекунад, ки уҳдадориҳои пулӣ «ин на танҳо иҷрои ихтиёрии уҳдадориҳо вобаста ба амалинамоии пардохт аз рӯи намудҳои гуногуни шартномаҳо (хариду фурӯш, иҷора, пудрат, кашонидан, нигоҳдорӣ, иҷозатномадиҳӣ, вом, қарз ва ғайра), вале пардохти ҷуброни мувофиқ вобаста ба расонидани зарар дар натиҷаи амалҳои дуруст ва ё хато, ки боиси чунин зарар гардидаанд, таъмини пардохти хусусияти ғаритиҷоратӣ дошта оид ба алиментдиҳӣ ва дигар асосҳо, ҳамчунин, уҳдадориҳои моҳияти дигардошта (вобаста ба қарори суд, аз ҷумла, суди иқтисодӣ (ҳакамӣ, арбитражӣ ва ғайра), ки аз шартномаҳои гражданию ҳуқуқӣ, меъёрҳои қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ бармеоянд[1].

[1] Ниг.: Ануфриева Л.П. Международное частное право: В 3-х т. Том 2. Особенная часть: Учебник. - М.: БЕК, 2000. - С. 358.

# БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ СОҲИБКОРОН ОИД БА ИСТИФОДАИ ФОИЗҲО БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ

## 3.1. Иҷрои уҳдадориҳо оид ба фоизҳо

Дар амалияи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонва судҳои салоҳиятдори умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мушкил асосан масъалаи таносуби қарз ва фоизҳо барои истифодабарии воситаҳои молии бегона мебошад.

Аксаран ҳангоми бастани шартномаҳо барои иҷрои кор, хизматрасониҳо ва ё додани моликият, тарафҳо ба шартҳои рӯёнидани ҷарима ба сифати роҳи таъмини иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби харидор (фармоишгар) пардохти моликият, хизматрасонӣ ва ё корро дохил мекунанд. Тибқи ин шартҳо, дар ҳолати вайрон карда шудани ин уҳдадорӣ аз тарафҳое, ки кор, хизматрасониҳо ва ё додани моликиятро иҷро кардаанд, ҳуқуқи талаб кардани на танҳо пардохти фоизҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, балки рӯёнидани ҷарима низ, ки дар қарордод дарҷ гардидааст, ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо, он чизе муҳим аст, ки дар ҳолати баамаломада қарздиҳанда бояд яке аз ин ду шакли ҷавобгариро интихоб кунад, ки мехоҳад онро ба қарздоре истифода барад, ки уҳдадории пулиро вайрон кардааст. Ғайриимкон будани якбора гирифтани ҷарима ва зиён, фоизҳо барои истифодабарии пулҳои ғайр бо он асоснок карда мешавад, ки ҳам зиён ва ҳам фоизҳое, ки ба сифати ҷавобгарӣ истифода бурда мешаванд, дар нисбати зарар оид ба қоидаҳои умумӣ хислати санҷишӣ доранд, чи тавре ки дар моддаҳои 424 ва 426 КГ ҶТ муқаррар карда шудааст.

Ба ғайр аз ин, тибқи м. 358 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи ҷарима метавонад, ки аз тарафи суд кам

карда шавад, агар суд қарор кунад, ки зарар ба таври аёнӣ бо оқибатҳои вайрон карда шудани уҳдадориҳо баробар нест[1], барои ҳамин муқаррароти м. 426 КГ ҶТ хилофи қоидаи умумӣ (м. 357 КГ ҶТ) мебошад, ки тибқи он андозаи ҷаримаи қонунӣ танҳо метавонад, ки тибқи шартномаи тарафҳо зиёд карда шавад (агар қонун инро манъ накарда бошад), вале кам карда намешавад. Моддаи 426 КГ ҶТ ба тарафҳо ҳуқуқи тибқи салоҳдиди онҳо кам карда шудани андозаи ҷаримаро дар муқоиса бо ҳадде фароҳам овардааст, ки дар асоси моддаи мазкур истифода бурдан мумкин аст. Дар ин ҳолат чунин ба назар мерасад, ки аз тарафи қонун андозаи ками ҷаримаи қонунӣ ба таври ошкоро муқаррар карда шудааст, зеро дар бештари ҳолат қарздиҳандагони қарзҳои уҳдадориҳои муҳлаташон гузашта мизоҷони бонкҳои тиҷоратӣ буда, ба онҳо нисбат ба андозаҳои Бонки миллии Тоҷикистон барои истифодаи қарзҳои онҳо меъёрҳои нисбатан баландтари фоизҳо мепардозанд. Бо ҳамин яке аз вазифаҳои асосии ҷарима моҳияти худро гум мекунад: Ҳавасманд сохтани иҷрои уҳдадориҳо зери хатари оқибатҳои ҷиддии манфӣ дар ҳолати вайрон карда шудани онҳо. Агар истифодаи якбора барои худи ҳамон вайронкунӣ роҳ дода шавад (масалан, ба таъхир андохтани пардохти маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ), ҷарима ва фоизҳо (м. 426 КГ ҶТ), имконияти рӯёнидани таҳримҳое нигоҳ дошта мешавад, ки дар маҷмӯъ аз андозаи зарари эҳтимолии баландтарини қарздиҳанда зиёдтаранд, ки боиси аз ҷониби охиринҳо вобаста аз тарафи қарзгиранда вайрон карда шудани уҳдадориҳои пулӣ гардидаанд. Чунин вазъ хилофи усулҳои ҳуқуқи граждангӣ мебошад. Аз ин қоидаи умумӣ оид ба роҳ надодан ба истифодаи якбора ба қарздор барои худи ҳамон

---

[1] Ниг.: Қисми 7. қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 13 июни соли 2007, №7. - С.238.

як намуди вайронкунии уҳдадориҳои пулӣ ду роҳи ҷавобгарӣ - ҷазо ва фоизҳо ду истисно мавҷуд аст.

Аввалан, ин қоида он ҳолатҳоеро дарбар намегирад, вақте ки тибқи қарордод ва ё қонун ҷаримаи аҳдшиканӣ барои пардохт нашудани қарз, ва ё мавқуф гузоштани пардохти он ба назар гирифта шудааст. Сухан сари он ҷаримаҳое меравад, ки новобаста аз пардохти зарарҳо, аз ҷумла, зарарҳои аз ин зиёд расонидашуда бояд рӯёнида шаванд.

Баъдан, қоидаҳо оид ба роҳ дода нашудан ба вайрон кардани худи ҳамон як уҳдадории пулӣ дар он ҳолатҳое паҳн намегардад, ки фоидаҳои солона ба сифати пардохт барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр рӯёнида мешаванд, вобаста ба он ки охириҳо меъёри ҷавобгарӣ нестанд.

Агар қарздиҳанда ба қарзгир якбора ҳарду талаботро пешниҳод кунад, суд бояд (дар асоси набудани далел ё асос, ки қарздорро аз ҷавобгарӣ озод мекунад) яке аз онҳоро қонеъ сохта, даъворо вобаста ба қисми талаботи дуюм рад намояд. Дар ин ҳолат, он меъёри ҷавобгариеро қабул мекунад, ки ба дараҷаи нисбатан баландтар талафоти қарздиҳандаро ҷуброн мекунад. Баъдан қарздиҳанда ҳақ дорад, ки ба қарзгиранда талабот оид ба ҷуброни талафоти ба ӯ расонидашударо вобаста ба қисмҳое талаб намояд, ки онҳоро мутаносибан ҷарима ва ё фоизҳои солона барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр фаро нагирифтаанд[1].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ он масъалаҳое ба маротиб таҳқиқ гардидаанд, ки ба табиати ҳуқуқии фоизҳо барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр, таносуби уҳдадориҳои фоизҳо ва уҳдадориҳо оид ба ҷуброн карда шудани талафот, пардохти ҷарима дахл доранд, вале масъалаи истифодаи

---

[1] Ниг.: Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежными средствами. // Хозяйство и право, 1998, №11. - С.24.

уҳдадории пулӣ ва навъҳои алоҳидаи он таҳқиқи ҳамаҷонибаро фаро нагирифтаанд.

Товон додан яке аз принсипҳои гардиши молу мулкӣ мебошад, истифодаи воситаҳои пулии ғайр бошад, истисно намебошад. Ҳангоми истифодабарии он муҳим нест, ки он оё ин қонунист ва ё дар натиҷаи роҳ дода шудан ба қонунвайронкуниҳо ба амал меояд. Зеро табиати ҳуқуқии даромади ба дастомада аз ин тағйир намеёбад.

Чи тавре ки Новосёлова Л.А., дуруст зикр мекунад, мафҳуми «фоизҳои солона» худ ба худ табиати ҳуқуқии муносибатҳои ба миёномадаро муайян намекунанд, балки танҳо ба тарзи ҳисобкунии маблағҳои пулӣ ишора мекунад»[1].

Тибқи ақидаи Тирская Е., подош барои пешниҳоди сармоя дар рафти рушди табии муносибатҳои уҳдадории ҳуқуқӣ гардида, фоизҳо барои истифодабарии воситаҳои пулӣ ҳангоми вайрон карда шудани уҳдадориҳо низ аз чунин будан даст намекашанд. Ҳатто агар қарз бефоиз (ҳасана) буд, дар асоси қонун, яъне м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) ҳангоми вайронкунии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ қарздор бояд барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр фоизҳо пардозад[2]. Дар муносибати шароити иҷрои уҳдадориҳои фоизҳо, қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои умумӣ надорад. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддае вуҷуд надорад, ки қоидаҳои истифодабарии чунин уҳдадориро ба таври муфассал танзим намояд. Нишондодҳои муайянкардашуда дар нисбати иҷрои уҳдадории пулӣ дар моддаҳои алоҳидаи КГ ҶТ ҷой доранд, дар ин ҳол ба назар гирифтан лозим аст, ки барои баъзе дигаргуниҳои ин уҳдадорӣ, хусусиятҳои иҷрои он муқаррар карда мешавад.

---

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. Изд. 2-е., испр. и. - М.: С., 2003. - С.52.
[2] Ниг.: Тирская Е., Долг платежом красен // эж-ЮРИСТ. - 2001. №5. - С.2.

Қоидаҳои махсус дар муносибат бо иҷрои уҳдадории фоизҳо ба шароитҳои зерини он дахл доранд, ба мисли:

1) андозаи (ҳаҷми) уҳдадории пулӣ;

2) ставкаи фоизҳо;

3) марҳилаи ҳисоб кардан ва иҷрои уҳдадории пулӣ.

Андозаи уҳдадории пулӣ аз маблағи қарзи асосии пулӣ вобаста аст. Яке аз хусусиятҳои қарзи пулӣ қобилияти овардани даромади доимӣ дар шакли фоизҳо чун пардохт барои сармояи пешниҳодшуда мебошад. Вале, фоизҳо ба таври фаврӣ ҳисоб карда намешаванд, барои ин ҳамеша бояд асос бошад яъне қарордод ва ё қонун.

Масалан, тибқи м. 426 КГ ҶТ барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр фоизҳо ба маблағи ин воситаҳо пардохта мешаванд. Тибқи қисми 1 м. 829 КГ ҶТ қарздиҳанда ҳуқуқи аз қарзгиранда гирифтани фоизҳои маблағи қарзро бо андоза ва тартибе дорад, ки дар шартнома нишон дода шудааст. Ҳангоми дар шартнома зикр нагардидани шартҳо оид ба фоизҳо андозаҳои онҳо тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи бонкҳо дар рӯзи аз ҷониби қарзгиранда пардохт шудани қарз ва ё қисми мувофиқи он муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, дар ҳолатҳои алоҳида ҳисоб кардани фоизҳо барои чунин уҳдадориҳои такроршаванда, ба мисли талафот, фоизҳо, ҷаримаҳо роҳ дода мешавад. Тибқи қисми 1 м. 394 КГ ҶТ замонатдиҳандае, ки уҳдадориро иҷро мекунад, ҳуқуқ дорад, ки аз қарздор пардохти фоизҳоро ба маблағе, ки аз ҷониби ӯ ба қарздиҳанда пардохта шудааст, ва низ ҷуброни талафотеро, ки вобаста барои ҷавобгар будан барои қарздор дидааст, талаб намояд. Дар ин ҳолат фоизҳо дар асоси м. 426 КГ ҶТ ба тамоми маблағи аз тарафи зомин ба қарздор пардохташуда гузаронида мешавад, аз ҷумла талафот, ҷаримаҳо, фоидаҳои ба қарздиҳанда пардохташуда ва

ғайраҳо, ба истисноиа пардохт аз тарафи зомин вобаста ба муҳлати гузашта[1].

Чун баъди аз тарафи зомин қонеъ сохтани талабот уҳдадории асосӣ ба пуррагӣ ва ё қисман иҷрошуда ҳисобида мешавад, зомин ҳақ надорад, ки аз қарздор пардохти фоизҳоро, ки бо шароити таъмини уҳдадориҳо аз лаҳзаи пардохтани талаботи қарздор муайян карда шудааст, талаб намояд[2].

Ҳамин тавр, бо дарназардошти табиати ҷуброншавандаи фоизи уҳдадориҳо, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда дар қонеъгардонии талабот оид ба ҳисоб карда гузаронидани фоизҳо ба даромадҳо ва зарарҳо, имконияти ҳисоб кардани онҳоро ба намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳои пулӣ роҳ медиҳанд. Дар амалияи қарздорон дар ҳисоб кардани фоизҳо бе хориҷ кардан аз маблағ қарзи пулии андоз аз даромади иловашуда (ААИ) ба хатогӣ роҳ медиҳанд, зеро пардохтҳои хусусии аз тарафи қарздор баҷоовардашуда ва ғайраро ба назар намегиранд.

Дар сатҳи қонунгузорӣ тақвият бахшидани манъи истифодабарии қоидаҳои м. 358 Кодекси гражданиро барои муайян намудани андозаи фоизҳои солона мувофиқи мақсад меҳисобем. Андозаи фоизҳо аз миқдори маблағгузории навбатӣ барои давраи муайяни вақт муайян карда мешавад.

Мутобиқи қисми 1 м. 829 КГ ҶТ ставкаи фоизи бонкӣ дар рӯзи пардохти қарздор маблағи қарз ва ё қисми муайяни он муайян карда мешавад. Қисми 1 м. 426 КГ ҶТ ҳамин муҳтаворо дарбар мегирад, вале қоидаҳои иловагӣ барои вақти рӯёнидани қарз дар фаъолияти судӣ мухтасаран баён

---

[1] Ниг.: Қ.19 қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007. №7 «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр», Маҷмӯи қарорҳои Пленуми Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2004-2009., - С.244.
[2] Ҳамон ҷо. Қарори Пленуми СОИҶТ - С. 244.

карда шудааст. Дар асоси қоидаҳои м. 358 КГ ҶТ ба судҳо пешниҳод карда шудааст, ки имкониятҳои қонеъ сохтани талаботи қарздиҳанда вобаста ба меъёрҳои ҳисобшавандаи фоизҳои бонкӣ дар рӯзи пешниҳод намудани даъво ва ё рӯзи баровардани қарор истифода бурда шавад. Ҳамзамон, қарори суд на ҳамеша ба қоидаҳои дар қонун овардашуда мувофиқ меоянд, дар ҳолати истифодабарии андозаҳои гуногун ва ё муайян кардани андозаи аз нав маблағгузорӣ, ки андозаи он бештар ба меъёри ҳисобӣ дар тамоми давраи истифодабарӣ наздик аст.

Қисми 1 м. 426 КГ ҶТ қоидае муқаррар кардааст, ки мувофиқи он барои истифодабарии воситаҳои пулҳои ғайр барои ғайриқонунӣ нигоҳ доштани онҳо, саркашӣ аз баргардонии онҳо, дигар муҳлатгузарониҳо дар пардохти онҳо, ва ё беасос гирифтан ва ё амонатнигоҳдорӣ аз ҳисоби шахси дигар пардохти фоизҳо ба ҳисоби маблағҳои ин воситаҳо ба ҷо оварда мешавад. Тафсири якмаъноии ҳамин меъёр мушкилиҳои зиёдеро ба бор меорад. Масалан, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон истилоҳи «истифодабарӣ» дар ҳошияи м. 426 КГ ҶТ айнан фаҳмида намешавад, худи истифодабарӣ бошад, на ба сифати асос, на ба сифати шароити рӯёнидани фоизҳо тахмин карда намешавад. Муаллифони дигар, баръакс, «истифодабарӣ»-ро чун асос ва ягона уҳдадории дар м. 426 КГ ҶТ овардашуда мефаҳманд.

Меъёре, ки дар қисми 1 м. 426 КГ ҶТ оварда шудааст, аксар ба сифати қоидаи умумии муқарраркунандаи оқибатҳои гузаштани иҷрои муҳлати уҳдадории пулӣ фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат шартҳои фаҳмои пешакиро муқаррароти он дар меъёри умумии боби 24 «Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ» ҷой дода шудааст.

Ҳамзамон, маълум аст, ки соҳаи фаъолияти ҳамин меъёр нисбатан васеъ мебошад, зеро он ба андозаи ниҳоӣ боз як заминаи пайдоиши уҳдадории пардохти фоизҳои қонунӣ,

айнан ба таври беасос сарватмандшавиро ба назар мегирад. Гузашта аз ин, метавон мавҷудияти сеюм чунин асосро низ собит намуд - ин ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани воситаҳои пулӣ, ки ба гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд нестанд.

Сухан сари он аст, ки ба таври боваринок оид ба он ҳукм рондан он қадар осон нест, ки қонунгузор зери ифодаи «ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, саркашӣ аз баргардонидани онҳо, дигар гузашти муҳлат дар пардозҳо» чиро дар назар дошт.

Дар назари аввал, ҳамааш фаҳмо ба чашм мерасад: зери пардохти маблағ ба таври анъанавӣ он амале фаҳмида мешавад, ки айнан муҳтавои уҳдадории пулиро дарбар мегирад, зеро чун дар ин ҷумла истифода шудани калимаи «дигар» ба «ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудан» ва «саркашӣ аз баргардонидан» ба мисли аксар ҳолатҳои гузаштани муҳлати пул ишора намояд, худи онҳо низ ба сифати шаклҳои гуногуни иҷрои ғайри қобили айнан уҳдадории пулӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Вале, агар ба чунин тафсир пайравӣ карда шавад, он гоҳ нобарории ин тасвият баробарӣ равшан мегардад.

Дар ҳақиқат, агар саркашӣ аз баргардонидани маблағро чун аксар ҳолати пардохт нашудани онҳо фаҳмидан раво бошад, он гоҳ «нигоҳ доштани маблағ» - мафҳумест, ки муҳтавои он бо фаҳмиши пардохт нашудани танҳо як қисм мувофиқ меояд. Зеро, ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани пул метавонад, ки натиҷаи вайронкунии ҳам уҳдадории пулӣ ва ҳам он уҳдадорие бошад, ҳарчанд ки бо додани пул вобаста ҳам бошад, вале пулӣ маҳсуб намегардад. Ба инҳо, аз ҷумла, уҳдадории интиқолдиҳанда ба хотири ба гиранда додани молҳои барои ҳамлу нақл қабулшуда дохил мешаванд, ба нигоҳдоранда бошад - баргардонидан ва ба молсупоранда додани моли барои нигоҳдорӣ супоридашуда, комиссионер -

ба комитент додани тамоми маблағи аз он гирифташуда ва ғайра. Зиёда аз ин, ба таври ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани маблағ, аслан, бо вайронкунии ягон навъи уҳдадорӣ метавонад, ки алоқаманд набошад.

Дар Кодекси граджании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аниқи (қонунии) нигоҳ дошта шудани пул дар м. 631 КГ ҶТ ҳуқуқи иҷорагир барои нигоҳ доштани маблағи хароҷоти ӯ барои бартараф кардани норасоиҳои молу мулки ба иҷора додаи ӯ аз пардохти иҷора ишора карда шудааст ва низ дар м. 935 КГ ҶТ, ки ба комиссионер ҳуқуқи нигоҳ доштани маблағи тибқи шартнома ба ӯ тааллуқдоштаро аз тамоми маблағҳо ба ӯ аз ҳисоби комитент медиҳад. Дар ҳарду ҳолат сухан дар бораи нигоҳ дошта шудани маблағ меравад, ки ба қарздор дахл дошта, аз воситаҳои пулие иборат мебошад, ки бояд ба қарздиҳанда дода шавад. Вале, агар дар ҳолати якум чунин дода шудан бо пардохти қарзи пулӣ алоқаманд бошад, дар ҳолати дуюм бо иҷрои уҳдадорие, ки пулӣ ба ҳисоб намеравад.

Дар ин ҳолат агар ба тафсири истилоҳи «ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудан» дар ҳошияи м. 426 КГ ҶТ ба мисли аксар ҳолати гузарнидани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ такя карда шавад, он гоҳ бояд эътироф карда шавад, ки комиссионер (даллол) набояд барои пардохти фоизҳо ба маблағи воситаҳои пулии нигоҳ дошташуда дар тартибе маҷбур карда шавад, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудааст.

Истилоҳи «ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани воситаҳои пулӣ» ҳамчунин дар қисми 3 м. 928 КГ ҶТ истифода бурда мешавад. Қисми мазкур меъёрҳоеро дарбар мегирад, ки ҷавобгарии бонкро барои ғайриқонунӣ нигоҳ доштани воситаҳои пулии мизоҷон дар шакл ва андозаи дар м. 426 КГ ҶТ овардашуда пешбинӣ намудааст.

Дар қисми 2 м. 928 КГ ҶТ бошад, қоидае муқаррар карда шудааст, ки тибқи он «дар ҳолате ки агар иҷро нагардидан ва ё иҷрои номатлуби супориш дар алоқамандӣ бо вайрон карда шудани қоидаҳои ба ҷо овардани амалиётҳои ҳисобии бонкӣ ба амал омада бошад, ки барои иҷрои супориши пардохткунанда ҷалб шудааст, он гоҳ ҷавобгарӣ аз тарафи суд метавонад, ки ба зиммаи ҳамин бонк вогузор карда шавад».

Меъёрҳои ишорашударо тафсир намуда, дараҷаҳои (инстансияҳои) олии судӣ пешниҳод намуданд, чунин ҳисобида шавад, ки ҷавобгарӣ дар шакли пардохти фоизҳо ба маблағи воситаҳои пулии ғайриқонунӣ нигоҳ дошташуда метавонад, ки бевосита ба бонке, ки ба чунин камбудиҳо роҳ додааст, ба ҷо оварда шавад, бо ҷалби супориши мизоҷон барои иҷро, ҳарчанд, ки бо ӯ бо шартномаҳои бонкӣ алоқаманд набошад[1].

Чунин хулосагирӣ дуруст ва расман бенуқсон мебошад. Он аз нуқтаи назари консепсияе ғайримантиқӣ ба назар мерасад, ки пешниҳод мекунад фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ танҳо барои ҳангоми гузаштани пардохти қарзи пулӣ муқаррар карда шудаанд. Зеро бонки иҷрокунанда дар чунин ҳолат бо мизоҷон на танҳо бо уҳдадориҳои пулӣ, балки умуман бо ягон навъи дигари уҳдадориҳо алоқаманд нест. Чун дар ин ҳолат аз тарафи бонк дошта шудани воситаҳои пулии мизоҷ осебрасонии ғайришартномавӣ мебошад, ба таври пайваста ҳамин нуқтаи назарро дастгирӣ намуда, на оид ба ҷавобгарӣ тибқи қоидаҳои м. 426 КГ ҶТ, балки оид ба ҳолати махсуси ҷавобгариҳои ғайришартномавӣ ҳарф задан дуруст мебуд. Масъалаҳое, ки мо онҳоро мавриди баррасӣқарор додем, танҳо қисми ниҳоят ками масъалаи

[1] Постановление Пленума Верховного Суда РФ и Пленума ВАС РФ от 8 октября 1998 г. № 13/14 "О практике применения положений Гражданского кодекса Российской Федерации о процентах за пользование чужими денежными средствами". П.22 // Вестн. ВАС РФ. 1996. № 9.

зикршударо дарбар мегирад, ки бо тафсири меъёрҳо оид ба фоизҳои қонуние алоқаманданд, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд. Аз ин байн, онҳоеро зикр кардан зарур аст, ки моҳияти консептуалии илмӣ касб мекунанд. Онҳо дахл доранд ба: асос ва шароити пайдоиши уҳдадории баррасишаванда; таносуби фоизҳо бо дигар чораҳои ҷавобгариҳои гражданию ҳуқуқӣ (талафот, ҷарима); имкониятҳои кам кардани андозаи фоизҳо мегардад.

Дар бештари корҳои илмӣ эътироф карда мешавад, ки ҳаллу фасли онҳо бояд ба вобастагӣ аз равшан кардани масъалаи тартиби нисбатан умумӣ оид ба табиати ҳуқуқӣ (моҳияти) фоизҳои қонунӣ гузошта шавад, ки дар м. 426 КГ ҶТ ба назар гирифта шудаанд. Пеш аз ҳама, баҳс оид ба табиати фоизҳои солона ба фаҳмонидани масъалае меравад, ки оё онҳо яке аз навъҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадории пулӣ мебошанд ва ё пардохт барои истифодаи ғайриқонунии воситаҳои пулии ғайр.

Далелҳои гуногун ба хотири дастгирии нуқтаи назари охирин аз ҷумла, аз тарафи М. Розенберг, Е.А. Суханов, А.В. Беличев, М.З. Раҳимов, М.И. Брагинский пешниҳод шуда буданд. Новобаста аз далелҳои гуногуни аз ҷониби олимони зикршуда овардашуда, як хусусияти муҳими онҳоро муттаҳидкунанда мавҷуд аст: таваҷҷуҳи (аксенти) махсус ба м. 426 КГ ҶТ дар калимаи «истифодабарӣ» карда мешавад. Моҳияти консепсияи баррасишаванда дар он ифода меёбад, ки зери асоси уҳдадории пардохти фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ дар ин меъёр худи далели истифодаи ғайриқонунии воситаҳои пулии ғайр новобаста аз он фаҳмида мешавад, ки тибқи кадом ҳолатҳои аниқ чунин истифодабарӣ амалӣ карда мешавад.

Пас, ба ақидаи Розенберг М., ҳолати м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) «оқибатҳои умумии истифодабарии воситаҳои пулии ғайрро дар назар дорад, ки ба ҳамаи ҳолатҳо новобаста

аз асоси истифодабарӣ (шартномавӣ ё ғайришартномавӣ) истифода бурда мешавад»[1]. Ӯ ҳамчунин қайд мекунад, ки «асос барои талаби қарздиҳанда оид ба ӯ пардохт шудани фоизҳои қонунӣ худи далели дар дасти қарздор мавҷуд будани воситаҳои пулие мебошад, ки онҳо ба қарздиҳанда тааллуқ доранд ва ё воситаҳои худии қарздор ва ё воситаҳои шахсони сеюм, ки бояд ба ӯ дода шаванд. Ин ба таври бевосита аз ҷумлаи якуми қисми 1 м. 395 КГ ФР бармеояд[2].

Суханов Е.А., оид ба ягонагии табиати фоизҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзӣ (заёмӣ) ва фоизҳое, ки вобаста ба уҳдадориҳои пулӣ мутобиқи м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) ҳисоб карда, илова мешаванд, хулосабарорӣ намуда, онро чунин маънидод мекунад, ки дар ҳарду ҳолат қарздор воситаҳои пулии ғайрро истифода мебарад, ки онҳо агар дар дасти қарздиҳанда мебуданд, ба ӯ фоидаи муайян меоварданд[3].

Ба ақидаи А.В. Белевич, «асоси иловагие, ки монеаи эътирофи фоизҳо барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр мегардад, он аст, ки онҳо на барои худи далели ҳуқуқвайронкунӣ, балки барои далели истифодабарии воситаҳо тавассути чунин ҳуқуқвайронкунӣ пардохта мешаванд»[4].

Тибқи моддаи 426 КГ фоизҳо дар кадом нақшае дар ҳақиқат пардохт маҳсуб мегардад, агар ин истилоҳ на ба маънои маҳдуди он, балки чун оғози умумии муҷозоте фаҳмида шавад, ки дар ҳуқуқи гражданӣ мавҷуд аст. Ҳамзамон, дар чунин ҳолати ба худ хоси «пулакӣ» ҳар як

---

[1] Ниг.: Розенберг М.Г. Правовая природа процентов годовых по денежным обязательствам // Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика: Сборник памяти С.А. Хохлова. М., 1998. - С.322.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. С.328.
[3]Ниг.: Суханов Е.А. О юридической природе процентов по денежным обязательствам // Законодательство. 1997. №1.
[4]Ниг.: Белевич А.В. Об ответственности за неисполнение денежного обязательства // Указ соч. 1998. №12.

ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи граждании метавонад, ки эътироф карда шавад. Бо тасдиқи он ки ҳар навъ истифодабарии пулҳои ғайрро дар худ уҳдадории пардохти фоизҳоро хоҳад дошт, розӣ шудан мумкин аст, вале дар ин ҳол набояд тасдиқ кард, ки асос ва шароити уҳдадориҳои мувофиқ ҳамеша якхела хоҳанд буд. Пас, муқаррар кардани тартиби ягонаи иҷроиши ҳамин уҳдадорӣ норавост. Чунин тарзи кор набояд муваффақона ҳисобида шавад, зеро тасдиқи «фоизҳо барои истифодаи пулҳои ғайр пардохт мебошад» ва «фоизҳое, ки ҳангоми гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ситонида мешаванд, пардохт мебошад», аз мувофиқи маънои ҳуқуқиашон гуногунанд. Пешниҳод карда мешавад, ки рад кардани ба назар гирифта шудани асосҳои аниқи пайдоиши уҳдадориҳо вобаста ба пардохти фоизҳои қонунӣ кобилият дорад, ки дар истифодабарии меъёрҳои м. 426 КГ ҶТ як қатор печдарпечӣ ворид намояд. Зеро, дар баъзе ҳолатҳо уҳдадориҳои дар онҳо баррасишаванда умуман ба ягон истифодабарии воситаҳо аз тарафи шахсоне, ки барои гирифтани даромадҳо ҳуқуқ доранд, алоқаманд нест. Шояд маънидод кардани фарқ дар тартиби рӯёнидани чунин «музд» ҳангоми вайрон кардани уҳдадории пулӣ ва ҳангоми ба таври ғайриқонунӣ сарватманд шудан низ нисбатан мушкил бошад.

Дар ҳолати эътироф карда шудани фоизҳои пардохт барои қарз паҳн кардани қоидаҳо оид ба тартиби м. 342 КГ ҶТ маблағи пардохти амалишаванда мантиқан дуруст мебуд, ки дар иҷрои пурраи уҳдадории пулӣ нокифояанд, ҳангоми набудани дигар шартнома пеш аз ҳама, хароҷоти қарздиҳанда вобаста ба гирифтани иҷро пардохта мешавад, сипас фоизҳо, дар қисмати боқимонда маблағи асосии қарз ва ба он муносибатҳое, ки бо рӯёнидани фоизҳо барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр алоқаманданд, ки ба он то ба имрӯз ва он ҳам беасос, амалияи судӣ ба таври шадид муқобилият нишон медиҳад.

Ҳамчунин нофаҳмост, чи тавр аз ҳамин нуқтаи назар хусусияти фоизҳои дар муносибат бо талафот санҷишӣ метавонад, ки ба таври консептуалӣ асоснок карда шавад. Ба сифати яке аз далелҳои асосии консепсияи баррасишаванда нишондод ба ҳолати ҳуқуқи байналмилалӣ оварда мешавад, ки тибқи он фоизҳои солона бояд ба хотири иҷрои номатлуби уҳдадории пулӣ ба он тарафе новобаста аз уҳдадориҳое пардохта шавад, ки қарздорро аз уҳдадорӣ барои пардохт накардан озод мекунад. (моддаи 78 Конвесияи Вена[1] ва қисми 1 моддаҳои 7, 4 ва 9 Принсипҳои УНИДРУА[2]).

Қоидаҳои дар онҳо мустаҳкамкардашуда чун шаҳодати он баррасӣ мешаванд, ки зери фоизҳои ҳангоми гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадории пули рӯёнидашаванда дар амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчунин ба худ хос музд фаҳмида мешавад. Ҳамзамон, чунин нуқтаи назар вақтҳои охир зери танқиди ҷиддӣ қарор гирифта буд[3].

Ба ин мавқеи баррасишаванда он нуқтаи назаре муқобил меистад, ки тибқи он фоизҳое, ки дар м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) оварда шудаанд, аз худ як меъёри ҷавобгариро нишон медиҳанд. Дар ин ҳолат нуқтаи назари олимони ба ин нуқтаи назар ҳамфикр гуногун аст.

Як гурӯҳи олимон чунин меҳисобанд, ки фоизҳое, ки дар м. 395 КГ ФР оварда шудаанд - ин гуногунии ҷаримаҳо ва ё ҷаримаи қонунии диспозитивӣ мебошад[4]. Далелҳои зиёди ҷиддӣ барои тасдиқи ин нуқтаи назар оварда шудааст, ки як

---

[1]Конвенция ООН О договорах международной купли-продажи товаров от 11 апреля 1980 г. // Вестн. ВАС РФ. 1994. № 14.

[2]Принципы международных коммерческих договоров (Принципы УНИДРУА) // Закон. 1995. № 12.

[3] Ниг.: Жарский А. Проценты за просрочку денежного обязательства по внешнеторговым контрактам как средство правовой защиты пострадавшей стороны // Хозяйство и право. 2001. № 11. - С.40-47.

[4] Ниг.: Гаврилов Э. Некоторые аспекты ответственности за нарушение денежных обязательств // Хозяйство и право. 2001. № 9. - С.89-96; Он же. Ответственность за неисполнение денежного обязательства // Российская юстиция. 1997. №11. - С.13-15; Попов А.А. Ответственность за неисполнение денежного обязательства // Хозяйство и право. 1997. № 8. - С.74-81.

теъдоди онҳо аз ҳолати Кодекси граждании̅ бармеоянд. Асос аз он иборат аст ки аз нуктаи назари расмии ҳуқуқӣ фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ ба пуррагӣ зери мафҳуми ҷаримае меафтанд, ки дар м. 355 КГ ҶТ нишон дода шудаанд.

Мо бо он мувофиқем, ки хусусиятҳои истилоҳотии навъҳои алоҳида ва моддаҳо худ ба худ дар асоси маҳдуд кардани дар он мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва конструксияҳо наметавонанд, ки гузошта шаванд. Барои ҳамин он далел ба ин гуфтаҳо монеа эҷод намекунад, ки фоиз дар матни м. 426 КГ ҶТ ба таври бевосита ҷарима номида нашудаанд. Ба ғайр аз ин, дар қонунгузории гражданӣ як қатор меъёрҳое мавҷуданд, ки дар онҳо тибқи эътирофи умум, истилоҳи «фоиз» ба сифати ҳаммаънои (синоними) калимаи «ҷарима» истифода бурда мешавад, ҳарчанд ки ин ба таври бевосита нишон дода намешавад. Масалан, ҳамин чорабинӣ, ки боз хусусияти ошкорои ҷазодиҳӣ низ дорад, дар қисми 3 м. 1023 КГ ҶТ оварда шудааст, ки тибқи он маблағҳои аз ҷониби шахс беасос амонат гирифташуда, ки ба онҳо уҳдадории суғуртавӣ вогузор шудааст, ба туфайли он ки ин ё он уҳдадориро ба таври ношоям иҷро кардааст, тибқи талаби мақомоти назорати давлатии суғуртавӣ ба нафъи давлат ҳисоб карда зам намудан ба онҳо маблағи фоиз мувофиқи м. 426 Кодекси мазкур рӯёнида мешаванд. Далели дигари таҳлилкунандаи консепсия дастур барои ягонагии таносуби ҷаримаҳо ва фоизи қонунӣ бо харочот мебошад. Дар ин ҳолат ба таври асоснок зикр карда мешавад, ки хусусияти фоизи санҷишӣ дар муносибат бо талафот аз тарафи м. 426 КГ ҶТ муқаррар кардашуда наметавонад, ки чун монеа барои тарафҳо ба хотири баррасӣ намудани муносибатҳои дигари онҳо бо талафот баҳогузорӣ шавад, масалан, он ки фоизҳо бо тартиби истисноӣ, алтернативӣ ва ё ҷаримавӣ рӯёнида мешаванд.

Бо дарназардошти муносибатҳои дар амалияи истифодаи ҳуқуқӣ мавҷуда имконияти тафсир намудани боз як қатор далелҳое пайдо шудааст, ки бо шарҳи роҳбарии мақомоти болоии судӣ асос ёфтааст. Ба онҳо ягонагии шароити ҷавобгарӣ ҳам барои рӯёнидани ҷарима, ҳам барои фоидаҳо барои вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ дар тартиби умумӣ тибқи м. 426 КГ ҶТ (м. 395 КГ ФР) дахл доранд, ба назар гирифта мешавад, ки ҷавобгарӣ бо тартиби умумӣ дар ҳарду ҳолат ҳангоми мавҷудияти гуноҳ фаро мерасад. Ба ғайр аз ин, барои табиати ягонаи ҳуқуқии ҷарима ва фоизе, ки дар м. 426 КГ ҶТ (м. 395 КГ ФР) оварда шудаанд, он низ ишора мекунад, ки фоизҳо ба мисли ҷаримаҳо, метавонанд аз тарафи суд тибқи салоҳияти он кам карда шаванд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ин нуқтаи назар асоснамоии пайвастаи ғайриимкон будани якбора рӯёнидани фоиз ва тибқи шартнома ва ё қонун ҷаримаҳоро ба пуррагӣ пешниҳод мекунад. Пас, агар тарафҳо дар қарордод ҷавобгарӣ барои гузаштани муҳлати пардохти қарзи пулиро муқаррар карда бошанд, пас, онҳо аз ҳуқуқи тағйир додани андозаи ҷаримаеро истифода бурдаанд, ки м. 426 КГ ҶТ (м. 395 КГ ФР) муқаррар намудааст, барои ҳамин ин истифода бурда намешавад. Вале агар ҷарима тибқи қонун ба назар гирифта шуда бошад, он гоҳ меъёре, ки он муқаррар мекунад, бояд дар муносибат бо меъёри м. 426 КГ ҶТ махсус эътироф карда шавад, ки вобаста ба он охирин низ набояд истифода бурда шавад.

Боиси зикр аст, ки ҳолати баррасишаванда дастгирӣ наёфта бошад ҳам, ошкор кардани ҷиҳатҳои сусти он мушкил аст. Тибқи нуқтаи назари дигар, фоиз аз рӯи м. 426 КГ ҶТ андозаи мустақили ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро мефаҳмонад, ҳамзамон бо талафот ва ҷаримаҳо[1]. Вобаста ба

---

[1] Ниг.: Рахимов М.З., Конечный результат предпринимательской деятельности теория и правовые регулирования Душанбе, 2007 г, - С.261; Хохлов В.А. Ответственность за

ҳамин ҳолат зикр бояд кард, ки ин ё он фаҳмиши моҳияти фоиз «барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр» дар ниҳояти кор аз ҷавоб ба он саволе вобаста аст, ки чаро дар тарафи вайронкунандаи қонун уҳдадории пардохтани чунин фоиз пайдо мешавад ва асоси ҳуқуқӣ барои чунин уҳдадорӣ кадом аст? Бояд зикр намуд, ки маҳол аст, ки талош карда шавад, ки тибқи шакли дар м. 426 КГ ҶТ овардашуда фоиз дар ҳолатҳои алоҳида, аз ҷумла вақте, ки онҳо барои гузаштани муҳлати пардохти қарзи пулӣ муқаррар карда шудаанд, андозаи мустақили ҷавобгариҳои граждании-ҳуқуқиро мефаҳмонанд.

Вобаста ба ин, муайян кардани ин омили равшан ба ин савол ҷавоби аниқ намедиҳад, ки ин андозаи ҷавобгарӣ тибқи моҳияти ҳуқуқии худ чиро мефаҳмонад. Вобаста ба гуфтаҳои болоӣ, эътироф кардани моҳияти худкифояи нуқтаи назари баррасишаванда номумкин аст. Зеро, тарафдорони ин «нуқтаи назари ягона» аз худи ҳамон маҷмӯи қоидаҳо «хулосаҳои» гуногун мебароранд, он ба чунин нуқтаи назар боварии мантиқӣ илова намекунад.

Пас, Хохлов В. чунин мепиндорад, ки «агар ҳатто танҳо ба қисми 1 м. 395 КГ ФР такя карда шавад, маълум мешавад, ки қонун асос барои рӯёнидани ҷаримаро ҳангоми иҷро накардани қарзи пулӣ маҳдуд намекунад. Инҳо метавонанд, ки уҳдадориҳои кондитсионӣ ва ҳам дигарон бошанд, вақте ки вобаста ба унвони соҳиби аслӣ (нигоҳдорӣ, депозит, кашонидан, супоридан ва ғайра қарздор пулҳои қарздиҳандаро ба нафъи худ нигоҳ медорад[1]. Ҳамзамон, тибқи ақидаи Витрянский В.В., фоизҳо барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр, ки дар м. 395 КГ ФР оварда шудаанд, дар ҳолати иҷро накардани (гузаштани муҳлати) уҳдадории

---

пользование чужими денежными средствами //Хозяйство и право. 1996. № 8. - С. 43; Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. М., 1997. - С. 343.

[1] Ниг.: Хохлов В. Ответственность за пользование чужими денежными средствами // Хозяйство и право. 1996. № 8. - С.42.

пулӣ муқаррар карда шудаанд ва танҳо метавонанд, ки ба сифати ҷавобгарии қарздор барои мутаносибан вайрон кардани уҳдадорӣ истифода бурда шавад[1]. Баъдан, В. Хохлов уҳдадориҳои кондитсиониро бо дигар асосҳои уҳдадориҳои пардохти фоизҳо тибқи м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) мавриди муқоиса қарор дода, ба набудани гуноҳи конунвайронкунанда дар миёни шароити пайдошавии онҳо чун хусусияти фарққунандаи чунин уҳдадориҳо ишора мекунад[2].

Вобаста ба гуфтаҳои боло тахмин кардан мумкин аст, ки гуноҳ дар холати мазкур метавонад, ки чун шарти зарурии ҷавобгарӣ барои пардохти бемавриди (гузаштани муҳлати) қарзи пулӣ маънидод карда шавад. Ва баръакс, чунин хулоса низ пешниҳод кардан мумкин аст, ки хусусиятҳои ҷавобгарӣ дар шакли фоизҳо барои иҷро нагардидани уҳдадориҳои пулӣ дар шакли фоизҳо дар он ифода меёбад, ки ҳангоми рӯёнидани онҳо набояд меъёрҳои мувофиқи м. 426 КГ ҶТ (м. 395 КГ ФР) ба назар гирифта шаванд. Асос барои ин он аст, ки барои иҷро нашудани уҳдадории пулӣ қарздор наметавонад, ки аз ҷавобгарӣ озод карда шавад, аз ҷумла, ҳангоми вазъияти фавқуллода. Як хел набудани ҳолати баррасишаванда ҳамин тавр, дар фаҳмиши гуногуни он аз ҷониби тарафдоронаш асос ва шароити ҷавобгарӣ дар шакли пардохти фоизҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, агар яке аз муаллифон ба сифати асоси чунин ҷавобгарӣ истифодаи нобаробарии воситаҳои пулии ғайрро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, дигарон бошанд, хусусиятҳои ин андозаи ҷавобгариро ба таври истисно бо хусусиятҳои мавзӯи уҳдадории пулӣ алоқаманд месозанд, мутаносибан бо

[1] Ниг.: Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежными средствами: Комментарий к постановлению Пленума Верховного Суда РФ и Пленума Высшего Арбитражного суда РФ от 8 октября 1998 г. № 13/14 // Хозяйство и право. 1998. № 12. - С.26.
[2] Ниг.: Хохлов В. Ҳамон асар. - С.40.

фаҳмидани зери асоси пайдоиши онҳо танҳо ҳолати гузаштани пардохти қарзи пулӣ ба миён меояд.

Бояд зикр намуд, ки қабул доштани нуқтаи назари баррасишаванда эътирофи далелҳои вайрон карда шудани уҳдадории пулиро асоси ягонаи пардохти фоизҳои қонунӣ тибқи м. 426 КГ ҶТ талаб мекунад, зеро уҳдадории вайронкунандаи қонун, ки аз уҳдадории кондитсионӣ бармеояд, ҳеҷ ба меъёрҳои ҷавобгарӣ вобаста карда намешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки хусусиятҳои рӯёнидани фоизҳое, ки аз асоси ҷорӣ бармеояд, барои нигоҳ доштани «тозагии назария» бояд инкор карда шавад. Ин маънои онро надорад, ки муқаррарот бо кадом як шакли аҷоиб вайрон карда мешаанд, аслан яке аз асосҳои уҳдадории пардохтани фоизҳои (гузаштани муҳлати пардохт) дар муҳтавои меъёри мувофиқ эълон карда мешавад, дигарон бошанд, (дигар шакли ғайриқонунии нигоҳ доштан, ба таври ғайриқонунӣ сарватмандшавӣ) гӯё ба назар намерасанд, ва ё дар ҳолати хуб, чун ба тарзи беихтиёр дар меъёрҳои м. 426 КГ ҶТ овардашуда фаҳмида мешаванд.

Фаҳмиши он мушкилиҳое, ки мафҳуми муъҷази соҳаи фаъолияти меъёрҳоро оид ба фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ барои тафсири фаслҳои алоҳидаи қонунгузории гражданӣ, ки ба он барои муайян кардани андозаҳо ва тартиби истифодабарии ҷавобгарии ба дӯш доштаи онҳо фиристода мешавад, аз ҷумла, дар мисоли қисмҳои 3 ва 4 м. 523 КГ ҶТ мумкин аст. Дар ҳолати таҳқиқи соҳаи иҷрои уҳдадориҳои фоизҳо қоидаҳое оварда шудаанд, ки тибқи онҳо дар ҳолате, ки фурӯшанда пули пардохти пешакиро гирифтааст, вале уҳдадории худро вобаста ба додани маҳсулот иҷро намекунад, (м. 492 КГ ҶТ) харидор ҳақ дорад, ки додани маҳсулоти пардохташуда ва ё баргардонидани маблағи пардохти пешакиро барои маҳсулоте талаб намояд, ки аз

ҷониби фурӯшанда дастрас нашудаанд. Агар меъёри дигаре дар шартнома наомада бошад, ба маблағи пардохти пешакӣ пардохти фоизҳо мувофиқи м. 426 КГ ҶТ аз он рӯзе ба амал оварда мешавад, ки интиқоли маҳсулот бояд то ба рӯзи ба харидор дода шудани маҳсулот ва ё ба ӯ баргардонидани маблағи пешакӣ пардохташуда ба ҷо оварда мешуд. Чун аз мавқеи тафсири баррасишаванда чунин меъёрро ҳисобидани ҳолати аксари рӯёнидани фоиз тибқи м. 426 КГ ҶТ ғайриимкон аст, зеро ҷониби фурӯшанда уҳдадории пулӣ надорад, барои мавҷудияти он як қатор асосҳо пешниҳод шудааст.

Аввалан бо он асос меёбад, ки ҷавобгарии дар м. 487 КГ ФР (м. 523 КГ ҶТ) овардашуда ҷаримаи қонунӣ барои гузаштани муҳлати додани маҳсулот мебошад, дуюмин бошад, дар чунин ҳолат уҳдадории махсуси дар нисбат ба моддаҳои 823 ва 809 КГ ФР (моддаҳои 843 ва 829 КГ ҶТ) оид ба пардохти фоизҳо ба сифати пардохт барои қарзи тиҷоратӣ ба назар гирифта шудааст[1]. Он чи ки ба асоси аввалӣ дахл дорад, пеш аз ҳама, ҷавобгарие, ки дар м. 523 КГ ҶТ оварда шудааст, на танҳо ба хотир ва вобаста ба нерӯи худи омили гузаштани муҳлати додани маҳсулот фаро мерасад, он метавонад, ки дар тамоми ҳолатҳо истифода бурда шавад, вақте ки аз ҷониби фурӯшанда ба таври номатлуб иҷро шудани уҳдадориҳо вобаста ба додани маҳсулоти пешакӣ пардохташуда барои харидор имконияти истифодабарии онро хориҷ мекунад. Ба ғайр аз ин норавшан аст, ки барои чӣ чунин «ҷарима» барои ҳолатҳои аз ҷониби фурӯшанда ба таври номатлуб иҷро шудани уҳдадориҳо вобаста ба додани маҳсулоти пешакӣ пардохташуда муқаррар карда шудааст, вале на барои дигар ҳолатҳо, вақте ки тарафи пардохти

[1] Ниг.: Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежными средствами. - С.26; Он же. Проценты по денежному обязательству как форма ответственности // Хозяйство и право. 1997. № 8. - С.70.

пешакиро соҳибшуда уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашро ба таври номатлуб иҷро мекунад: хизматрасонӣ ва барои истифода додани молу мулкро ба таъхир меандозад, ва ғайра. Агар ба мантиқи асоси дуюм назар карда шавад, чунин ҳосил мешавад, ки фоизҳои аз ҷониби харидор ҳангоми гузаштани муҳлати пардохти моли тибқи қарз додашуда тибқи м. 487 КГ ФР (м. 523 КГ ҶТ) низ пардохт барои барои қарзи тиҷоратӣ мебошад[1]. Ин бошад, эътирофи онро талаб мекард, ки ба ҳамин тарз низ ҳар кадом уҳдадории пардохти фоизҳо дар асоси м. 426 КГ ҶТ ҳангоми напардохтани қарз мебошад, зеро мавҷудияти қарзи муҳлатгузашта қариб ҳама вақт оид ба мавҷудияти муносибатҳои қарзҳои тиҷоратӣ шаҳодат медиҳад. Вале ҷой барои эътирофи фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ чун андозаи ҷавобгарӣ дар чунин ҳолат намемонад.

То ба имрӯз баъзе мақолаҳое, ки бахшида ба масъалаҳои пардохти фоизҳои солона дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, бе ёдоварӣ аз он анҷом ёфтанд, ки муқаррароти қонунгузории амалкунанда дар қисми танзими оқибатҳои вайрон карда шудани уҳдадориҳои пулӣ аксар «ба қарздиҳанда имкон медиҳанд, ки ба рента (рента - одами бо даромад зиндагикунанда) табдил ёбад» ва «ҳалқаи хафакунанда барои қарздор шавад». Дуруст аст, ки муаллифони алоҳида зикр намудаанд, ки натиҷаи бевоситаи акс низ имкон дорад, вақте ки қарздиҳанда ҷуброни пурраи зарари барояш расидаро гирифта наметавонад. Чунин нуқтаи назар ба амалияи истифодабарии м. 426 КГ ҶТ таъсири ҷиддӣ расонидааст.

Ҳамин тавр, тибқи ақидаи Новоселов Л.А., ҳангоми ташаккули амалияи судӣ «нақши муайянро» чунин ҳолат бозидааст: муқаррароти м. 395 КГ ҶТ (м. 426 КГ ҶТ) чунон тафсир карда шудаанд, ки ҳангоми ноустуворӣ ва афзоиши андозаи фоиз оид ба амалиётҳои қарзӣ боиси беасос

[1] Ниг.: Ҳамон асар. С. 70.

сарватманд шудани қарздиҳанда мегардад, ҳангоми кам шудани андозаҳои фоиз – ба ҷуброни нопурраи талафоти он[1]. Барои ҳалли ин масъала ду восита пешниҳод шуда буд.

Аввалан, тибқи қонунгузорӣ ба суд додани ҳуқуқи интихоби андозаи истифодашавандаи ҳадди фоизҳо дода шудааст[2]. Чунин ҳуқуқ бо чаҳорчӯбаҳои маълум маҳдуд карда шудааст, ки ҳангоми рӯёнидани қарз бо тартиби судӣ метавонад, ки андоза (ставка) ё дар рӯзи дода шудани даъво, ва ё дар рӯзи баровардани қарори суд оид ба моҳияти талаби додашуда истифода бурда шавад. Ба ғайр аз ин, тавсияи дар ҳақиқат бесобиқае низ дода шудааст, ғайр аз ин ба суд пешниҳод карда шудааст, ки имконияти кам кардани рӯёнидани ҷаримаҳои фоизҳоро тибқи қоидаҳои м. 358 КГ ҶТ истифода бурда шавад. Дар ин ҳолат агар ставкаи фоизҳои дар м. 426 КГ ҶТ овардашударо ҷонибҳо тағйир надода бошанд, бе ҳеҷ далелу бурҳон чунин пешниҳодро асоснок кардан қатъиян ғайримкон аст, на ба таври расмию ҳуқуқӣ, на моҳиятан[3].

Тибқи қонунгузорӣ ва ё шартнома уҳдадории қарздор барои пардохти ҷарима ҳангоми гузаштани муҳлати пардохти уҳдадории пулӣ нишон дода шудааст, қарздиҳанда ҳақ дорад, ки барои рӯёнидани ҷуброн ё ягон навъи ҷарима ва ё фоизҳо дар асоси м. 426 КГ ҶТ талабот пешниҳод кунад.

Амалияи истифодаи бевоситаи қоидаи мазкур дар қисми 6-и Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки судяҳо аз принсипи нораво будани

---

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. О правовых последствиях нарушения денежного обязательства // Вестн. ВАС РФ. 1999. № 3. - С.70.

[2] Ниг.: қарори Пленуми Суди Олии иқтисодиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007. №7, «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр». 2004-2009., - С.238.

[3] Ниг.: Қарори Пленуми СОИҶТ №7., С. 238.

истифодаи ду меъёри ҷавобгарӣ барои худи ҳамон қонунвайронкунӣ амал мекунанд[1].

Вале Витрянский В.В., ки сараввал оид ба ҳуқуқи гражданӣ мавҷудияти усули универсалии (фарогири) ғайриимкон будани истифодабарии ду меъёрҳои мустақил барои як қонунвайронкунӣ сухан ронда буд, баъдан ба мавқеи худ якислоҳи муҳим оид ба он ворид намуд, ки усули овардашуда ба ҳолатҳои якбора рӯёнидани фоизҳо ва ҷаримаҳои аҳдшиканӣ дахолат намекунад[2].

Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки саҳеҳият ба таври мутлақ равшан ва дуруст аст. Ҳолатҳои истифодаи якбораи ду меъёрҳои (чораҳои) ҷавобгарӣ барои худи ҳамон як қонунвайронкунӣ аслан вуҷуд доранд ва принсипи пешниҳодшуда бошад, ҳамаро фарогир намебошад.

Вобаста ба ин саволе метавонад ба миён ояд: куҷост он кафолате, ки истиснои ёдваришуда ягона аст? Ва ё он магар мавҷудияти худи қоидаи мазкурро зери шубҳа қарор намедиҳад? Эҳтимол, саволи мазкур мисли принсипи ҳамноме ба вуҷуд меояд, ки дар ҳуқуқи ҷамъиятӣ мавҷуд аст. Принсипи нораво будани истифодабарии ду ҷазои асосӣ барои як ҳуқуқвайронкунӣ якчанд лаҳзаҳоро ба назар мегирад, ки барои ҷавобгарии оммавию ҳуқуқӣ хосанд, вале махсуси гражданию ҳуқуқӣ нестанд.

Аввалан, ҷавобгарии оммавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷиноӣ, гражданӣ ва маъмурӣ ба таври истисноӣ тавассути маҷбуркунии давлатӣ амалӣ карда мешавад. Сониян, моҳияти ҳар як меъёри ҷавобгарии оммавӣ- ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки он ба таври худ «сазо», ҷазо барои ҳуқуқвайронкуниҳои содирнамуда мебошад.

---

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо, - С. 238.

[2] Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежными средствами: Комментарий к постановлению Пленума Верховного Суда РФ и Пленума Высшего Арбитражного суда РФ от 8 октября 1998 г. №13/14 // Хозяйство и право. 1998. №12. - С.28-29.

Баъдан, чунин ҷавобгарӣ пеш аз ҳама, хусусияти шахсӣ, ғайримоликиятӣ дорад. Вобаста ба хусусиятҳои нишондодашуда дар соҳаи ҷавобгарии оммавӣ-ҳуқуқӣ қоидаи бебаҳсе мавҷуд аст, ки тибқи он метавонад танҳо дар ҳамон ҳолате фаро расад, ки вақте аз тарафи қонун ҳам асосҳои аниқ ва шароити фаро расидани он, ва ҳам чораҳои аниқи ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандае муайян карда шудаанд, ки бо вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ баробар карда шудаанд. Аз рӯи ҳамин сабабҳо, аз ҷумла, принсипи бебаҳси ҷазодиҳӣ ҳангоми мавҷудияти гуноҳ ва таносуби он ба вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ амал мекунад. Барои ҳамин, ҳангоми истифодаи такрории ҷавобгарӣ барои худи ҳамон як ҳуқуқвайронкунӣ принсипҳои мувофиқ ҳалношуда боқӣ мемонанд.

Дар ҳуқуқи граждани бошад, вазъ комилан дигар аст. Принсипҳои ҷавобгарӣ ҳангоми мавҷудияти гуноҳ истисноҳои ҷиддӣ доранд. Хусусияти ҷавобгарӣ ба таври мустасно молумулкӣ мебошад. Ҷавобгарии гражданӣ вазифаи ҷазодиҳиро низ иҷро намекунад. Омодагии он дар барқарор кардани ҳуқуқҳои субъективӣ ва ҷубронсозии оқибатҳои манфие мебошад, ки бо вайронкуниҳои онҳо алоқаманд аст. Истиснои ягона аз қоидаи мазкур айнан бо унсурҳои ҷавобгарии оммавӣ-ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи гражданӣ алоқаманданд (ба мисли оқибатҳои махсуси реститутсия (барқарор кардани ҳуқуқҳои аздастрафта). Принсипи мавҷудаи ҷубронкунӣ шакли ҷиддии эквивалентии вайронкунӣ ва ҷавобгариро намегирад (сухан дар бораи ҳодисаҳои зарари ғайриматериалӣ меравад)[1]. Дар тасвияти шароит ва ҳаҷми ҷавобгарии оммавӣ-ҳуқуқӣ худи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ба таври васеъ иштирок мекунанд, барои ҳамин, аз ҷумла, истифодабарии ин ё он меъёр худ аз

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999 №12, мод.323.

худ маънои онро надорад, ки он ба андозаи зарари тибқи ҳуқуқвайронкунӣ расонидашуда мувофиқ аст.

Тахмин кардан мумкин аст, ки андозаи ҷаримаеро, ки барои пардохт ба қарздиҳанда дар ҳолати вайрон карда шудани ухдадории пулӣ аз тарафи қарздор муайян карда, тарафҳо аз андозаи тахминии зарарҳо кор мегиранд, ки чунин зарар расонидан имконпазир аст. Вале, оё ин бузургиро комилан аниқ ҳисоб карда баровардан мумкин аст? Ва оё тарафҳо аксар бо чунин тарз рафтор мекунанд? Тасдиқи вобаста ба баёни ифодашуда беасос ҳисобида мешаванд, гӯё ки фарзияе вуҷуд дорад, ки тибқи он андозаи талафот ҳангоми рӯёнидани ҷарима ва ё фоизҳо қонунӣ чун ҳадди ниҳоӣ ба андозаи ин ҷаримаҳо баробар аст[1], бо маънидоди он ки чаро ҷарима ва фоизҳо мувофиқи м. 426 КГ ҶТ дар муносибат бо талафот хислати санҷишӣ доранд. Мутаносибан, ҳангоми истифодаи якбораи чораҳои ишорашудаи ҷавобгарӣ ба ҳеҷ ваҷҳ дар бораи он пешакӣ ҳарф набояд зад, ки маблағи умумии ҷарима аз талафоти ба тарафи зарардида расонидашуда бештар хоҳад буд. Зараре, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба шахс расидааст, тибқи тартибе, ки дар боби 55 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҷуброн карда мешавад.

Мувофиқи қисми 1 м. 1079 Кодекси гражданӣ зараре, ки ба шахс ва ё амволи шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда мешавад. Ҳаҷми зарари моддие, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии гражданӣ расонида шудааст, аз рӯйи хароҷоте, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида хароҷот намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ва ё хароб гардидани амволи ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. Ҳамон асар. № 4.- С.71.

даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои гражданӣ метавонист ба даст биёрад, муайян карда мешавад[1].

Дар ҳуқуқи ҷиноӣ тасвияи андозаи аниқи ҷавобгарӣ вобаста ба тасаввури он зараре амалӣ карда мешавад, ки ҳар як ҷиноят мерасонад. Ҳамзамон, дар ҳуқуқи гражданӣ чунин тасаввури аниқро дар бисёр ҳолатҳо сохтан ғайриимкон аст. Барои ҳамин, барои асоснок кардани истифодабарӣ ба таносуби фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ ва ҷарима оид ба нораво будани ҷаримаи якбораи онҳо эътироф кардан лозим мебошад, ки қонунгузор меъёрҳои м. 426 Кодекси гражданиро истифода бурда, хуб медонист, ки кадом андозаи зарар вайронкуниҳои ба онҳо ишорашударо мерасонанд. Дар ҳуқуқи гражданӣ чунин нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки мувофиқи он фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ дар назар доштташуда зарар эътироф карда мешаванд.

Белов В., пешниҳод менамояд, ки чунин ҳисобида шавад, ки фоизҳое, ки тибқи меъёрҳои м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) ҳисоб карда илова шудаанд, тибқи табиати ҳуқуқии худ на чизи дигар, балки андозаи тахминии фоидаи аздастрафтаро ифода мекунанд. Ин тахминро қарздор метавонад, ки рад кунад, бо исботи он, ки набудани истифодаи он бо чунин тартиб, ки ба гирифтани даромад дар андозаи камтар боис шудааст, ва қарздиҳанда бо исбот намудани далели аз тарафи қарздор гирифта шудани маблаҒи зиёд, нисбат ба маблаҒи фоизҳо ҳисоб карда, илова шаванд (қ.2 м. 15 КГ ҶТ). Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фоидаи аздастрафтаро чун даромаде муайян мекунад, ки онро шахс ҳангоми шароити маъмулии гардиши гражданӣ ба даст оварда метавонист, агар ҳуқуқҳои ӯ вайрон карда намешуданд (қ. 2 м. 15 КГ ҶТ). Ба

[1] Тафсири илмию омавии Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Шарқи Озод, 2009, - С.136.

ғайр аз ин, қисми 4 м. 423 КГ ҶТ қоидаи муҳимеро оид ба он дарбар мегирад, ки агар шахсе, ки ҳуқуқро вайрон карда бошад ва баъдан ин даромадро гирифта бошад, ва шахсе, ки ҳуқуқҳои ӯ вайрон карда шудаанд, ҳуқуқ дорад, ки ҳамзамон бо дигар зарарҳо фоидаи аз даст рафтаро дар андозаи на камтар аз чунин даромадҳо талаб кунад. Шояд, агар фоизҳо зарар ҳисобида шаванд, он гоҳ чизи аз ҳама табиӣ тасаввур кардани онҳо дар шакли фоидаи аздастрафта мебошад, бо истифода аз ҳамон тасаввур, ки пул метавонад ба соҳиби он даромади муайян биёрад. Лекин қарздори уҳдадориро иҷро накарда бошад, эҳтимолан, пулҳои ғайриқонунӣ нигоҳ доштташавандаро барои гирифтани фоида истифода хоҳад бурд. Ҳамзамон, чунин нуқтаи назар (ва на танҳо он) аз як норасоии ҷиддӣ азият мекашад: ба хотири нуқтаи асосӣ мулоҳизаҳо на оид ба пулҳои аниқ, балки умуман дар бораи пулҳо, пулҳои мавҳум (асбстракт) дар гардиши абстрактии молумулкӣ гирифта мешаванд. Он чиз ба назари эътибор гирифта намешавад, ки ҳарчанд умуман дар гардиши граждании пулҳо табиатан афзоиш меёбанд, вале ҳангоми мансуб будан ба шахси муайян ва ҷой доштан дар «кисаи» муайян, пулҳо қобилияти ба таври пурасрор афзуданро надоранд. Барои он, ки пулҳои аниқ ба соҳибаш фоида оранд, онҳоро ба таври муваффақона маблағгузорӣ кардан лозим аст, ки ба ин метавонанд, ки таҷриба надоштан дар масъалаҳои молиявӣ ва низ омилҳои гуногуни номусоиди иқтисодӣ монеа эҷод кунанд. Яъне, чунин амалҳо бо хатару таваккалиҳои маълум ҳамроҳанд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, бисёр шаҳрвандони Тоҷикистон, махсусан баъди изтиробҳои гуногуни иқтисодӣ аз ин ба баъд на маблағгузории худ, балки нигоҳ доштани пулҳоро зери «курпа» то рӯзҳои нек афзалтар мешуморанд. Дар ин маврид оид ба афзоиши табии чунин пулҳо ҳоҷати сухан задан ҳам нест.

Ҳангоми муайян кардани фоидаи аздастрафта он чораҳои аниқе ба таваҷҷуҳ гирифта мешаванд, ки аз тарафи шахсе истифода бурда шудаанд, ки ҳуқуқҳои ӯ вайрон карда шудаанд, барои гирифтани даромад ва омодагиҳои ба ҳамин мақсад иҷро кардашуда (қисми 4 м. 423 КГ ҶТ), ҳамчунин даромадҳои ба таври аниқ гирифтаи қонунвайронкунанда. Эҳтимол, шахси зарардида дар ҳолати ба таври ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани воситаҳои пулии ӯ имконияти исбот кардани на ин ва на он нест. Комаров А.С. тахмин мекунад, ки аз тарафи м. 393 КГ ФР (м. 423 КГ ҶТ) муқаррар карда шудани ҷавобгарӣ дар шакли пардохти фоизҳо зарарҳои қарздиҳандаро ташкил медиҳанд, ки он натиҷаи иҷро нагардидани уҳдадории пулӣ аз ҷониби қарздор мебошад[1]. Асос барои чунин ҷавобгарӣ, ба ақидаи ӯ, худи далели вайрон карда шудани уҳдадории пулӣ мебошад, ки дар бебозгашт будани воситаҳои пулии мувофиқ дар муҳлати муайян ифода меёбад. Барои муқаррар кардани ҷавобгарӣ аҳамияти ҳалкунандаро айнан бояд ҳамин вазъият дошта бошад, на ин ки омили аз тарафи қарздор ба таври ғайриқонунӣ истифодабарии ҳамин воситаҳо[2]. Зикр бояд кард, ки исботнамоӣ чун худи далели расонидани зарар дар алоқаи мутақобилаи онҳо бо вайронкунанда, ҳам андозаи аниқи онҳо ҳангоми низоми пешрафтаи муносибатҳои хусусӣ ба тарафи зарардида гузошта мешавад.

Барои ҳамин, ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои худ барои гирифтани ҷубронпулӣ ба тарафи зарардида маъмулан лозим меояд, ки ду масъаларо ҳал кунад. Якумин - аз зарурати исбот кардани андозаи ҳақиқии зарар тибқи қонунвайонкуниҳо расонидашуда, дуюмин бошад, дар асоснокнамудани алоқаи сабабию тафтишотӣ миёни чунин зарарҳо ва вайрон карда

---

[1] Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть первая: Научно-практический комментарий / Отв. ред. Т.Е. Абова, А.Ю. Кабалкин, В.П. Мозолин. М., 1996. - С.593.
[2]Ҳамон ҷо. - С.593.

шудани ҳуқуқҳо иборат аст. Хуб маълум аст, ки мушкилоте, ки бо далеловарии ҳуқуқ барои ҷуброни зиёнҳо алоқаманданд, аксар ба он оварда мерасонанд, ки иштирокдорони муносибатҳои мутақобилаи гражданӣ чунин воситаи самараноки муҳофизатиро танҳо дар ҳолатҳои кам истифода баранд. Ва агар исбот кардани мавҷудияти зиён худ аз худ вазифаи на он қадар осон бошад, он гоҳ асосноксозии андозаи зарар, ки бо вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ ба миён омадааст, ниҳоят мушкил мебошад. Мушкилоти нишон додашуда бо хусусиятҳои объекти уҳдадории пулӣ алоқаманд аст - пул ба мисли моликият, ки бо аломатҳои меросии ба пуррагӣ ивазшаванда ва нисбатан қобил ба гардиш муайян карда шудааст.

Чӣ тавр исбот кардан мумкин аст, ки айнан ҳамон пулеро, ки онро бояд қарздор пардохт менамуд қарздиҳанда ният дошт, ки ба амалисозии лоиҳаи муайяни тиҷоратӣ бо умеди гирифтани фоида ва ё ин айнан ҳамон пулҳое ҳастанд, ки ӯ ба таъминкунандаи худ напардохтааст, ки дар натиҷаи он муомилот канда шуд ва зиён ба бор овард? Умуман, чӣ тавр метавон дар чунин маврид оид ба «ин» ва ё «он» пул, агар ҳеҷ ягон хусусиятҳои хоси «ин» пул имкон намедиҳанд, ки аз «он» пул фарқ карда шаванду онҳоро ивазнашаванда насозанд? Ин албатта, ба он ҳолатҳое дахл надорад, вақте ки хусусиятҳои конкретии инфиродии аломатҳои пулҳо (қоғазӣ, ва ё сиккаҳо) онҳоро объекти мустақили уҳдадориҳои ғайрипулӣ месозад.

Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки ҳуқуқи қарздиҳанда барои гирифтани маблағи муайян оид ба иҷрои уҳдадорҳои пулӣ вайрон карда шудаанд, ҳуқуқ дорад, ки барои ҷуброн кардани зарар дар тартиби умумие даъво намояд, ки дар муқаррароти моддаҳои 15 ва 423 КГ ҶТ нишон дода шудаанд, танҳо дар ҳолатҳои муайян, ки миқдори онҳо маҳдуд аст (аз ҷумла, агар вобаста ба нагирифтани пул аз аҳли шартнома

(контрагент) қарздиҳанда аз воситаҳои заёмҳо истифода бурда аст. Вале он вақт низ, дар ҳолате, ки қарздиҳанда барои гирифтани қарз мурочиат накарда бошад, тасдиқ набояд кард, ки ӯ зарар надидааст ва андозаи онро муайян кардан лозим нест.

Дар ҳолате ки агар бе ба ҳисоб гирифтани шароити аниқи вайронкунӣ, дар асоси танҳо як меъёри расмӣ метавон андозаи талафотро муқаррар кард, ки аз он бояд ҳатман қарздор аз вайрон карда шудани уҳдадорӣ зарар бинад, ҳеҷ як асос барои ба зарардида рад карда шудани пардохти тавони зарар вуҷуд надорад. Ва низ ноқобилиятии қарздиҳанда вобаста ба ягон сабаб нишон додани андозаи зарарҳои айнан расонидашуда наметавонад, ки асос барои рад карда шудани ҷуброни онҳо шавад, ҳарчанд ки дар он қисме, ки исботи тартиби расмиро талаб намекунад. Албатта, амалӣ намудани ин қоида ҳама вақт ба амал намеояд, вале он равшан аст, агар сухан оид ба гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ равад.

Чӣ тавре, ки аз баёни минбаъда дида хоҳад шуд, хусусиятҳои пул ва уҳдадориҳои пулӣ на танҳо зарурат, балки имконияти мавҷудияти чораҳои махсуси ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онро асоснок месозад. Барои фаҳмидани моҳияти фоизҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, муқаррароти доктринаи ҳуқуқи англисӣ-америкоӣ таваҷҷуҳи бештар доранд, ки онҳо ба ҳисоб карда, ворид намудани зарарҳо умуман ва ҳамчунин ба ном зарарҳои «абстрактӣ» аз ҷумла, дахл доранд.

Чӣ тавре, ки Комаров А.С. зикр мекунад, усули ҷубронсозии ҳисоб кардани зарарҳо як қатор маҳдудиятҳо дорад, ки дар асоси муайян кардани ҳар як навъи ҷуброн барои зарар дар ҳуқуқи англисӣ-амрикоӣ нуҳуфтааст[1]. Яке аз чунин маҳдудиятҳо аз он иборат аст, ки зарарҳое, ки барои ҷуброн кардани онҳо тарафи зарардида метавонад, ки даъво

[1] Ниг.: Комаров А.С. Ответственность в коммерческом обороте. М., 1991. - С.119.

кунад, бояд ногузир бошанд. Муҳтавои мафҳуми ногузирро баён намуда, муаллиф зикр мекунад, ки дар асоси он доктринае нуҳуфтааст, ки тибқи он тарафи зарардида дар ҳолати ба ӯ расидани зиён бояд бо амалҳои худ, ки хусусияти бошуурона дорад, кӯшиш намояд оқибатҳои номатлуберо, ки бо сабаби вайрон карда шудани қарордод ба миён омадааст, кам намояд.

Дар натиҷаи истифодабарии доктринаи мазкур дастуре таҳия шудааст, ки тибқи он тарафи ҷабрдида ба ҷуброни танҳо он зарарҳое ҳуқуқ дорад, ки онҳоро ӯ бо амалҳои бошурона наметавонад пешгирӣ намояд, новобаста аз он, ки оё ӯ барои пешгирӣ намудани зарар кӯшиши ягон амалеро ба кор бурданро кардааст ё не[1]. Пул ҳамроҳ бо дигар объектҳои ҳуқуқи молумулкӣ метавонад, ки дар гардиши гражданӣ ба сифати мол баромад намояд, низ ба ҳайси комилан махсус. Инфрасохтори бозори ин маҳсулоти махсусро низоми муассисаҳои қарздиҳӣ ташкил мекунанд. Талабот барои «пардохтани» он дар уҳдадории «харидор» (қарзгиранда) ба «фурӯшанда», (қарздиҳанда) пардохтани нархи пулҳои «харида» (ба қарз гирифта) ифода мешавад. Бузургии чунин пардохт вобаста ба андозаи маблағи қарз ва вақти истифодабарии он муайян карда мешавад. Риоя кардани чунин шартҳо бо ифода кардани андозаи нарх бо фоизҳо ба маблағи қарз, ки бояд дар муҳлати муайян пардохт шаванд, осонтар аст, барои ҳамин дар амалия маъмулан андозаи «нарх» тибқи фоизҳои солона муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми ҳисоб карда ворид намудани зарарҳои мавҳум (абстрактӣ) муқаррар кардани имконияти амалисозии муомилоти ивазшаванда мушкил мегардад, зеро дар ин ҷо бозор, ҳамон мол ва нархи ҷорӣ нақш мебозанд[2]. Иҷрои ин ниҳоят осон аст, агар сухан сари пул равад: дар нақши бозор

---

[1]Ҳамон ҷо. - С. 119.
[2]Ҳамон ҷо. - С.121.

ҳатман давлат баромад мекунад, меъёри фоизҳои бонк бошад, айнан нархи ҷории худи ҳамон мол- ҳамон пулро ифода мекунад. Асосан доктринаи овардашуда самараи ба ҳуқуқи гражданӣ хос нест. Дар мо мафҳуми ба таври васеъ эътирофшудаи зарарҳои абстрактӣ вуҷуд надорад, новобаста аз он ки қоидаҳои м. 561 КГ ҶТ, ки тартиби ҳисоб кардани зарарҳоро ҳангоми бекоркунии қарордоди таъминот, ба пуррагӣ ба тамоми муқаррароти асосии назарияи зикршуда мувофиқат мекунад. Пас, дар амалияи судҳо эътироф карда мешавад, ки қарздиҳанда зери хатари қисман ва ё пурра рад карда шудан дар ҷубронсозии зиёнҳо бо амалҳои худ вазифадор аст, ки оқибатҳои манфии вайрон карда шудани уҳдадориҳоро аз ҷониби қарздор пешгирӣ намояд ва ё кам созад. Аз ҷумла, бо роҳи ба ҷо овардани додугирифти ивазшаванда.

Чунин хулосабарорӣ аз таълимот оид ба ҷавобгарии сабабию тафтишотӣ бармеояд. Тибқи назарияи мазкур, зарарҳо бояд дар алоқамандии бевоситаи сабабию тафтишотӣ бо вайрон кардани ҳолат бошанд, ва ё ин ки бо дигар амалҳои баҳснопазир. Барои ҳамин, он далеле, ки шахси зарардида имкони воқеии пешгирӣ намудан ва ё кам кардани оқибатҳои вайронкуниро дошт, вале барои ин ягон амали фаъолияти зарурӣ анҷом надод, чунин маъно хоҳад дошт, ки миёни амалҳои вайронкунанда ва талафот боз як ҳолате мавҷуд аст, ки он ба силсилаи зарарасонии бевосита дахолат дорад беамалии шахси зарардида. Вақте ки сухан дар бораи вайрон карда шудани уҳдадориҳои гражданию ҳуқуқӣ меравад, воситаи нисбатан муносиби пешгирӣ кардани зарарҳо ба амал баровардани додугирифти ивазшаванда мебошад (м. 428 КГ ҶТ).

Чун мавзӯи уҳдадории пулӣ наметавонад, ки иваз карда шавад, дар ҳолати вайрон карда шудани қарордод барои қарзи (займи) пулӣ муроҷиат кардан лозим мешавад. Дар ин

ҳолат маблағҳое, ки онҳоро тарафи зарардида вобаста ба гирифтан ва истифода бурдани қарз ҳангоми ғайриқонунӣ нигоҳ доштани воситаҳои пулиаш харҷ мекунад, хароҷоти ба таври объективӣ зарурие ҳисобида мешаванд, ки барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда ба ҷо оварда мешаванд. Унсури асосии ташкилдиҳандаи онҳо албатта, фоизҳое мебошанд, ки барои истифодаи қарз пардохта шудаанд.

Барои он, ки истифодабарии қарзи бонкӣ воситаи хуби пешгирӣ кардани зарарҳо аз истифода набурдани уҳдадории пулӣ мебошад, қарздор ҳуқуқ барои ҷуброн шудани хароҷотеро дорад, ки бо гирифтани он алоқамананд. Ба гирифтани ин ҷубронпулӣ он  чӣ низ монеа шуда наметавонад, ки тарафи зарардида амалан барои қарз муроҷиат накардааст, зеро зери мафҳуми зарарҳо дар шакли зиёни воқеӣ на танҳо он хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахсе ба ҷо овардааст, ки ҳуқуқҳои ӯ вайрон карда шудаанд, ва он хароҷоте низ, ки бояд барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда ба ҷо оварда шавад (қ. 2 м. 15 КГ ҶТ).

Қисми 1 моддаи 426 КГ ҶТ он қоидаҳоеро дарбар мегирад, ки тибқи онҳо андозаи фоизҳо вобаста ба ҷойи зисти қарздиҳанда муайян карда мешавад (агар қарздиҳанда шахси ҳуқуқӣ бошад, он гоҳ дар ҷойи мавҷуд будани ӯ) бо андозаи ҳисобии фоизи бонкӣ дар рӯзи иҷро шудани уҳдадории пулӣ ва ё қисми мувофиқи он, ҳангоми рӯёнидани қарз бо тартиби судӣ бошад дар рӯзи пешниҳод шудани даъво ва ё рӯзи бароварда шудани қарор.

Қоидаҳои нишондодашуда ба қоидаи умумии тартиби ҳисоб кардани зарарҳо, ки тибқи қисми 3 м. 423 КГ ҶТ муқаррар карда шудаанд, мувофиқанд, ки тибқи онҳо ҳангоми муайян кардани зарарҳо он ставкаҳое ба назар гирифта мешаванд, ки дар он ҷойе вуҷуд доранд, ки уҳдадорӣ бояд иҷро мешуд, дар рӯзи ба таври ихтиёрӣ қонеъгардонии

талаботи карздиҳанда аз тарафи қарзгиранда, вале агар талабот ба таври ихтиёрӣ қонеъ гардонида нашуда бошад - дар рӯзи пешниҳод шудани даъво; вобаста ба вазъият суд метавонад, ки талаботро оид ба рӯёнидани зарарҳо қонеъ гардонад, бо дарназардошти ставкаҳое, ки дар рӯзи баровардани қарор мавҷуд буданд[1].

Ҳамзамон, муқаррароти қисми 1 м. 426 КГ ҶТ андаке аз қоидаҳои қисми 3 м. 423 КГ ҶТ дар он қисме фарқ мекунад, ки он ба ҷойҳое дахл дорад, ки ба онҳо андозаи фоизҳо муайян карда мешавад. Фарқи нишон додашуда ҳадди хеле кам мегардад, агар он меъёре ба таваҷҷуҳ гирифта шавад, ки дар м. 339 КГ ҶТ ҷой дорад, ки тибқи он вобаста ба иҷрои уҳдадории пулӣ бояд дар ҷойи зисти қарздиҳанда ба амал оварда шавад, вале агар қарздиҳанда шахси ҳуқуқӣ бошад-дар ҷойи ҷойгиршавии ӯ ба роҳ монда шавад[2].

Вале ҳангоми тасвияи меъёрҳои қисми 1 м. 426 КГ ҶТ эҳтимолан, дар навбати аввал дар мавриди таваҷҷуҳ на қоидаи ишорашуда, балки имконияти воқеии қарздиҳанда ҷиҳати гирифтани қарзи ивазшаванда қабул карда шудааст, ки шояд метавонад бо хароҷоти нисбатан кам дар ҷойи мавҷудияти ӯ (ҷойи зист) амалӣ карда шавад.

Мутобиқи қоидаҳои қисми 1 м. 426 КГ ҶТ андозаи фоизҳо тибқи меъёри ҳисобии фоизҳои бонкӣ муайян карда мешавад, яъне меъёрҳои ҳисобии Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқи захираҳои қарзӣ, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудаанд (меъёри аз нав маблағгузорӣ).

Меъёри аз нав маблағгузории Бонки миллии Тоҷикистон чун василаи сиёсати молиявию қарзӣ хизмат мекунад. Ҳамзамон, интихоби он барои муайян кардани андозаи фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ дар табиати муносибатҳо чизеро

---

[1] Ниг.: Рахимов М.З. Ответственность предпринимателя за нарушение договорных обязательств. Вестник Высший экономический Суда Республики Таджикистан. №3, 1999. - С.54.

[2] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. қисми 1. Душанбе: «ЭР-граф», 2014. - С.71-72.

иваз намекунад, ки бо рӯёнидани онҳо алоқаманданд. Меъёри аз нав маблағгузории Бонки миллии Тоҷикистон андозаи пардохт барои қарзхое мебошад, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои тиҷоратии қарзӣ дода мешавад. Вобаста ба ҳолатҳои муайян ва хусусиятҳои қарзгиранда (таърихи қарзи субъект, хусусиятҳои таъминоти бозпасдиҳии қарз, муҳлате, ки қарз гирифта мешавад, ва ғайра) андозаи фоизҳои пардохтшаванда вобаста ба ҳолати аниқи қарзӣ метавонад, ки фарқ кунад. Ба ин нигоҳ накарда, амалия нишон медиҳад, ки ба назар гирифтани андозаи мавҷудаи меъёри аз нав маблағгузории Бонки миллии Тоҷикистон ташкилотҳои қарздиҳӣ (аниқтараш, бозор), дар навбати худ андозаи пардохтро барои қарзҳои худ дар як андозаи баробар ва ё андаке бештар муқаррар мекунанд.

Мафҳуми фоизҳо барои ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани воситаҳои пулӣ, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудааст, ба сифати ҳисоб карда ворид намудани зарари воқеии тарафи ҷабрдида, ки бо чунин қонунвайронкунӣ ба миён омадааст, имкон медиҳад, ки ба таври пайдарпай ва пурра хусусиятҳои истифодабарии чораи зикршуда тавзеҳ дода шавад. Хусусияти дар муносибат ба зиён санҷиши доштани фоизҳо бо он маънидод карда мешавад, ки онҳо танҳо як қисми талафоти эҳтимолиро дар назар доранд. Он чи, ки ба таносуби фоизҳо (даромадҳо) ва ҷаримаҳо дахл дорад, онҳо тибқи табиати ҳуқуқиашон роҳҳои ҷуброн кардани талафот мебошанд. Хусусияти ҷарима дар он ифода меёбад, ки мувофиқи механизми ҳисоб кардан он бевосита бо андозаи оқибатҳои имконпазири молумулкии вайрон карда шудани уҳдадориҳо вобаста нест. Вагарна, он бояд аз ҷониби тарафҳо андозаи қаблан муайяншуда ва ба ҳисоб гирифташудаи зарарҳо ҳисоб карда шавад, на ин ки ҷарима. Нисбат ба ин механизми ҳисоб кардани фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ ба алоқаи бевосита ва бавоситаи онҳо аз андозаи зарарҳо ишора

мекунад, ки бо қонунвайронкунӣ расонида шудаанд. Дар акси ҳол ягон асосе барои он нест, ки чунин фоизҳо ҷарима ҳисобида нашаванд. Айнан чунин фикру мулоҳизаҳо бояд ҳангоми ҳаллу фасли саволе истифода бурда шаванд, ки ин ва ё он дастурҳо оид ба рӯёнидани фоизҳо «бо тартибе, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд», ки ба ин ё он ҳолати қонунгузории гражданӣ ворид карда шудаанд, оё аслан ин тибқи м. 426 КГ ҶТ фоиз ҳисобида мешавад ва ё ҷарима. Нораво будани якбора (бо роҳи ҷамъ кардани онҳо) ситонидани ҷарима ва фоизҳо бевосита аз фаҳмиши охириҳо ба сифати роҳи ҳисоб кардани зарар бармеояд. Дар асоси муқаррароти умумӣ оид ба таносуби санҷишии зарарҳои ҷаримавӣ, ҷарима танҳо дар ҳамон ҳолате метавонад истифода бурда шавад, ки дар бораи он бевосита дар қарордоди тарафҳо ва ё дар қонун дастури бевосита дода шудааст, яъне, агар чунин ҷарима муҷозот ҳисобида шавад. Аз ин ҳамчунон бармеояд, ки қарздиҳанда, ки ба пардохта шудани ҷарима аз қарздориислоҳнашаванда ноил шудааст, ҳуқуқи талаб кардани фоизҳоро тибқи м. 426 КГ ҶТ вобаста ба он қисме дорад, ки онҳоро ҷарима фаро нагирифтааст. Аз нуктаи назари имконияти кам кардани андозаи фоизҳо аз тарафи суд низ пурра асоснокшуда баҳисоб меравад, вале ин ҳам танҳо дар ҳолате, ки ин бузургӣ тибқи қарордоди тарафҳо дар асоси қисми 1 м. 426 КГ ҶТ муқаррар (зиёд) карда шудааст. Табиати фоизҳои қонуниро тибқи м. 426 КГ ҶТ мансуб будани онҳо ба меъёри аз нав маблағгузории Бонки миллии Тоҷикистон (дигар меъёри ҳисобӣ) муайян намекунад, ё ба андозаи қавӣ муқаррар карда шудани онҳо (албатта, агар худи ин андоза ба меъёри амалкунандаи устувори фоизҳо мувофиқ бошад).

Дар ниҳояти кор чизи асосие, ки онҳоро асоснок месозад, ин таносуби онҳо ба андозаи зарари қарздиҳанда, ки ӯ бояд ногузир аз вайрон кардани уҳдадории пулӣ бинад. Вале қариб

дар тамоми ҳолатҳо моҳияти фоидаҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, танҳо ба он андоза иваз намешавад, зеро андозаҳои онҳо ва тартиби ҳисоб кардан, аз ҷумла, таносуб бо зарарҳо, тибқи шартномаи тарафҳо тағйир наёфтаанд. Андозаи тағйирёфтаи фоидаҳо бошад, ки тибқи шартномаи тарафҳо дар ҳолати гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ муқаррар карда шудааст, аслан на ба қисми 1 м. 426 КГ ҶТ асос мекунад (ё ин ки на танҳо ба он), балки ба қисми 1 м. 355 КГ ҶТ. Чун андозаи фоизҳои тибқи шартномаи тарафҳо тағйир додашуда ҷарима мебошад, он метавонад, ки аз тарафи суд дар асоси м. 355 КГ ҶТ дар ҳолати ба таври ошкоро ба оқибатҳои вайронкунӣ номутаносуб буданаш кам карда шавад (вале на камтар аз фоизҳое, ки тибқи қоидаҳои м. 426 КГ ҶТ ҳисоб карда шудаанд). Агар андозаи фоизҳое, ки дар қисми 1 м. 426 КГ ҶТ тибқи шартномаҳо ва ё қонун кам карда шудааст ва чунин фоизҳо дар муносибат бо зарарҳо хусусияти истисноӣ доранд, оид ба маҳдуд кардани андозаи ҷавобгарӣ ҳарф бояд зад. Қонунӣ будани чунин маҳдудсозӣ бояд вобаста ба қоидаҳои умумие баррасӣ мешавад, ки аз тарафи қонунгузории гражданӣ муқаррар карда шудааст, аз ҷумла, моддаҳои 431 ва 432 КГ ҶТ.

Қобили зикр аст, ки чун фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ яке аз роҳҳои ҳисоб карда ворид намудани зарарҳо мебошанд, дар ҳолатҳое, ки андозаи аз тарафи шартнома ва ё қонун кам карда шудани рӯёнидани зарарҳоро истисно накунад, ҳеҷ чиз набояд ба қарздор барои талаб карда гирифтани фоидаи ӯ дар ҳаҷми пурра монеа шавад.

Дар миёни асосҳои уҳдадории фоизҳо пардохташавандае, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, моҳияти бештар ба ҳолатҳои вайрон карда шудани уҳдадории пулӣ дода мешавад. «Дигар тарзи ғайриқонунии воситаҳои пулӣ» бошад, аксар чунин асос ҳисобида намешавад. Инро набояд одилона ҳисобид, зеро ҳар навъ нигоҳдории ғайриқонунии

пул, новобаста аз он ки оё бо гузаштани муҳлати пардохти қарзи пулӣ вобаста аст (умуман, оё он бо вайрон кардани уҳдадорӣ алоқаманд ҳаст ё не), барои соҳаи молумулкии тарафи ҷабрдида оқибатҳои баробар дар шакли маҳрум карда шудани ҳуқуқ барои идора кардани пул, истифода бурдани онҳо дар давоми марҳилае, ки чунин вайронкуниҳо давом мекунад. Аслан, хусусияти «ҷавобгарӣ барои истифодабарии воситаҳои пулии ғайр» бештар аз хусусиятҳои уҳдадориҳои нисбат ба хусусияти уҳдадориҳои пулӣ аз хусусиятҳои худи онҳо вобаста аст. Уҳдадории тибқи м. 426 КГ ҶТ муқарраршудаи пардохти фоизҳо дараҷаи (категорияи) ягонаи ҳуқуқӣ нест.

## 3.2. Муҳимият ва хусусияти ҳуқуқии фоизҳо оид ба истифодаи маблағҳои пулии ғайр

Иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо, чун қоида, боиси ба миён омадани масъулияти гражданию ҳуқуқии қарздор дар назди қарздиҳанда мегардад. Дар ин сурат, масъулият барои риоя накардани ин ё он уҳдадорӣ метавонад бо хусусиятҳои муайянаш фарқ кунад. Масъулият барои риоя накардани уҳдадориҳои пулӣ хусусиятҳои махсусро соҳиб мегардад, пеш аз ҳама дар ҳолате, ки қарздор муҳлати иҷрои онҳоро мегузаронад.

Иҷро накардани уҳдадории пулӣ, ин саркашӣ намудан аз пардохтро мефаҳмонад, ба таври номатлуб иҷро намудани он бошад, дар аксар ҳолатҳо ҳангоми сари вақт пешниҳод накардани маблағи талабшуда ба миён меоянд. Ҳангоми иҷро накардани (гузаронидани муҳлати иҷро) уҳдадории пулӣ, ба зиммаи қарздор уҳдадории пардохти фоизҳо ба маблағи қарз ҳисобшуда ба шумор меравад. Ин яке аз хусусиятҳои масъулият аз рӯйи чунин уҳдадориҳо мебошад. Маҳз фоизҳо гарони иловагие мебошанд, ки ба зиммаи қарздори уҳдадориҳои пардохтро риоянакардааст вогузошта мешаванд. Лекин ба маблағи қарз ҳисоб кардани фоизҳо на ҳамеша бо масъулияти қарздор вобаста аст. Фоизҳо, инчунин дар сурати ба таври қонунӣ истифода бурдани воситаҳои пулии ғайр аз ҷониби қарздор низ ситонда мешаванд. Дар ин сурат, он фоизҳо ҳамчун маблағи пардохт барои истифодаи амволи ба ӯ тааллуқдошта ба ҳисоб рафта, як намуди масъулият шуморида намешаванд. Рӯйхати ҳолатҳоеро, ки бо онҳо қонун пардохт намудани фоизҳои истифодаи воситаҳои пулии ғайрро вобаста мекунад, дар қисми 1 м. 426 КГ ҶТ муқаррар гардидаанд ва аз он ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки акнун фоизҳоро новобаста аз он, ки

воситаҳои пулии ғайр мутобиқи шартнома гирифта шудаанд ё бидуни муносибатҳои шартномавӣ, пардохтан лозим аст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар сурати муқаррар намудани қоидаи аниқ ва муносиб оид ба ситондани фоизҳо истифодаи воситаҳои пулии ғайр, қонунгузор ба савол дар бораи хусусияти ҳуқуқии ин фоизҳо ҷавоби бевосита надодааст. Ин ҳолат боиси он гаштааст, ки оид ба хусусияти ҳуқуқии фоизҳои қайдшуда барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун пайдо шаванд. Баъзе аз олимон чунин ақида доранд, ки фоизҳои истифодаи воситаҳои пулии ғайр - ин ҷуброн ё маблағ барои истифодаи воситаҳои пулӣ ба ҳисоб меравандВ[1]. Дурустии ин мавқеъ боиси пайдо шудани шубҳаҳо мегардад. Чунки қонун рафтори қаздорро, ки боиси уҳдадорӣ оид ба пардохт намудан мегардад, муайян мекунад ва он имкон медиҳад, ки ба акси ҳол эътимод пайдо карда шавад.

Фоизҳо, чи тавре ки аз м. 426 КГ ҶТ бармеояд, бояд вобаста ба ҳаҷми маблағи қарз пардохта шаванд, аз ҷумла, дар ҳолатҳое, ки қарздор ғайриқонунӣ онро напардохтааст, аз баргардондани он саркашӣ намудааст ё ба таври дигар муҳлати иҷрои уҳдадории пулиро ба таъхир андохтааст. Ҳамин тариқ, асос барои ситондани фоизҳо маҳз ғайриқонунӣ нигоҳ доштани пардохти воситаҳои пулӣ, на чизи дигар, на далели напардохтани онҳо дар муҳлати муқаррагардида ба қарздиҳанда, балки далели ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадорӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 436 КГ ҶТ, ки уҳдадориҳои қарздорӣ яъне гузаронидани муҳлати иҷрои ин уҳдадориро дар назди

---

[1] Ниг.: Розенберг М.Г. Правовая природа процентов годовых по денежным обязательствам (практические теоретические аспекти применения новых положении ГКРФ \ Гражданский кодекс России. Проблемы.Теория. Пратика :.М.,1998.С.332; Гражданское право/Под. ред. Суханова Е.А.т.1м.,1998 - С.432-456 и др; Гафуров А. Д. Дисциплина расчетов в условиях рыночной экономики., Душанбе ирфон 2006 г. - С.138.

қонун муқаррар менамояд, қонун гузарондани мухлати иҷрои ин уҳдадориро ҳуқуқвайронкуние мешуморад, ки ҷавобгарии қарздорро ба миён меорад, аз ҷумла уҳдадории пӯшондани зарар. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои таъминкунандаи муносибатҳои шаҳрвандон дар қонунгузорӣ оид ба қонунвайронкунӣ мебошад. Чунин ҳолат оид ба риоя накардани қойдаҳои муқарраргардида пайдо мешавад, ки қоидаҳои муайянгардида сарфи назар шудааст ва дар асоси қонунгузорӣ, ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, давлат, ва аъзои ҷамъият вобаста ба зарари расидашуда барқарор карда мешавад [1]. Маҳз чунин асос барои ситондани фоизҳо мутобиқи м. 426 КГ ҶТ ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида мешавад, на ягон амали (беамалии) дигар, ки боиси истифодаи воқеии воситаҳои пули ғайр мегарданд.

Тасдиқи ин фикрро Новоселова Л.А., қайд мекунад, ки муқарраротиқонун дар бораи «иҷро накардани уҳдадории пулӣ», «ғайриқонунӣ нигоҳ доштани воситаҳои пулӣ» [2] мебошад. Ин далелҳои қайдгардида дар хусуси он, ки рафтори қарздор хусусияти ғайриқонунӣ дорад, шаҳодат медиҳанд. Рафтори ғайриқонунӣ бошад, чи тавре ки маълум аст, яке аз асосҳои ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ мебошад. Ақидае вуҷуд дорад, ки тибқи он фоизҳои солонаи истифодаи воситаҳои пулии ғайр ҳамчун ноустуворона барои риоя накардани уҳдадорӣ шуморида мешавад [3]. Вале фоизҳои барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ ситондашаванда, ба фикри мо, наметавонанд ҳам аз сабабҳои ҳуқуқию расмӣ, ҳам аз рӯи ақидаҳои воқеӣ ноустуворона ҳисобида шаванд.

---

[1] Ниг.: Абдухоликов А.М. Наследование в международном частном праве. Душанбе, 2013.- С.172.

[2]Ниг.: Новоселова Л.А. Оправовых последствиях нарушения денежного обязательства. // Вестник Высшего Арбитражного Суда Российской Федерации. 1999. №3. - С.69.

[3] Ниг.: Попов А.В. Ответственность за неисполнение денежного обязательства// Хозяйство и право. 1997,№8,- С.7-9.

Қайд кардан лозим аст, ки новобаста аз монандии зоҳирӣ доштан (хусусан аз рӯйи шакли ҳисобӣ) бо ноустуворона (хусусан бо пеня), фоизҳои солона барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр, дар фарқият бо ноустуворона, воситаи таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳо шуда наметавонанд. Ғайр аз ин, ноустуворона эътироф намудани фоизҳои солона истифода бурдани тамоми асосҳои озод намудани қарздор аз ҷавобгариро талаб мекунад. Аз ҷумла, ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) дар лаҳзаҳои дахлдор мавҷуд набудани гуноҳ ва ғайра, ки он аз ақидаҳои ба таври умумӣ эътирофшуда дар бораи уҳдадориҳои пулӣ ва  фоизҳои солона куллан фарқ мекунанд.

Дигар олимон чунин ақида доранд, ки фоизҳо шакли баргардондани товони зарарро аз сабаби иҷро накардани уҳдадории пулӣ аз ҷониби қарздор дарбар мегиранд[1]. Дар ин сурат, асоснок намудани самти мақсадноки пардохти товони зарар ё пардохти фоизҳо аз он иборат аст, ки ҳолати қунунии амволии қарздиҳанда, агар ин ҳуқуқвайронкунӣ сар намезад, дар он ҳолати амволӣ қарор мегирифт.

Аз ин рӯ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки фоизҳо аз эҳтимолияти ҳаҷми зараре иборатанд, ки дар натиҷаи гузарондани муҳлати пардохти қарз ба қарздиҳанда расонда шуда, ба фоидаи қарздиҳанда муқаррар шудаанд. Татбиқи м. 426 КГ ҶТ бошад, бояд бо дарназардошти меъёрҳои умумии товони зарар амалӣ гардонда шавад.

Натиҷаи назарраси чунин амал татбиқи принсипҳои умумии шарҳи масъулияти гражданию ҳуқуқӣ нисбат ба фоиз барои истифодаи ғайриқонунии воситаҳои пулии ғайр, таҳти амали қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун оид ба ҷуброн

---

[1] Ниг.: Садиков О.Н. Уплата процентов по денежным обязательствам// Хозяйство и право.1987.№8. - С.5-6.; Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. С-Пб., 2001. - С. 130.;  Белов В.А. Денежные обязательства. М., 2001, - С. 120.

намудани зарар қарор гирифтани талаби пардохти фоиз мебошад, ба истиснои он қоидаҳо, ки ба зиммаи қарздиҳанда гаронии исбот намудани ҳаҷми зарар ва имконнопазирии татбиқи қоидаҳои ноустуворонаро ҳамчун шакли таъмини уҳдадорӣ вогузор мекунанд (моддаҳои 335-357 КГ ҶТ).

Қайд кардан лозим аст, ки ситондани фоиз ва ҷуброн намудани зиён, дар аксари ҳолатҳо пардохти ноустуворона, танҳо як мақсад доранд – ҷуброн намудани талафоти қарздиҳанда, ки ба ӯ дар натиҷаи риоя накардани уҳдадории пулӣ аз ҷониби қарздор расонида шудааст. Тақсимоти байни ин шаклҳои масъулият дар навбати аввал вобаста ба хусусиятҳои механизми амалигардонии онҳо ва натиҷаҳои онҳо, ки бо сабаби риоя накардани уҳдадорӣ, инчунин андозаи ин талафот ба миён меоянд, гузаронда мешавад. Барои ситондани фоиз бо тартиби муқаррарнамудаи м. 426 КГ ҶТ ҳеҷ чизро исбот намудан лозим нест. Муқаррар намудани он, ки аз ҷониби қарздор воситаҳои пулии ба қарздиҳанда тааллуқдошта ғайриқонунӣ истифода бурда шудаанд, кифоя мебошад. «Қонун, вобаста аз эътирофи фоидаоварии мутлақи пул ва андозаи ҳадди ақали зиёдшавии фоида аз додани пул фоиз ҳисоб мекунад, агар дар шартнома андозаи баландтаре дар андозаи қонунигардонда муқаррар карда нашавад, бидуни аз қарздиҳанда исбот намудани он, ки дар сурати сари вақт гирифтани қарз маблағҳои пулиро барои баланд шудани фоизи даромад мегузорад, талаб карда шавад, лекин на камтар аз андозаи фоизи қонунишуда»[1]. Ғайр аз ин, бо муайян кардани хусусияти ҳисобии фоизҳо нисбат ба зарар ва муқаррар намудани қоида дар бораи ситондани товони зараре, ки фоизбандӣ нашудааст, (қисми 2 м. 426

[1]Ниг.: Эльяссон Л.С. Деньги, банки и банковские операции. М., 1926. - С. 7 - 8.

КГ ҶТ) қонунгузор ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист он далелро ба назар гирад, ки фоизҳо зарар ҳисобида шаванд[1].

Аз ин рӯ, фоизҳо ба таври императивӣ ба таркиби зарар дохил намешаванд ва қисми онҳо буда наметавонанд. Бо муайян намудани хусусияти ҳисобии фоизҳо нисбат ба зарар (чуноне, ки нисбат ба ноустуворона) ва бо муқаррар намудани қоида дар бораи ситонидани зарар дар қисми фоизбандӣ нашуда (қисми 2. м. 426 КГ ҶТ) қонунгузор боақлона рафтор карда, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист он далелро ба назар гирад, ки фоизҳо зарар ҳисобида шаванд. Ин ҳолат ба таври баробар ба меъёрҳои дигари бешумори дар КГ ҶТ мавҷуда алоқаманд аст, ки дар он мафҳумҳои зарар, фоизҳо, ноустуворона ба сифати категорияҳои мустақил истифода шаванд, ки дар ин бора дар моддаҳои 361, 392, 394, 413 ва моддаҳои дигари КГ ҶТ қайд карда шудааст. Як қатор муаллифон фоизи солонаро на ба сифати ноустуворона ва на ба сифати зарар эътироф накарда, чунин ақида доранд, ки фоизҳ барои истифодаи маблағи пулии ғайр бояд ба чораҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ нисбат дода шаванд ва онҳо категорияи алоҳидаи чораҳои ғайримаъмулии махсуси ҷавобгарии молумулкиро ташкил кунанд[2].

Ба фикри мо, ақидаи охирин дуруст мебошад. Дар моддаҳои гуногуни КГ ҶТ, ки дар онҳо дар бораи пардохти фоизҳои солона сухан меравад, чораҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба қарздор дар назар аст. Пеш аз ҳама, ба муқарраროти дар м. 843 КГ ҶТ овардашуда диққат додан лозим аст. Шартномаҳое, ки иҷрои онҳо бо додани маблағи пулӣ ё чизҳои дигар, ба амволи тарафи дигар, ки бо нишонаҳои авлодӣ муайян карда мешаванд, аз ҷумла дар

---

[1]Витрянский В.В. Проценты по денежному обязательству как форма ответственности.// Хозяйство и право. 1997. №8.- С. 66.

[2] Рахимов М.З. Конечний результат предпринимательской деятельност: теория и правовое регулирование. г.Душанбе, 2007, - С.261.и др.

шакли пардохти бунак (аванс), пешпардохт, ба таъхир андохтани муҳлати пардохт, муҳлатдиҳӣ барои пардохти молҳо, корҳо ё хизматрасонӣ (қарзи), агар қонун тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Агар харидор аз гирифтани мол бо сабаби гузаронидани муҳлати додани он даст кашад ва аз фурӯшанда баргардондани маблағи пешпардохтро талаб кунад, аз лаҳзаи пешниҳод намудани чунин талаб уҳдадории фурӯшанда оид ба баргардондани маблағи пешпардохт ба харидор ба миён меояд. Дар сурати тамдиди муҳлати иҷрои он, фурӯшанда барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ  ҷавобгарӣ ба уҳда дорад ва аз ин рӯ, дар асоси м. 426 КГ ҶТ аз рӯзе, ки шартномаи хариду фурӯш қатъ карда мешавад,  то рӯзи ба харидор баргардондани маблағи аз ҷониби ӯ пешакӣ пардохтшуда фоизҳоро пардохт намояд. Дар ин сурат, фоизҳои солона аз ҳисоби фурӯшанда ба сифати чораи мустақили ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ, яъне чи тавре ки дар м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст, ситонда мешаванд.

Хусусиятҳои фоизҳои солонаро ҳамчун шакли мустақили масъулияти гражданию ҳуқуқӣ на танҳо дар ҳолатҳои махсуси ҳисоб кардани онҳо, исбот ва татбиқи онҳо, чи тавре, ки нисбат ба зарар ва ноустуворона амалӣ гардонда мешавад, ва чӣ гуна нисбат ба ашёи махсуси худи уҳдадории пулӣ татбиқ мегардад.

Чӣ тавре, ки Шарифзода Р., қайд менамояд: «Ҳаракати пайвастшавии пул (нақдию ғайринақдӣ) ҳангоми хариду фурӯши молҳо, хизматрасонӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар марбут ба чунин муносибатҳо, муносибатҳои пулӣ номида мешавад»[1]. Пул объекти махсуси ҳуқуқҳои гражданӣ мебошад ва онҳоро иваз намудан мумкин аст, чун ҳамеша ба таври нақдӣ дар муомилоти амволӣ вуҷуд доранд, дар ҷараёни

[1] Ниг.: Шарифзода Р., Муомилоти пулӣ ва қарз, Душанбе: «ЭР-граф», 2008. - С. 64.

истифодабарӣ дар муомилоти амволӣ хусусиятҳои худро гум намекунанд: баръакс, ба онҳо хусусияти зиёдшавӣ хос аст. Бинобар ин, дар уҳдадориҳои пулӣ имконнопазирии иҷро барҳам мехӯрад, ҳатто ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки ҳамчун ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) маънидод мешаванд, наметавонад барои озод намудани қарздор барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ асос шаванд. Аз сабаби он ки асоси қатъ гардидани уҳдадории пулӣ аз рӯйи қоидаи умумӣ иҷрои дурусти он мебошад, қарздор бошад, наметавонад барои иҷро накардан аз уҳдадорӣ озод карда шавад, аз ҷумла ҳангоми ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор), фоизҳои солона ба сифати шакли махсуси ҷавобгарӣ оид ба уҳдадориҳои пулӣ бояд бо дарназардошти ин омилҳо татбиқ карда шаванд[1]. Маҳз дар ин хусусияти шакли мазкури масъулияти гражданию ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, ки он ҳангоми ситондани фоизҳо барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ набояд меъёрҳои дахлдор ба назар гирифта шаванд, ки он дар қисми 3 м. 432 ва м. 448 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст. Вале муқаррароти умумии дигаре, ки масъулиятро оид ба уҳдадории гражданию ҳуқуқӣ, аз ҷумла: оид ба масъулияти қарздор; оид ба муҳлатгузаронии шахсони сеюм; дар бораи айби қарздиҳанда; оид ба муҳлатгузаронии қарздор; (моддаҳои 433-437 КГ ҶТ), бояд татбиқ карда шаванд ва ҳангоми ситондани фоизҳои солона барои иҷро накардан (гузарондани муҳлати иҷро) уҳдадории пулии муқаррарнамудаи м. 426 КГ ҶТ дар асосҳои умумӣ татбиқ кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ҳолатҳои ҷудогона меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии қарздорро дар намуди ноустуворона, истинод ба м. 426 КГ ҶТ қабул намудани

[1] Ниг.: Мансуров Ш.Дж. К вопросу о сущности и провoвой природы процентов за пользование чужими денежными средствами, Известия Академии наук Республики Таджикистан, серия философия и право №1, 2010, - С. 229.

техникаи қонунгузорӣ, ки дар ҳар як чунин ҳолат муайян намудани ҳам ҳолат ва ҳам тартиби ситондани ноустуворонаи дахлдор пешбинӣ менамоянд (масалан, м. 880 КГ ҶТ).

Таҳлили табиати ҳуқуқии фоизҳое, ки бо м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст ва уҳдадориҳо оид ба пардохти онҳо барои шуморидани он ки якум, муқаррароти м. 426 КГ ҶТ бояд танҳо дар асоси далели  иҷро накардани (гузарондани муҳлати иҷро) уҳдадории пулӣ аз ҷониби қарздор асос мегардад.

Дуюм, ҳангоми ситонидани фоизҳо, наметавонанд муқаррароти умумии қонунгузории граждании оид ба андоза ва асосҳои вогузор кардани ҷавобгарӣ барои риоя накардани уҳдадориҳо татбиқ карда шаванд, аз ҷумла қарздор наметавонад барои гузарондани муҳлати иҷрои уҳдадории пулие, ки дар натиҷаи ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) ба таъхир андохта шудаанд, аз иҷрои уҳдадорӣ оид ба пардохти фоизҳо озод карда шавад.

Сеюм, ҳуқуқ ба ситонидани фоизҳ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи шартнома ва қонун маҳдуд карда мешавад. Дар баробари ин, дар хусуси он, ки равиши фоизҳо шубҳа ба миён намеорад, ки он аз рӯйи қонун муайян карда шудааст, натанҳо дар қисми уҳдадориҳои бо қонун муқарраргардида ё кирдорҳои номумкин пайдошуда ё ҳамчун натиҷаи иҷро накардан (гузарондани муҳлати иҷро) муқаррар мегардад, инчунин дар уҳдадориҳои шартномавӣ низ он муқаррар карда мешавад. Хусусияти фоизҳоро таҳқиқ намуда, пеш аз ҳама бояд на ба  фоизҳои таваккалӣ ё баланди судхурона такя намуд, балки ба фоизхои солона аҳамият додан лозим аст, ки онҳо дар шакли муқаррарнамудаи меъёрҳои гражданию ҳуқуқӣ қарор доранд. Лекин аксар вакт аз қарздор маҳз фоизҳои солона ҳамчун шакли мустақили ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ ситонда мешавад. Ин ҳолат ба он

мавридҳое дахл дорад, ки новобаста аз намуди уҳдадории шартномавӣ ба зиммаи қарздор уҳдадории пардохти пул барои молҳои додашуда (таҳвилгардида), корҳои иҷрогардида, хизматҳои расондашудае вогузошта мешавад, ки муҳлати он гузаронда шудааст, яъне ӯ барои иҷро накардан ё гузарондани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Қарздиҳанда муваққатан пулҳо ё моли худро ба ихтиёри қарзгиранда медиҳад, то фоида гирад. Мақсади қарзгиранда низ истифодаи қарзу гирифтани фоида аст. Ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳои қарздиҳандаю қарзгиранда боиси ҳамкории онҳо мегарадад. Қарзгиранда аз ҳисоби қарз истеҳсолот, савдо ё хизматрасониро ба роҳ монда фоидае ба даст меорад, ки натиҷаи ҳамкории ӯ бо қарздиҳанда буда, байнашон тақсим мешавад. Ҳиссаи қарздиҳанда ин фоизҳои қарз ном дорад.[1]

Ҳамин тариқ, фоизи қарз маблағест, ки қарздор ба қарздиҳанда барои истифодаи қарз медиҳад, қисме аз мутахассисон, иқтисодчиён онро нархи қарз низ меноманд. Агар қарздиҳанда ба гирифтани фоизи зиёдтар манфиатдор бошад, қарзгиранда баръакс, ба додани фоизи камтар манфиатдор аст. Дар шароити зиёд будани қарздиҳандаҳо ва имкони истифода аз хизмати онҳо қарзгиранда метавонад қарзро аз оне гирад, ки фоизҳо камтар мехоҳад.

Аз ин рӯ, қарздиҳанда бояд мизони фоизи қарзро тарзе муайян намояд, ки ҳам худаш фоида гираду ҳам қарзгирандаро аз даст надиҳад. Мизони фоиз (ставка процента) ин ҳиссаи фоиз дар маблағи қарз мебошад.

Барои мисол, қарздиҳанда ба қарзгиранда 10000 (даҳҳазор) сомонӣ қарзи яксола додаасту қарзгиранда бояд

---

[1] Ниг.: Шарифзода Р. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе: «ЭР-граф», 2008. - С. 277.

дар охири мухлати истифодаи қарз 11100 (ёздаҳҳазору сад) сомонӣ баргардонад. Дар ин ҳодат, даромади қарздиҳанда 11100 – 10000 = 1100 (якҳазору сад) сомониро ташкил медиҳад. Мизони қарз бошад, ба 11 фоизи солона баробар аст (1100 / 10000 X 100 = 11).

Омилҳои муайянкунандаи мизони қарз инҳоянд: а) таносуби маблағи талабот ба қарз ва ҳаҷми захираҳои қарзии пешниҳодшуда, б) мизони фоизи коғазҳои қиматнок дар биржа[1].

Масалан, мутобиқи қисми 1 м. 831 КГ ҶТ дар ҳолатҳое, ки қарзгиранда маблағи қарзро дар муҳлати муайяншуда барнамегардонад, ба ҳамин маблағ бояд дар ҳаҷми муайяннамудаи қисми 1 м. 426 Кодекси граждани аз ҳамон рӯзе, ки қарз бояд баргардонида шавад ва то рӯзи баргардонидани он ба қарздиҳанда новобаста аз пардохти фоизҳои муқаррарнамудаи шартнома барои истифода бурдани мабалғи қарз фоиз пардохт намояд.

Аз ин рӯ, м. 831 Кодекси гражданӣ барои гузарондани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ (барнагардондани қарз) дар шакли фоизҳои солона ҷавобгарии махсусро муқаррар менамояд (м. 426 КГ ҶТ), ки бо фоиз нисбат ба шакли асосии қарз ҳисоб карда мешаванд. Масъулияти қайдгардида бо сабаби гузарондани муҳлати баргардонии маблағи қарз ва ба маблағи қарз бе дарназардошти фоизи дар рӯзи баргардондани фоизҳо барои истифодаи маблағҳои қарзӣ (маблағи пардохт барои истифодаи маблағҳои пулӣ) ҳисобшуда татбиқ карда мешавад.

Ноустуворонаи қонунӣ ҷавобгарии бонк мебошад, ки барои ба таври номатлуб анҷом додани амалиёти суратҳисоб бо м. 880 КГ ҶТ муқаррар карда шудааст.

---

[1] Ҳамон асар. - С. 278.

Мутобиқи моддаи мазкур дар ҳолатҳои сари вақт нагузарондани маблағҳои пулии воридгардида ба суратҳисоби муштарӣ, инчунин аз ҷониби бонк барои сари вақт аз суратҳисоб надодани маблағ ва сари вақт иҷро накардани фармоиши молики суратҳисоб дар мавриди аз суратҳисоб гузаронидани маблағи пулӣ, бонк уҳдадор аст барои маблағи зикргардида бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи м. 426 КГ ҶТ фоизро пардохт намояд. Дар ин ҳолат, бонк дар назди муштарӣ уҳдадории пулӣ ба зимма надорад, бинобар он, иқтибос ба м. 426 КГ ҶТ танҳо қабул намудани техникаи қонунгузориро ҳангоми ташаккули ноустуворона мефаҳмонаду халос.

Дар баробари ин, агар ба зиммаи бонк уҳдадории пулӣ гузошта шавад, масалан, бо талаби гузарондани бақияи маблағҳои пулӣ аз суратҳисоб баъди аз ҷониби муштарӣ қатъ кардани шартнома оид ба суратҳисоби бонкӣ, иҷро накардан ё гузарондани мӯҳлати иҷрои чунин уҳдадорӣ нисбат ба бонк татбиқ намудани чораҳои масъулиятро дар шакли фоизҳои истифодаи маблағҳои пулии ғайр (м. 426 КГ ҶТ), ҳуқуқ дорад ҷуброни зарари дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии мақомоти дахлдор расондашударо талаб намояд. Ҳамин тариқ, муносибати дар боло қайдгардида оид ба муайян намудани хусусияти фоизҳои солона мантиқан ба хулосаи умумӣ оварда мерасонанд, ки маънои муҳими амалӣ доранд. Аз ҷумла, имконнопазирии татбиқи меъёрҳое, ки чунин асосро барои озод намудани қарздор аз масъулият барои риоя накардани уҳдадориҳои вобаста ба амалигардонии фаъолияти тиҷоратӣ аз ҷониби охирин ҳамчун ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) (қисми 3 м. 432 КГ ҶТ) муқаррар менамояд.

Дар баробари ин, эътироф намудани фоизҳои солонаи бо м. 426 КГ ҶТ муқарраргардида ҳамчун шакли мустақили

ҷавобгарӣ барои иҷро накардани (гузарондани муҳлати иҷро) уҳдадории пулӣ имконияти татбиқи ягон намуди ноустуворонаи муқаррарнамудаи қонун ё шартномаро ҳамзамон бо фоизи муқарраргардида барои чунин намуди риоя накардани уҳдадории пулӣ истисно мекунад, чунки аз рӯйи қоидаҳои умумӣ онҳо хусусияти ҳисобӣ доранд (ба истиснои ноустуворонаи ҷаримавӣ). Дар ин бора, аз ҷумла ворид намудани қоида ба матни м. 426 КГҶТ оид ба хусусияти ҳисобӣ доштани фоизҳои солона нисбат ба зарар, ки ба қоидаи нисбат ба ноустуворона пешбининамуда монанд аст, шаҳодат медиҳад. Дар ҳама ҳолатҳо, вақте ки сухан дар бораи қарзи тиҷоратӣ меравад (м. 843 КГ ҶТ), ба зиммаи қарздор уҳдадории пардохти фоизҳо дар андозаи бозмаблағгузорӣ гузошта мешавад.

Дар баробари он, ҳангоми татбиқи меъёрҳои навбати пардохти талабҳо оид ба уҳдадориҳои пулӣ ҳангоми нарасидани маблағҳои пулии пардохтшуда (м. 342 КГ ҶТ), судҳои иқтисодӣ бояд ба назар гиранд, ки таҳти мафҳуми фоизҳои пештар пардохташудаи маблағи асосии қарз танҳо фоизи истифодаи маблағҳои пулӣ, ки бояд аз рӯйи уҳдадории пулӣ пардохта шаванд, аз ҷумла фоизи истифодаи маблағи қарз, бунак (аванс) пешпардохт ва ғайра фаҳмида шаванд.

Фоизҳои бо м. 426 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, барои иҷро накардан ё гузарондани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ пас аз пардохти маблағи асосии қарз пардохта мешаванд.

Дар робита бо гуфтаҳои дар боло қайдшуда ва бо аломатҳои хоси уҳдадории пулӣ мо яке аз мавзӯъҳои дар илми ҳуқуқи граждани баҳснок – масъалаи категорияи ҳуқуқии уҳдадории пулиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба он натиҷа расидем, ки нақши иқтисодии пул ҳамчун муодили умумӣ хусусияти ҳуқуқии пул (ҷуброни зарар, арзиши мол,

амвол, қатъи уҳдадориҳо ва ғайра) ва хусусияти ба назари мо, хосси уҳдадориҳои пулии муҳтавои гражданию ҳуқуқӣ дошта, аз қабили даромаднокӣ ва тақсими пардохти қарздорро пешакӣ муқаррар менамояд.

Мо хулосаро дар бораи он, ки уҳдадории пулӣ мутобиқи муқаррароти дар м. 328 КГ ҶТ, ки табиати якҷониба дорад, асоснок намуда, таърифи мафҳуми уҳдадории пулии дорои муҳтавои гражданию ҳуқуқиро ифода кардем.

Дар натиҷаи таҳқиқоти соҳаҳои уҳдадориҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зиёди ҳалталаб пеш омада, барои муайян намудани мушкилоти бамиёномада дар иртибот ба моҳияти ҳуқуқии уҳдадорҳои пулӣ, имкон мешуморем, мафҳуми уҳдадориҳои пулиро чунин мухтасар ифода намоем: дар он иҷрои уҳдадориҳои пулӣ – он уҳдадорие мебошад, ки як шахс қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз шахси дигар қарздор маблағи муайяни пулиро барои барқарор намудани пардохти пулӣ талаб намояд ва қарздор вазифадор аст ба нафъи шахси дигар амали муаянеро анҷом диҳад, яъне дар асоси шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ ва ё бо асосҳои қонунгузории граждании пешбининамуда, пул пардохт намояд.

Чунин тақсими қонунан муқарраршудаи ҳуқуқу уҳдадорӣ ба уҳдадории пулӣ нисбатдошта, ҳамеша хусусияти яктарафагиро дорад ва муайян намудани дутарафагии он танҳо дар ҳолати пешбинишудаи шартнома имкон дорад. Ба ин тартиб, иҷрои шартнома аз тариқи амалигардонии уҳдадориҳои мушаххаси пулии он анҷом меёбад.

Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои марбут ба намудҳои уҳдадориҳои пулӣ ва асосҳои пайдоиши онҳо камбудии мавод ва таҳқиқот дар назарияи уҳдадориҳои пулӣ мушоҳида гардид. Барои мушаххассозии намудҳои уҳдадориҳои пулӣ мо меъёрҳои (маҳакҳои) гуногун, аз ҷумла, ҳадафи аввалияи

пайдоиши уҳдадории пулӣ, вуҷуди алоқа бо уҳдадории дигари ғайрипулӣ, нисбат доштан ба гардиши дохилӣ ё хориҷӣ ва ғайраро пешниҳод кардаем.

Зимни баррасии таснифҳои илмии намудҳои уҳдадориҳои пулӣ, ки дар асарҳои Л.А.Лунс, Е.А.Суханов, В.А.Белов, Д.Г.Лавров оварда шудаанд, мувофиқи мақсад аст, ки ба ҳуқуқи граждании дохил намудани таснифи дигар асоснок карда шуда, таснифи уҳдадориҳои пулӣ аз назари муаллиф пешниҳод шудааст. Бо дарназардошти таснифоти гуногуни уҳдадориҳои пулӣ, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ вомехӯранд, таснифбандии уҳдадориҳои пулиро вобаста ба мансубияти онҳо аз рӯйи: гардиши дохилӣ ё берунӣ; мавҷудияти робита бо дигар уҳдадориҳои пулӣ; ҳадафи аввалияи пайдоиши онҳо пешниҳод мешавад.

Дар рисолаи магистрӣ масъалаи нисбат додани уҳдадориҳои марбут ба пардохти ҷуброн, ҷуброни зарарҳо, пардохти ҷаримаҳо, мусодираҳо мутобиқи амрномаҳо ба уҳдадориҳои пулӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, таҳияи муқоисавии таҷрибаи ҳалли баҳсҳо аз тарафи судҳо гузаронида шудааст.

Масъалаҳои баҳсноки марбут ба арзёбии ҳуқуқии иҷрои уҳдадории пулиро таҳқиқ карда истода, мо ба хулосае омадем, ки нисбат ба уҳдадориҳои пулӣ иҷро аз анҷоми амалҳои қонунии муайяни мусбати ба пардохти қарзи пулӣ равонашуда иборат мебошад. Амалҳо метавонанд хусусияти воқеӣ дошта, қонунӣ бошанд. Иҷрои уҳдадории пулӣ метавонад хусусияти чӣ ихтиёрӣ ва чи маҷбури дошта бошад, бо таваҷҷуҳ ба он, ки ба хусусияти иҷро тақсими ҳуқуқҳои субъективӣ ба танзим ва ҳифзи он таъсир мерасонад.

Муқаррар карда шудааст, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба иҷрои уҳдадорӣ мебошад,

таърифи мушаххаси ҷудогонаи мафҳуми «иҷрои уҳдадории пулӣ»-ро надорад. Бо ин ҳама аз истилоҳоти «қонеъгардонӣ», «адо», «ситонидан» истифода бурда мешавад.

Дар рафти таҳлили қонунгузории гражданӣ дар мавриди талаботи иҷрои уҳдадории фоизҳо ошкор гардид, ки он дорои қоидаҳои умумӣ намебошад. Қайд мешавад, ки дастуроти муайяне дар мавриди иҷрои уҳдадории фоиз дар моддаҳои алоҳидаи КГ ҶТ мавҷуданд ва дар зимн барои баъзе намудҳои онҳо хусусияти иҷро муқаррар гардидаанд. Қайд мешавад, ки андозаи уҳдадории фоизҳо аз маблағи қарзи пули асосӣ вобаста аст. Яке аз хусусияти қарзи пулӣ қобилияти ба шакли фоизҳо, ҳамчун фоидаи сармояи ба ихтиёр вогузоршуда, даромади доимӣ овардан мебошад.

Ошкор карда шудааст, ки қонунгузории граждании ҷорӣ имкони ҳисоб кардани фоизҳо бар фоизҳо ё зарарҳоро муқаррар накардааст. Ҳарчанд чунин аст, бо дарназардошти табиати ҷубронии уҳдадории фоизҳо, мақомоти татбиқгари ҳуқуқ, қонеъ гардонидани тақозои ҳисоби фоизҳо бар фоизҳо ва зарарҳоро рад намоянд ҳам, имкони ҳисоби онҳоро нисбати баъзе намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳои пулӣ қабул медонанд.

Дар натиҷаи таҳқиқи соҳаи уҳдадориҳои пулӣ масъалаҳои моҳият ва табиати ҳуқуқии фоиз оид ба истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр меравад. Қайд кардан зарур аст, ки барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои ғайр ҳангоми иҷро накардани уҳдадории пулӣ, ё гузаронидани муҳлати пардохти қонунгузорӣ ба андозаи маблағи муайян рӯёнидани фоизро пешбинӣ менамояд. Андозаи фоизҳо бо дарназардошти фоизи ставкаи миёнаи Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи уҳдадории пулӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Мавсуф рӯёнидани фоизҳ барои истифодаи маблағи пулии ғайр ҳамчун чораи ҷазои мустақил эътироф гардад.

Зеро, таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Точикистон, хусусан моддаҳои 426, 361, 392, 394 ва 413 Кодекси граждани ҶТ нишон медиҳад, ки рӯёнидани фоизҳ барои истифодаи маблағҳои пулии ғайр дар қатори ноустуворона ва зиён категорияи мустақили чораи ҷавобгарӣ ҳисобида мешавад.

Дар рисолаи магистрӣ ба масъалаи марбут ба муайянкунии ҳуқуқи қобили истеъмол дар муносибатҳои марбут ба пардохти фоизҳо таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Қобили зикр аст, ки амалияи судҳои иқтисодӣ ва умумӣ дар ҳалли масъалаҳо оид ба фоизҳои солона мумкин бо ташаббуси суд бакорбарии ҳамзамони ду тартиби ҳуқуқиро тасдиқ кунад. Қоидаҳои м. 1218 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи Европаи соли 1980 оид ба ҳуқуқи дар мавриди уҳдадориҳои шартномавӣ ба кор бурдашаванда мутобиқат менамояд. Бар асоси омӯхтани маводи амалияи судӣ роҳҳои арзёбии далеловарии тарафҳо доир ба андозаи фризҳо имконпазирии муҳосибаи фоизҳо бар фоизҳо, ҳисоби муҳлатҳо дар иртибот ба замони даъвои марбут бо талаби пардохти фоизҳои солона, таносуби талаботи тарафҳо дар мавриди фоизҳо ва зарарҳо муайян гардиданд.

Мо чунин назар дорем, ки пешниҳодҳои марбут ба тағйири танзими ҳуқуқии уҳдадориҳои пулии дорои таркиби муҳтавои гражданию ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҳқиқи анҷомшуда ифода ёфтаанд, ба ҳамосоншавӣ ва якҷояшавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

# РУЙХАТИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе «Нашриёти Ганҷ» соли 2016. 135саҳ.

2. Тафсири илмию омавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Шарқи Озод, соли 2009.

3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 1 аз 30 июни соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1999. - №6 м.153; 154; соли 2001. - №7, мод. 508; соли 2002. - №4, қ.1. мод. 170; соли 2005. - №3, мод. 125; соли 2006. - №4, мод. 193; соли 2007. - №5, мод. 356; соли 2010. - №3, мод. 156, - №12, қ.1. мод. 802; соли 2012. - №7, мод. 700; - №12 қ.1. мод. 1021; соли 2013. - №7, мод. 504; соли 2015. - №3, мод. 200; соли 2016 - №7, мод. 612.

4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 2 аз 11 декабри соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1999. - №12 мод. 323; соли 2002. - №4, қ. 1. мод. 170; соли 2006. - №4, мод. 194; соли 2009. - №12, мод. 821; соли 2010. №7, мод. 540; соли 2012. - №7, мод. 699; соли 2013. - №7, мод. 505.

5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 3 аз 1 марти соли 2005 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2005. - №3 мод. 123; соли 2012. - №7, мод. 690.

6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2012. - №9, мод. 838; соли 2013. - №12, мод. 889, 890; соли 2015. - №3, мод. 210, - №11, мод. 965, мод. 966; соли 2016. - №3, мод. 150, - №11, мод. 883; соли 2017. - №1-2, мод. 21, - №5, қ.1., мод. 280; соли 2018, - №2, мод. 66, мод. 67, №7-8, мод. 529.

7. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. -

№22, мод. 303; соли 2006. - №4, мод. 196; соли 2008. - №3, мод. 201; соли 2010. - №7, мод. 546; соли 2011. - №3, мод. 177; - №12, мод. 855; соли 2013. - №3, мод. 195; соли 2015. - №11, мод. 960. соли 2016. - №3, мод. 143; - №11, мод. 881; соли 2017. - №1-2, мод.18.

8. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008. - №1, қ. 1. мод. 5; соли 2011. - №12, мод.840; соли 2012. - №7, мод.719; соли 2013. - №3, мод.180; соли 2015. - №11, мод.954; соли 2017. - №5, мод. 277; соли 2018. - №1, мод. 7, №7-8, мод. 523.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011. - №6, мод. 435; соли 2014. - №7 қ. 2, мод. 409; мод.410; соли 2018. - №7-8, мод. 531.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2009, - №5, мод. 331; соли 2010. - №7, мод. 555; соли 2011. - №12, мод.846; соли 2013. - №11, мод.786; соли 2014. - №11, мод.662; соли 2018. - №7-8, мод. 532.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 12 апрели соли 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 2012. - №4, мод. 266. АДЛИЯ (бонки марказонидашудаи иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон). - Шакли 6,0.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 июни соли 2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2011. - №6, мод. 432; соли 2012. - №7, мод.701; соли 2018. - №7-8, мод. 533.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №6, мод. 402.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод.674; соли 2008, №10, мод.813; соли 2009, №5, мод.317.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз» аз 26 марти соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2009. - №3, мод. 85; соли 2018. - №1, мод. 31.

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2006. - №7, мод.345; соли 2009. - № 5, мод. 327; соли 2010. - №1, мод. 3; соли 2011. - №12, мод. 848; соли 2013. - №3, мод. 191; соли 2015. - №11, мод.971; соли 2016. - №7, мод.629; - №11, мод.884.

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2011. - №3, мод. 169; соли 2014. - №3, мод. 149; соли 2017. - №1-2, мод. 23.

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2007. - №3, мод. 170; соли 2008. - №10, мод. 812; соли 2009. - №5, мод. 318, - №7-8, мод. 496; соли 2010. - №1, мод.9, - №12, қ. 1. мод. 816; соли 2011. - №12, мод. 844; соли 2016. - №11, мод.890.

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002 // Ахбори Махлиси Олии Хум[урии Тохикистон. соли 2002. - №4, г.2. мод. 314; соли 2008. - №10, мод. 810; соли 2010. - №12, қ.1. мод.815.

20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2009. - №5, мод. 316; соли 2010. - №12, қ.1. мод. 828; соли 2012. - №12 қ.1. мод. 1006, соли 2015. - №11, мод. 972; соли 2016. - №5,

мод.370.

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2014. - №7, қ.2. мод.404; соли 2015. - №3, мод. 216; соли 2017. - №5, мод. 293.

22. Дастурамали №193 «Дар бораи ҳисобҳои ғайринакдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2015. - №101 тасдиқ шудааст.

23. Гражданский кодекс Российской Федерации. часть первая // Собрание законодательства Российской Федерации 1994. - №32. Ст. 3301.

24. Гражданский кодекс Российской Федерации. часть вторая // Собрание законодательства Российской Федерации 1996. - №5. Ст. 410.

25. Гражданский кодекс Российской Федерации. часть третья от 26.11.2001. - №146-ФЗ (принят ГД ФС РФ 01.11.2001.), (ред. от 02.12.2004.) // СЗ РФ. – 2001. №49. - Ст. 4552.

26. Гражданский кодекс Республики Беларусь: по сост. на 15.10.2004 г. [Текст]. – Минск: Амалфея, 2004. – 672 с.

27. Гражданский кодекс Республики Казахстан. (Особенная часть). Комментарий (постатейный) [Текст]: В 2-х кн. Кн. 2 /отв. ред. М.К. Сулейменов, Ю.Г. Басин. – Алматы, 2006. – 800 с. 35.

28. Гражданский кодекс Республики Киргизии [Текст]. Ч.1. – Бишкек: Раритет Инфо, 2005. – 198 с.

29. Комментарий Гражданского кодекса Российской Федерации части первой и второй (постатейный) Сост. И автор комментариев А.Б. Борисов. – Книжный мир, 2001. С. 856.

30. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй / Под ред. Проф. Т.Е. Абовой и А.Ю. Кабалкина. М., 2003. - С. 512 (автор комментария к § 2 гл. 42 «Кредит» -Н.И. Соловяненко).

31. Комментарий к Гражданскому кодексу РСФСР / Под ред.

СИ. Братуся, О.Н. Садикова. М., 1982. - С. 218; Советское гражданское право. / Под ред. О.А. Красавчикова. М., 1969. Т.2 С.243.

32. Венская конвенция о договорах международной купли-продажи 1980 г.

33. Венская конвенция о договорах международной купли-продажи товаров. Комментарий. М.: Юрид. лит. 1994. - С.148.

34. Конвенция ООН О договорах международной купли-продажи товаров от 11 апреля 1980 г. // Вест. ВАС РФ. 1994. № 14.

35. Принципы международных коммерческих договоров. Подготовлены международным институтом унификации частного права (Рим, май 1994.) // Принципы МКД / Пер. с англ. А.С. Комарова. М: Международный центр финансово-экономического развития, 1996. С.141.

36. Принципы Европейского договорного права. Подготовлены Комиссией по европейскому договорному праву. Части Г и II, 1999. / Пер. на русский язык осуществлен кафедрой коммерческого права юридического факультета МГУ им. М.В.Ломоносова под научной редакцией Б.И. Пугинского и А.Т. Амирова // Вестник ВАС РФ. 2005. №3. С. 125-177; №4. - С. 152-177.

37. Принципы международных коммерческих договоров (Принципы УНИДРУА) // Закон. 1995. № 12.

38. Вестник Высшего Экономического суда Республики Таджикистан. №3 1999.

39. Маҷмӯи қарорҳои Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2004-2015.

40. Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2004, №1 «Дар бораи баъзе масъалаҳои вобаста ба шартномаи маҳсулотсупорӣ».

41. Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2009, №2 «Дар бораи баъзе масъалаҳои амалияи баҳсҳои вобаста ба бастан, иҷро карда ва бекор кардани шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ».
42. Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007, №7 «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр».
43. Постановление Пленума Верховного суда РФ и Пленума Высшего Арбитражного суда РФ от 1 июля 1996 г, № 6/8 «О некоторых вопросах, связанных с применением части первой Гражданского кодекса Российской Федерации». П. 11.
44. Постановление Президиума Высшего Арбитражного Суда РФ от 11.03.1997 г. №4378/96 (по материалам СПС «Консультант Плюс»).
45. Постановления Президиума Высшего Арбитражного Суда РФ от 24.07.1997 г. №1605/97, от 29.10.1996 №281/96 и др. (по материалам СПС «Консультант Плюс»).

**Руйхати адабиётҳо истифодашуда:**

46. Ануфриева Л.П. Международное частное право: В 3-х т. Том 2. Особенная часть: Учебник. - М.: БЕК, 2000. -С. 358.
47. Абдулоев А.А., Раупова М.Т. Гражданское право. – Часть 2. Учебник. – Худжанд. 2012.
48. Белов В.А. Денежные обязательства Москва АО «Центр ЮрИнфоР» 2001. - С 10.
49. Белов В.А. Гражданское право: Общая и Особенная части: Учебник. - М.: ЦентрЮрИнфоР, 2003. - С.734,737.
50. Белевич А.В. Об ответственности за неисполнение денежного обязательства // Ҳамон ҷо. 1998. N 12.
51. Брагинский М.И. Договорное право. М., 1997. - С. 343.
52. Блых В.С., Дубинчин А.А., Скуратовский М.Л. Правовые основы несостоятелности (банкродства): Учебно практическое

пособие/Под общей ред. Проф.В.С. Якушева.- М: НОРМА, 2001.-С.29.

53. Васильева Е.А., Гражданское и торговое право капиталистических государств / Под ред. 1992. - С.293.

54. Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежными средствами: Комментарий к постановлению Пленума Верховного Суда РФ и Пленума Высшего Арбитражного суда РФ от 8 октября 1998 г. N 13/14 // Хозяйство и право. 1998. №12. - С.26.

55. Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежными средствами. _ С.26; Он же. Проценты по денежному обязательству как форма ответственности // Хозяйство и право. 1997. № 8. С.70.

56. Витрянский В.В. Проценты по денежному обязательству как форма ответственности.// Хозяйство и право. 1997. №8. - С. 66.

57. Витрянский В.В. Проценты за пользование чужими денежыми средствами. // Хозяйство и право, 1998, №11, - С.24.

58. Гафуров А. Д. Дисциплина расчетов в условиях рыночной экономики., Душанбе ирфон 2006 г. - С.138

59. Гаврилов Э. Некоторые аспекты ответственности за нарушение денежных обязательств // Хозяйство и право. 2001. № 9. - С.89-96; Он же. Ответственность за неисполнение денежного обязательства // Российская юстиция. 1997. №11. - С.13-15; Попов А.А. Ответственность за неисполнение денежного обязательства // Хозяйство и право. 1997. №8. - С.74-81.

60. Голованов Н.М. Обязательственное право. Учебник.- СПБ.: Питер, 2002. – С.10.

61. Гришаев С. Вещи как объекты гражданских прав: изменения правового регулирования // Хозяйства и право №4, 2014 - С.50-52.

62. Добрачёв Д., Роли кредитора и должника в процессе формирования денежного обязательства // Хозяйство и право №6, 2013. - С.92.

63. Ерпылеева Н.Ю. Статус расчётных право отношении (проблемы теории и практики). Государство и право.-2001.№12.-С.66.

64. Ефимова Л.Г. Об ответственности по договору банковского счета // Бизнес и банки. 1996. № 9.

65. Жарский А. Проценты за просрочку денежного обязательства по внешнеторговым контрактам как средство правовой защиты пострадавшей стороны // Хозяйство и право. 2001. №11. - С.40-47.

66. Зойиров Р.Ҳ., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи бонкӣ. (дастури таълимӣ) ҶДММ «Шуҷоиён» ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», №47. - С.30-31.

67. Иоффе О.С. Обязательственное право. – М.: юр, лит., 1975. – С.8.

68. Иоффе О.С. Развитие цивилистической мысли в СССР. Л.: 1975. –С.76.

69. Ипатов А.Б. Отдельные вопросы применения статьи 395 ГК РФ//Юрист, 2001. №10.

70. Курбонов К.Ш. Гражданское право. – Часть 1. (Учебник). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 488.

71. Королев Р.А. Понятие обязательства: теория и практика // Юридический мир. 1999.№9. - С.42.

72. Комаров А.С. Ответственность в коммерческом обороте. М., 1991. - С.119.

73. Красавчикова. М.: Советское гражданское право. Том 1/ 1968. –С.413.

74. Лунц Л.А. Денежные обязательства в гражданском и коллизионном праве капиталистических стран. М.: 1948. –С. 12.

75. Лунц Л.А. Деньги и денежные обязательства в гражданском праве. М.; Статут.1999. - С. 129-138.

76. Лунц Л.А. Денги и денежные обязательства. М., 1927. - С.56.

77. Лунц Л.А. Денежные обязательства в гражданском и коллизионном праве капиталистических стран. М.: 1948. –С. 17.
78. Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. – Спб.: Юридический центр Пресс, 2001.- 250с., Указ. соч. - С.38.
79. Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. - С. 102-108.
80. Махмадшоев Ф.А. Правовое Обеспечение индивидуального предпринимательства в РТ Душанбе, 2012. - С.65.
81. Нодиров Ф.М. Некоторые правовые проблеми соотношения понятий «расторжение договора» и «признания договора недействительным» // Государственное управления научно-политический журнал института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан январ – март 2015 г., №1(25) - С.35.
82. Новоселова Л.А. Проблемы гражданско-правового регулирования расчетных отношений. Автороф.дис д-ра юр. Наук. М., 1997. - С.19.
83. Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. Изд. 2-е., испр. и. - М.: Статут, 2003. - С.52.
84. Новоселова Л.А. О правовых последствиях нарушения денежного обязательства. //Вестник Высшего Арбитражного Суда Российской Федерации.1999.№3. - С.69.
85. Пулатов А.С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности иностранных хозяйствующих субъектов на территории РТ. Из. ООО «Империал-Групп». – от 5.11.2014. - С. 12.,
86. Попов А.В. Ответственность за неисполнение денежного обязательства// Хозяйство и право. 1997. №8, -С.7-9.
87. Полонский Э.Г., Компанеец Е.С. Применение законодательства о кредитовании и расчётах. М., 1967.

88. Раҳимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств (Встречное исполнение), Душанбе, 1990.-с.21.

89. Раҳимов М.З. Конечний результат предпринимательской деятельност:теория и правовое регулирование-Душанбе, 2007, - С.261.и др.

90. Рахимов М.З., Вестник Высший Экономический суда Республики Таджикистан, №3, Ответственность предпринимателя за нарушение договорных обязательств. 1999. - С.66.

91. Розенберг М.Г. Правовая природа процентов годовых по денежным обязательствам // Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика: Сборник памяти С.А. Хохлова. М., 1998. - С.322.

92. Сарбаш С.В. Исполнение договорного обязательства. – М.: Статут, 2005. – 636 с. ISBN 5-8354-0271-6 (в пер.).

93. Суханов. Е А. Денежные обязательства// Гражданский кодекс России. Часть вторая. Договора и другие обязательства (текст проекта, комментарии, проблемы). М.:Международный центр финансово-экономического развития. 1995. - С. 295 - 296.

94. Суханов Е.А. О юридической природе процентов по денежным обязательствам // Законодательство. 1997. № 1.

95. Садиков О.Н. Уплата процентов по денежным обязательствам. // Хозяйство и право.1987. №8. - С.5-6.

96. Шарифзода Р. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе: «ЭР-граф», соли 2008.

97. Толстой В.С. Отдельные виды обязательств, не известных гражданским кодексом союзных республик // Советсвое государство и право. 1971. №10.

98. Толстого Ю.К., Сергеева А.П. М., Гражданское право. Часть 1. Учебник./ Под ред. 1997. - С.203-473.

99. Толстой В.С. Исполнение обязательства. М.,1973. - С.5.

100. Тирская Е., Долг платежом красен // эж-ЮРИСТ. - 2001. №5. - С.2.

101. Тосунян Г.А. Банковское право Российсикой Федерации. Особеная часть Б23 В 2 т.: Учеб. // М.: Юрист, 2004. – Т. 2. - С.783.

102. Хохлов В.А. Ответственность за пользование чужими денежными средствами //Хозяйство и право. 1996. № 8. - С. 43.

103. Эльясон Л.С. Деньги, банки и банковские операции.- М.:Экономическая жизнь,1926. - С.143.

**МАНСУРӢ ШОДМОН ҶАМОЛИДДИНЗОДА**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ба матбаа 03.09.2019 супорида шуд.
Ба чопаш 23.09.2019 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 7,75.
Супориши №124. Адади нашр 300 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе кӯчаи Лоҳутӣ, 2.